ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 371+378 (575.3)

ТКБ: 74.200+74.58 (2 тоҷик)
Р – 47

РАҶАБЗОДА ДИЛШОД АМИРАЛӢ

ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁН БА МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ҲАМЧУН АСОСИ ИҶТИМОИШАВИИ ШАХСИЯТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ.С.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

Муқаддима..... 5
Тавсифи умумии таҳқиқот..... 8
Боби 1. Асосҳои назариявии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар зинаи таҳсилоти олии педагогӣ..... 20
1.1. Хусусиятҳои хоси таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити муосир..... 20
1.2. Мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва омилҳои ташаккули он..... 38
1.3. Хусусиятҳо ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ..... 49
Хулосаи боби якум..... 63
Боби 2. Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир..... 65
2.1. Мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум..... 65
2.2. Модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ..... 77
2.3. Шароити педагогии таъмини мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ 88
Хулосаи боби дуюм..... 100
Боби 3. Таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ..... 102
3.1. Мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ..... 102
3.2. Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ..... 122
Хулосаи боби сеюм..... 155
Хулоса..... 158
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..... 162
Рӯйхати адабиёт..... 165
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..... 178

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа масъалаи такмил ва инкишофи низоми тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат рақобатпазир яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мубрамияти масъала пеш аз ҳама бо номувофиқии мушоҳидашавандаи байни сатҳи воқеии тайёрии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва талаботи афзояндаи ҷомеа ба сифати фаъолияти омӯзгорон, инчунин бо зарурати ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбии устувори мутахассисони ҷавон шарҳ дода мешавад.

Айни замон, низоми таҳсилоти олии педагогии кишвар марҳилаи ислоҳот ва навсозии амиқро аз сар мегузаронанд. Аз як ҷониб, дар ҷомеа ва бахусус дар соҳаи маориф зуҳури равандҳои буҳронӣ, ки бо паст будани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони оянда алоқаманданд, ба назар мерасад; аз ҷониби дигар, дурнамои рушду инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат муайян шудааст, ки он имкониятҳои воқеии татбиқи дигаргуниҳои сифатиро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар низоми таҳсилоти олӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ, фароҳам меорад.

Мубрамии таҳқиқи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуқӯъ мепайванданд, вобаста аст. Ин дигаргуниҳо, дар навбати худ, ба низоми таҳсилот талаботи нав мегузоранд, ки аз он омода намудани мутахассисони рақобатпазир, дорои тафаккури интиқодӣ ва қобилияти мутобиқ шудан ба шароитҳои тағйирёбандаро тақозо мекунанд. Дар ин замина, мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ на танҳо ҳамчун раванди азхудкунии донишҳо ва малакаҳо, балки ҳамчун раванди фаъолонаи иҷтимоишавӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои шахсӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва муоширатӣ баррасӣ мегардад. Аз ин

рӯ, омӯзиши омилҳо ва шароитҳое, ки ба мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯён мусоидат мекунанд, инчунин, муайян намудани роҳҳои бартарафсозии мушкилоти мутобиқшавии дар ин раванд бавуҷудомада аҳаммияти калидӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки моделҳои нави педагогии мутобиқшавии донишҷӯён, ки ба хусусиятҳои фардии онҳо, талаботи бозори меҳнат ва стандартҳои муосири таълимӣ ҷавобгӯ мебошанд, таҳия ва амалӣ карда шаванд. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ва рушди устувори ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ айни замон баҳснок боқӣ мемонад. Дар адабиёт муносибатҳои гуногунро ба муайян кардани меъёрҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ пайдо кардан мумкин аст. Аксари муҳаққиқон Реан А.А., Кудашев А.Р., Баранов А.А. ва дигарон, ки: ин ё он ҷанбаи иҷтимоишавиро мавриди омӯзиш қарор дода, меъёрҳои онро ба ду гурӯҳи калон: «.. объективӣ ва субъективӣ муттаҳид мекунанд, ки онҳо вобаста ба ақидаҳои илмии муаллифон дар навбати худ низ ба категорияҳо тақсим мешаванд» [81].

Дар корҳои як қатор муҳаққиқон Л. Виготский [26], С.Л. Рубинштейн [85], Б.Г. Ананев [4], А.Н. Леонтев [58], масъалаҳои иҷтимоишавии шахс ба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи В.С. Илин ва В.А. Никитин «...самаранокии раванди таҳсилот ва иҷтимошавии дурусти шахсият, аз он вобаста аст, ки донишҷӯ то чӣ андоза зуд ва бомуваффақият ба шароити нави муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешавад» [37].

Файласуф Г.И. Сарегородсев [105]: «..мутобиқатшавии иҷтимоиро ҳамчун яке аз қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ медонанд, ки зимни он фаъолияти фаъоли дигаргунсозии одамон ва раванди дутарафаи созгоршавии низоми биологӣ ба муҳити атроф ва мутобиқсозии

фаъолонаи муҳит ба амал меоянд». В.В. Антипов [8], М.И. Бобнева [19], Р.Ф. Ихсанов [80], А.Л. Журавлев [31], А.Н. Леонтьев [58], А.В. Петровский [78], Е.В. Шорохова [114] чунин мешуморанд, ки: «...раванди мутобиқати иҷтимоиро аз тариқи хусусият ва самтҳои шахсиятии фард таҳлил кардан зарур аст. Маҳз дар ҳамин замина кор оид ба фардикунонии раванди мутобиқшавӣ ба роҳ монда мешавад». Мутахассисони соҳаи педагогика ва психологияи иҷтимоӣ, аз қабили: И.З. Коган [41], Е.С. Кузмин [50], Б.Д. Паригин [75], А.А. Реан [83], А.Л. Свенцицкий [88] ва дигарон, мутмаинанд, ки «…маҳз хусусияти хоси фаъолияти инсон оид ба тағйир додани муҳити атроф раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад» [41, 50, 75, 83, 88],

Барои ҳалли масъалаи мазкур заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар илми педагогӣ ҳанӯз вуҷуд надоранд. Масъалаҳои донишҷӯёни ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ асосан дар маҷрои мутобиқшавии иҷтимоӣ аз ҷониби илми педагогии россиягӣ (Д.А. Андреева, Л.П. Буева, П.А. Просецкий, Г.И. Сарегородсев ва диг.) мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз нуқтаи назари хусусиятҳои физиологӣ он дар корҳои М.И. Дяченко, И.А. Зимняя ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Дар таҳқиқоти педагогию психологии солҳои охир тамоюли таҳияи роҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён ба таҳсилоти олӣ аз тариқи омилҳои беруна ва ботинии самаранокии он (Л.Г. Егорова, В.В. Лагерев, Л.Н. Жмириков ва диг.) ба мушоҳида расида, «…масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар як қатор корҳои бахшида ба масъалаи муваффақиятнокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» (В.А. Аверин, А.С. Агафонова, Н.И. Мешков, А.А. Реан, С.Д. Смирнов, В.А. Якунин ва диг.) ҷузъан дахл карда шудааст.

Педагогҳо В.Н. Грибов, В.М. Дугинетс ва дигарон чунин мешуморанд, ки «…дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ шахсият ба

намудҳои гуногуни фаъолият, инчунин ба объектҳои олами моддӣ мутобиқ мешавад»» [28], [30].

Дар корҳои муҳаққиқон В.С. Олейников «...масъалаҳои назариявии: раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун раванди азхудкунии таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ» [71]; Г.Б. Андреева: «…аз рӯи имкон инкишоф додани реҷаи оптималии фаъолияти максадноки шахсият, яъне расонидани он ба шароити мушаххаси замон ва макон» [7]; И.А. Зимняя: «…мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун раванди фаъол, мақсаднок, дигаргунсозанда, ки дар асоси фаъолияти фикрӣ ва худшиносӣ, ҳамчун омилҳои дарки олам ва мавҷуд будани худ аз ҷониби шахсият сурат мегирад» [35]; И.В. Ширяева: «…консепсияи мутобиқшавии иҷтимоӣ барои бартараф кардани мушкилоти муайян аз тариқи кӯшиши шахс»; Ю.Н. Колесников: «...мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун раванди «болошавии фард» ба маҷмуи нақшҳо ва шаклҳои фаъолият мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд» [112] ва дигарон.

Тавре таҳлили дараҷаи мавзуи таҳқиқоти мазкур нишон дод, дар шароити ҷорикунии стандартҳои нави таҳсилоти олии касбӣ, ки талаботи навро барои таълими касбӣ муайян мекунад, кор оид ба мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ бояд ба муайян ва ошкор намудани мушкилоти мутобиқшавии онҳо, таҳияи низоми тадбирҳои мутобиқшавие такя намояд, ки имкон медиҳанд дар муҳлатҳои кӯтоҳ донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти фаъоли маърифатие ворид карда шаванд, ки дар онҳо қобилияти ҳалли мустақилонаи вазифаҳои таҳсилотӣ ва касбиро ташаккул медиҳад. Аммо то ҳанӯз дар адабиёти илми педагогикаи тоҷик, ба ғайр аз чанд мақола, низоми илман асоснокшудаи амалҳое, ки имкон медиҳанд масъалаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ зимни таълими фанҳои педагогӣ ҳаллу фасл карда шаванд, таҳия нашудааст.

Ҳамин тариқ, дар назария ва амалияи таҳсилоти олии педагогӣ **ихтилофот** миёни зарурат ва талабот ба такмили раванди мутобиқшавии

донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо, аз як тараф, ва таҳияи нокифояи назариявӣ ва амалии ташкили ин раванд дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, аз тарафи дигар, ба вуҷуд меояд. Ихтилофи бавҷудомада бо номувофиқатии миёни сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи талаботи ба шахсият ва фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯи муосири мактаби олии омӯзгорӣ пешниҳодшаванда ва тайёрии амалии онҳо ба он; талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар асосноккунии назариявӣ ва таъмини илмию методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва баланд шудани нишондиҳандаҳоии таълимии онҳо мусоидат мекунад, муайян мешавад.

Аҳаммияти педагогию иҷтимоӣ ва таҳияи нокифояи назариявӣ **муаммои** тадқиқотро муайян карданд: ба кадом тариқ мақсад, мазмун ва технологияҳои таълими фанҳои педагогиро дар курси якум ташкил додан мумкин аст, то ки онҳо ба мутобиқшавии беҳтарини донишҷӯ ба раванди таҳсилоти олии омӯзгории педагогӣ мусоидат намоянд? Зарурати таҳқиқу таҳлилу баррасии масъалаи мазкур мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро дар мавзуи: «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» муайян намуд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - с. 2004, «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумхурии Тоҷикистон» - с. 2002, «Консепсияи тарбияи Ҷумхурии Тоҷикистон» - с. 2006, ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи маориф мувофиқат дорад. Мавзӯи рисола бо лоиҳаҳои инноватсионии рушди таҳсилоти олӣ, ки ба баланд бардоштани сифати

таълим ва мутобиқсозии муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педаогӣ ба талаботи ҷомеаи муосир равона шудаанд, ҳамбастагӣ дорад. Тадқиқот ба татбиқи назарияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар шароити муосири таҳсилоти олӣ мусоидат мекунад. Мавзуи рисола бо таҳқиқоти илмии соҳаи психологияи педагогӣ оид ба мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён ва рушди шахсияти онҳо робитаи зич дорад. Ин таҳқиқот ба барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кураторони гурӯҳҳои донишҷӯён ҳамчун асоси илмӣ хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои он дар лоиҳаҳои таъмини муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқшаванда мебошанд. Ҳамчунин, рисола бо самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба иҷтимоишавӣ ва рушди шахсият мутобиқ аст. Дар маҷмуъ, таҳқиқот ба татбиқи сиёсати давлатии рушди захираҳои инсонӣ ва таҳсилоти касбӣ-педагогӣ саҳм мегузорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти диссертатсионоӣ масъалаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир, мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вазъияти воқеии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла шаклу усулҳо ва самаранокии истифодаи онҳо мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудааст.

Мақсади таҳқиқот – муайянкунӣ ва асосноккунии хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир.

Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсияи пешниҳодшуда дар чунин бандҳо муайян гардидааст:

– баррасии назариявии вижагиҳои асосии таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо мақсади ошкор намудани шароити педагогии мутобиқшавии раванди таълиму тарбия, инчунин муайян ва дақиқ намудани мафҳумҳои калидии дар доираи тадқиқот истифодашаванда: «мутобиқшавӣ», «иҷтимоишавӣ», «нишондиҳандаҳои иҷтимоишавӣ» ва муносибатҳои педагогию психологӣ ба тафсири онҳо;

– баррасии мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ва мутобиқи он таҳия ва татбиқ намудани маҷмуи шартҳои педагогии зарурӣ барои мутобиқсозии бомуваффақияти донишҷӯёни куси якуми массисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар низоми кори таълимию тарбиявӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо хизмат мекунанд;

– баррасии масъалаҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ва шароити педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва таҳияи модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо мусоидат мекунад;

– бо роҳи гузаронидани тадқиқоти эмпирикӣ санҷидани шароити иҷтимоӣ-педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ мусоидат мекунад, ва дар асоси он пешниҳоди хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввали таҳсил ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

Объекти таҳқиқот – раванди мутобиқшавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ.

Мавзуи таҳқиқот – хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба

муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир.

Фарзияи таҳқиқот – мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар асоси шароити мувофиқи педагогӣ самаранок гардида, рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳоро таъмин мекунад, агар:

- раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун вазифаи махсуси таълими фанҳои педагогӣ, асоси иҷтимоишавӣ ва омили баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии онҳо муайян карда шавад;

- хусусиятҳои педагогии раванди мутобиқшавӣ ба таври ҳамаҷониба муайян ва таҳлил намудани монеаҳое, ки донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дучор мешаванд, ҳаматарафа ошкор карда шавад;

- модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ки ба ҳаматарафа тайёр кардани донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти ояндаи касбӣ нигаронида шудааст, таҳия карда шавад;

- заминаи меъёрии баҳодиҳии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бар асоси сохтори ҷузъии хусусиятҳои педагогии шахсият муайян карда шавад, он гоҳ имкони арзёбии дақиқ ва ҳамаҷонибаи раванди мутобиқшавии онҳо таъмин мегардад;

- самаранокии модели таълими фанҳои педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавии курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии педагогӣ мусоидат мекунад, татбиқ гардад, хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба мутобиқшавии онҳо ба раванди мазкур пешниҳод карда шавад.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Тадқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила гузаронида шуд.

Марҳилаи якум, муайянкунанда (солҳои 2019-2020) – ба омӯзиши вазъи масъалаи мавриди баррасӣ дар адабиёти илмӣ ва амалияи муассисаи таҳсилоти олӣ бахшида шуда буд. Дар ин давра дастгоҳи ибтидоии категориалии таҳқиқот муайян карда шуда, таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва муҳаққиқони алоҳида дар ҳалли масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум мавриди таҳлил қарор дода шуд; тасвиби ибтидоии модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум таҳия ва гузаронида шуд, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти муассисаи таҳсилоти оли мусоидат намуда, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, инчунин, мушкилоте, ки дар донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ба вуҷуд меоянд, омӯхта шуданд.

Дар марҳилаи дуюм, ташаккулдиҳанда (солҳои 2021-2023) модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳилотии муассисаи таҳсилоти оли мусоидат намуда, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Асосноккунии зарурати ҷорикунии амсилаи таҳияшуда ироа гардида, шароити фаъолияти амсила мавриди санҷиш қарор дода шуда, ҷамъоварӣ, коркарда ва таҳлилу арзёбии маводи бадастомада амалӣ карда шуданд.

Дар марҳилаи сеюм, назоратӣ (солҳои 2024-2025) вобаста аз таҷрибаҳои гузаронидашуда ва таҳлилу хулосаҳои илмӣ-методологии мавзуъ мазмуну мундариҷа дар доираи мақсадҳои гузошташуда марҳила ба марҳила аз нигоҳи омодагӣ ба татбиқи дастовардҳо бо иштироки донишҷӯён – омӯзгорони оянда, ки дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти ду муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ

омодагӣ ба фаъолияти касбӣ доштанд, инчунин омӯзгороне, ки собиқаи кории аз 3 сол зиёд доштаанд, зери таҳлил ва хулосабарорӣ қарор гирифта шуданд, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссерптатсионӣ ҷамъбаст гардида, матни таҳқиқоти диссертатсионӣ мураттаб карда шуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро консепсияҳои табиатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва педагогию психологӣ (Б.Г. Ананев, В.В. Антипов, Р.Ф. Ихсанов, А.В. Петровский, П.А. Просеский, В.Н. Соловев ва дигарон); назарияи психологии фаъолият (К.А. Абулханова-Славская, Л.С. Виготский, Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Д.И. Фелдштейн ва диг.); муқаррароти пешбари назарияи фаъолияти таълимӣ (В.В. Давидов, И.И. Илясов, Я. Ляудис, В.А. Сластенин ва дигарон); консепсияҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ (В.А. Болотов, Г.А. Борсовский, А.А. Орлов, Н.Ф. Радионова, Н.К. Сергеев, В.В. Сериков, А.П. Тряпицина, Н.А. Шайденко ва дигарон) ташкил доданд.

Ҳамчун асоси назариявии тадқиқот инчунин муносибати низомнок ба омӯзиши падидаҳои педагогию психологӣ (И.В. Блауберг, Ф.Ф. Королев, Б.Ф. Ломов, В.Н. Садовский, Э.Г. Юдин ва дигарон); муносибати салоҳиятнок ба таҳқиқи таҳсилот ҳамчун муносибати аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои таълими касбии омӯзгорони оянда (В.П. Бездухов, Е.В. Бондаревская, Б.С. Гершунский, В.А. Сластенин, И.Л. Федотенко, Н.Е. Шуркова ва диг.арон; корҳо оид ба методология, методҳо ва сохтори таҳқиқоти педагогӣ (Н.В. Борсовская, В.И. Загвязинский, В.В. Краевский, А.М. Новиков, В.М. Полонский ва дигарон); консепсияи тарҳрезӣ ва амсиласозии педагогӣ (В.П. Беспалко, А.Н. Дахин, Е.С. Заир-Бек, И.А. Колесникова, Н.О. Яковлева ва дигарон) хизмат карданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқотӣ **методҳои** зерини тадқиқот истифода шуданд:

- *методҳои назариявӣ;* таҳлилу баррасии адабиёти фалсафӣ, методологӣ, педагогию психологӣ ва иҷтимоӣ оид ба мавзуи тадқиқот; таҳлилу баррасии илмӣ-методии мазмуни стандарти давлатии таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти махсус ва илмию оммавӣ, инчунин захираҳои интернет; моделсозии педагогӣ;

- *методҳои эмпирикӣ:* мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш ва назарсанҷии шифоҳӣ ва хаттӣ, гузаронидани санҷиш (тест), суҳбатҳо бо ҳайати профессорону омӯзгорон, бо донишҷӯёни гурӯҳҳои таълимӣ (инфиродӣ ва ҷабҳавии эмпирикии тадқиқот.

Сарчашмаи маълумот. «Маҷмуи маълумоти таҳлилии хусусиятҳои хоси рушди шахсият дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ва мазмуну мундариҷаи фазои инноватсионии таҳсилот» (А.В. Хуторский), «...модел ва технологияҳои ташхиси педагогӣ, ташаккули маҳорати педагогӣ, назария ва амалияи лоиҳакашии педагогӣ» (В.В. Николина, В.П. Беспалко), заминаҳои илмӣ-амалиявии ба ҳам воридшавии азхуд намудани донишҳо ва рушди зеҳнии шахсияти ташаккулёбанда (.номи олимонро навис, ки дар рӯйхати адабиёт бошад.....), хусусиятҳои хоси ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ фаъолгардонии раванди таълим, инчунин дигар сарчашмаҳо, олимони соҳа ва равияҳои гуногун ташкил медиҳанд. Инчунин, зимни муайян намудани мазмуну мундариҷаи технология ва моделҳои пешниҳодгардида дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ», интихоб гапрдидаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаи эмпирикии тадқиқотро таҳлил ва мушоҳидаи раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Таҳқиқот дар шакли пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва мушоҳидаҳои педагогӣ гузаронида шуда, беш аз 200 нафар донишҷӯён ва омӯзгоронро дарбар гирифт. Дар раванди таҳқиқот нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ муайян карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада имкон доданд, ки самаранокии модели едагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ арзёбӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия гарданд.

Пойгоҳи тадқиқот таҳқиқоти озмоишӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шудааст. Таҳқиқот 400 нафар донишҷӯи факултетҳои гуногуни равияи омӯзгории зинаи бакалавриати муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии номбурда ва 20 нафар омӯзгорони кафедраҳои педагогикаро фаро гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст:

- мушаххасоти асосӣ ва мазмуни аслии мафҳуми «мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» муайян карда шуд;

- дар сатҳи зарурӣ ворид шудани донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ – тарбиявӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии иҷтимошавии онҳо ба раванди таҳсилот нишон дода шуд;

- модели методии таълими фанҳои педагогӣ барои курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ки ба ҳаматарафа тайёр кардани донишҷӯёни курси якум нигаронида шудааст, таҳия карда шуд;

- заминаи меъёрии баҳодиҳии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бар асоси сохтори ҷузъии хусусиятҳои педагогии шахсият муайян карда

шуда. арзёбии дақиқ ва ҳамаҷонибаи раванди мутобиқшавии онҳо таъмин гардид;

- самаранокии модели таълими фанҳои педагогӣ, ки ҳамчун асоси иҷтимоишавии курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олии педагогӣ мусоидат мекунад, татбиқ гардида, хулоса ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба мутобиқшавии онҳо ба раванди мазкур пешниҳод карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Муайян карда шуд, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум раванди мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, аз азхудкунии талаботи таълим, ташаккули арзишҳои маърифатӣ, рушди малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва касбӣ, инчунин ташаккули қобилияти худназоратӣ ва худбаҳодиҳӣ иборат мебошад.

2. Муқаррар гардид, ки мутобиқшавии босамари донишҷӯёни курси якум тавассути ҷалби фаъоли онҳо ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ таъмин гардида, ба иҷтимоишавӣ, рушди малакаҳои ташкилӣ, коммуникативӣ ва касбӣ, инчунин баланд гардидани ҳавасмандии таълимӣ мусоидат мекунад.

3. Асоснок карда шуд, ки мутобиқшавии устувор ва самараноки донишҷӯёни курси якум дар асоси маҷмӯи шартҳои педагогӣ, аз ҷумла ҳамкории созандаи омӯзгор ва донишҷӯ, фаъолияти дастаҷамъона, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ, дастгирии эҷодӣ ва рушди худбаҳодиҳӣ ва худидоракунӣ таъмин мегардад.

4. Таҳия ва исбот карда шуд, ки модели методии таълими фанҳои педагогӣ, ки ба усулҳои муосири таълим, муносибати муколамавӣ, технологияҳои дастгирӣ ва ҳамроҳӣ, инчунин ҳамкории фаъол асос ёфтааст, самаранокии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро баланд мебардорад. Самаранокии он тавассути низоми меъёрҳои арзишӣ-ҳавасмандӣ, маърифатӣ, ташкилӣ ва рефлексивӣ тасдиқ гардид.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз муайян намудани мафҳуми «мутобиқшавӣ» нисбат ба шароити педагогии таълими донишҷӯёни соли якуми таҳси дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ; низомбандии муносибатҳои назариявӣ ба таҳқиқи иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо; муайян кардани унсурҳои соҳаҳои дидактикӣ, педагогӣ, коммуникативӣ, маишӣ, фароғатӣ ва ғайра; муайян намудани захираи рушддиҳандаи шахсияти донишҷӯи курси якум дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ; таҳияи алгоритми бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ; ташаккулёбии маҳорату малакаҳои мутобиқ ба таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ; муайян кардани мушкилоти донишҷӯёни курси якум дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ иборат мебошад. Хулосаю натиҷагириҳои дар тадқиқот баёнгардида тасаввуротро дар бораи хусусиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ пурра мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз имконияту зарурати татбиқи васеи маҷмуи шароити педагогӣ ва метод, барномаҳо ва технологияҳои таҳияшудаи донишҷӯёни курси якуми таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба раванди таълимӣ дар он бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии шахсият иборат мебошад. Натиҷаҳои кори мазкур ба пешгирии иҷтимоишавии нодурусти донишҷӯи курсҳои аввал дар шароити қарор гирифтанаш дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, ташхиси барвақтии иҷтимоишавии нодурусти шахсияти ӯ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ояндаи касбиаш нигаронида шудаанд. Муқаррароти асосии тадқиқот, далелҳо ва хулосаю натиҷагириҳои онро дар раванди таҳияи моделҳои иҷтимоишавии шахсият дар муассисаҳои таҳсилоти равияҳои гуногун истифода кардан мумкин аст. Мавод ва натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси курсҳои умумии лексионӣ ва курсҳои махсус хизмат карда,

дар кори таҳсилӣ-фаъолиятӣ бо донишҷӯёни курси якуми муассисҳои таҳсилоти олии педагогӣ, дар курсҳои такмили ихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи доираи васеи манбаъҳои илмӣ, таҳлилу баррасии онҳо, инчунин мутобиқати методҳои дар тадқиқот истифодашуда ба мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи кори диссертатсионӣ, низоми мавод ва далелҳои ҷамъоварӣ ва ҷамъбастшуда, бо кори мантиқи тадқиқоти эмпирикии иборат аз озмоишҳо дар марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ, бо мутобиқати арзёбии маълумоти бадастомада дар марҳилаҳои гуногуни тадқиқоти эмпирикӣ ва коркарди сифатию миқдории онҳо, бо экспертизаи мустақил, бо тасдиқи фарзияи пешниҳодшудаи тадқиқотӣ бо натиҷаҳои тадқиқоти эмпирикӣ ва таҳлили илмӣ таъмин шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни иҷрои тадқиқот амсилаи педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун омили асосии иҷтимоишавии шахсият таҳия ва мавриди санҷиши таҷрибавӣ қарор дода шудааст. Довталаб мустақилона дар интихоби мавзуъ, муайян намудани масъалаҳои илмӣ, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳои

тадқиқот, инчунин дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти эмпирикӣ саҳм гузоштааст. Дар натиҷаи таҳқиқот меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум муайян гардида, самаранокии модели пешниҳодшуда исбот карда шуд. Ҳамчунин, аз ҷониби довталаб тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили фаъолияти кураторҳо, беҳсозии муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва густариши ҳамкории иҷтимоиву педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ таҳия шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими фанҳои педагогӣ, фаъолияти кураторҳо ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор гиранд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар раванди таълим дар муассисаҳои илмӣ-таълимӣ истифода шуда, ғояҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ, минтақавӣ пешниҳод гардида, мавриди тасвиб қарор гирифта, дар кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, мусбат арзёбӣ карда шуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» бо зербахшҳои «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия» ва бахши «Замимаҳо» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 180 саҳифа иборат буда, 1 расм, 13 диаграмма ва 17 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Дар ҳар се боби диссертатсия рақамгузории расму диаграмма ва ҷадвалҳо умумӣ

мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 213 номгӯй иборат аст. Дар охири диссертатсия бахши замимаҳо оварда шудааст, ки дар он барномаи семинартренинг, анкета пурсишнома барои омӯзгорон ва донишҷӯён ва санадҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар раванди таҳсилот ҷой дода шудаанд.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ БА РАВАНДИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ДАР ЗИНАИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

1.1. Хусусиятҳои хоси таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити муосир

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дараҷаи омодагии коршиносон аз рӯи механизми интихоб ва ҳамгироӣ ба раванди таълим дар донишгоҳҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, имконияти фардии донишҷӯ дар ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш, муайян намудани мавқеъ дар ҳолатҳои тағйирёбанда ва ҳаҷми зиёди иттилооти гуногун, аҳаммияти калидӣ дорад. Дар чунин шароит таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифадор аст, ки сатҳи зарурии камолоти шахсият ва рушди касбии омӯзгорони оянда, аз ҷумла салоҳиятҳо ва малакаҳои педагогии онҳоро таъмин намояд. «Бе ин амалисозии босамари барномаҳо ва стратегияҳои таълимӣ ғайриимкон мегардад. Пешрафти ислоҳоти низоми тайёр кардани омӯзгорон аз сифати интихоби ихтисос аз ҷониби довталабон ва ҳамчунин аз дараҷаи мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии олӣ вобастагии калон дорад» [53; 44; 55].

«Низоми таҳсилоти муосир давраи дигаргунсозии куллиро тай намуда, дар ин росто, рушди инноватсионии таҳсилоти олӣ, аз ҷумла омӯзгорӣ, дар Тоҷикистон низ як раванди табиӣ ва ногузир ба назар мерасад. Таъкид мешавад, ки низоми таҳсилоти олӣ бояд ба талаботи бозори кор, истеъмолкунандагони хадамоти таълимӣ ва корфармоён мутобиқ карда шавад. Заминаи назариявие, ки аз тарафи илм пешниҳод шудааст, ҳалли масъалаҳои илмӣ-амалиро талаб мекунад, ки дар самти рушди таҳсилоти олӣ таҳия ва амалӣ мешаванд» [53].

Дар назди мактабҳои олии омӯзгории ҷумҳурӣ вазифа гузошта шудааст, ки шахсияти соҳибкасби кордон, мутахассис дар кор ва ҳаёт фаъол, салоҳиятноку бомуваффақиятро тайёр кунанд. Донишҷӯи муосир бояд омода ба ҷустуҷӯи роҳҳои навоварона, ба таҳсилоти бетанаффус

дар тӯли ҳаёт буда, дорои тафаккури эҷодӣ, маҳорату малакаҳои интихоби роҳи касбии худ бошад.

Таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои омӯзгорони оянда бояд ба зинаи пешрафти фардӣ ва касбӣ табдил ёбад. Дар ин марҳила, донишҷӯ бояд дар самти худтакмилдиҳӣ, худбаҳогузорӣ, худмаърифат, худтанзимкунӣ ва рушди қобилияти зеҳнӣ такон гирад. Ҳамчунин, ӯ бояд ба ташаккули ҳавасмандӣ, арзишҳои таълимӣ-маърифатӣ ва сифатҳои шахсӣ-касбӣ ҳавасманд гардад. Муҳим аст, ки донишҷӯ аз курси аввал ба хусусият ва суръати таълим дар донишгоҳ омода бошад. Бо вуҷуди ин, аксари довталабон, чуноне ки ҷомеашиносон таъкид мекунанд, таҳсилро ҳамчун арзиши асосии шахсӣ ва иҷтимоӣ қабул намекунанд, ки тасаввуроти на он қадар дуруст аст.

Дар шароити кунунии рушди таҳсилоти олии педагогӣ масъалаи муайян намудани нақш ва аҳамияти фанҳои педагогӣ дар ташаккули касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди баррасии муҳаққиқони сершумор қарор гирифтааст. Онҳо ин: «...тағйиротро бо тамоюли гуманизатсия (инсондустӣ) ва гуманитаризатсия (инсоншиносӣ)-и таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд мекунанд, ки ба мадди аввал масъалаи дарки инсон дар ҷаҳон, азхуд намудани тарзу усулҳои ҳамкорӣ бо онро ба миён гузоштаанд. Вобаста ба ин, мақоми педагогика ҳамчун илми гуманитарӣ (инсонпарварӣ), ки донишҳоро дар бораи инсон, ташаккул ва рушди он дар раванди интиқоли фарҳанг дар низоми фанҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамгиро месозад, ҳамчун фанни таълимие, ки дар тайёр кардани касбии донишҷӯён-омӯзгорони оянда вазифаҳои гуногуни методологӣ, умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва махсуси касбиро иҷро мекунад, тағйир меёбад» [10, с. 254-256].

Ба фанҳои педагогию психологӣ дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ҷойгоҳи махсус ҷудо карда мешавад. Онҳо бояд ба равандҳои зерин мусоидат намоянд:

- «...рушди малакаи муколама ва тафаккури муколамавӣ дар байни донишҷӯён;

- ба вуҷуд овардани маҷмуи донишҳо дар бораи инсон ҳамчун шахси пешрафта, ҳамчун иштирокчии фаъоли зиндагӣ ва фардият, инчунин дар бораи қонунҳои иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои ӯ бо дигарон, дар бораи моҳият ва мазмуни низомҳои таълимӣ, сохтори равандҳои таълимӣ, ташаккул ва тағйирёбии онҳо, дар бораи мувофиқати табиӣ ва фарҳангии таълим, вазифаҳо ва ҳадафҳои он, ва дар бораи худ ҳамчун субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ;

- омӯзиши донишҷӯён дар самти азхудкунии қобилиятҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои асосӣ барои мутобиқшавии фарҳангӣ ва таълимӣ. Дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилотиолии педагогӣ, донишҷӯён бояд усулҳои муошират бо иштирокчиёни таълим дар синну сол ва мавқеъҳои гуногуни иҷтимоӣ-психологӣ, инчунин этнопедагогика, психотерапия ва таҷрибаҳои озмоишӣ дар соҳаи таълим, усулҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ ва таҷрибаи лоиҳакашии низомҳои таълимиро аз худ намоянд» [86].

Дар замони муосир фанҳои педагогӣ ба воситаи муҳимтарини ташаккул ва рушди шахсиятӣ-касбии донишҷӯ табдил ёфтааст. Дар замони ҳозира, аз донишҷӯ тақозо мешавад, ки аз уҳдаи татбиқи донишҳои аз донишгоҳ касбкардааш дар шароити гуногуни зиндагӣ баромада, ташаббус нишон дода, ҳаёти худро дар заминаи маълумоти гирифтааш созмон диҳад. Коршиносони имрӯза фанҳои омӯзгориро бештар ҳамчун заминае барои муттаҳидсозии донишҳо дар бораи инсон, табиат, ҷомеа ва маданият арзёбӣ мекунанд, ки яклухтии омодагии касбии умумии омӯзгори ояндаро таъмин намуда, онҳоро дар муҳтавои таҳсилоти омӯзгорӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сохторӣ эътироф мекунанд [36].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки: «...таҳсилоти педагогии муосир ба ташаккул ва рушди олами фардии такрорнашавандаи ботинии маънавӣ,

ба тамоюл ва самтёбии донишҷӯ дар низомҳои арзишҳо, меъёрҳо, қоидаҳои фарҳангӣ, рушди тафаккури эҷодии ӯ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, дар чунин шароит тайёр кардани мутахассисони ояндаи педагогӣ аз таҳсилоти олӣ муносибатҳои навро ба ташаккул ва рушди шахсияти ӯ, раванди такмили ихтисоси ӯ, худмуайянкунии арзишии ҳаётии ӯ, фардияти эҷодӣ талаб мекунад. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ бояд дорои низоми донишҳо, қобилият ва маҳорату малакаҳои илмӣ-техникӣ бо дарназардошти хусусиятҳои кори оянда бошад. Ӯ, барои азнавсозии дониш ва маҳорату малакаҳо мувофиқи талаботи муосири замон бояд омода буда, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда маҳорату малакаҳои худмуайянкунии ӯ дар соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ аҳаммияти калон дорад» [36

Ҳамин тавр, вақтҳои охир вазифаҳои фанҳои педагогиӣ васеъ шуда, алоқаи онҳо бо фанҳои дигар зиёд шудааст. Раванди таълими фанҳои педагогӣ дар донишгоҳҳо ба такомули шахсӣ, таълимӣ ва касбии донишҷӯён равона гардида, барои фаҳмиши мукаммал ва азхудкунии воқеияти педагогӣ дар заминаи арзишҳои инсонгароёна имконият фароҳам меорад.

Маълум аст, ки дар замони муосир пешрафти технологияҳо дар таълими фанҳои педагогӣ тақвияти ҷанбаҳои фардии таълим ва тақвияти хусусиятҳои инсондӯстонаи онро тақозо менамояд. «Дар робита ба ин, чунин технологияҳои инсонпарварии таълим, аз қабили: технологияҳои рушди тафаккури интиқодӣ, рефлексивӣ, таълими лоиҳавӣ, фаъолияти муштараки маҳсулнок, тренинги стратегияҳои рафтори касбӣ ва маҳорату малакаҳои коммуникативӣ эътироф ва интишори торафт бештарро касб мекунанд. Истифодаи ин технологияҳо дар омӯзиши педагогика ба рушди мустақилияти таҳсилӣ-маърифатӣ, тафаккури интиқодӣ, рефлексия, ташаккули худбаҳодиҳии мувофиқ мусоидат намуда, ҳамкорӣ дар кори дастаҷамъона, мубодилаи арзёбии арзишҳоро

фаъол намуда, ташаккулёбии шахсиятии донишҷӯро таъмин менамояд» [42].

Дар раванди таълими педагогика ба донишҷӯён, ки омӯзгорони оянда ҳастанд, омӯзиши дарки амиқи маънои донишҳои пешрафтаи педагогӣ, ба кор бурдани самарабахши онҳо дар таҳлил ва тафсири ҳодисаҳову воқеаҳои иҳотакарда ва ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳои мухталифи педагогӣ аҳаммияти калон дорад [131, с. 56-59].

Дар бораи мазмуни фанҳои педагогӣ ҳамчун яке аз шартҳои имкониятҳои онҳо ҳарф зада, муҳаққиқон ба зарурати инъикоси масъалаи дар мазмун гузошташуда ишора мекунанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки: «...майлу рағбати донишҷӯёни мактаби олии омӯзгорӣ дар ҳолате фаъол мешавад, ки мазмун гуногунранг ва муҳим буда, ба талаботи шахсиятӣ ва таҳсилотии онҳо такя карда, ба ҳар як нафар имкон медиҳад фаъолнокӣ зоҳир намуда, мавқеи худро ошкор кунад. Ҷиҳати баланд бардоштани майлу рағбати таҳсилӣ-маърифатии донишҷӯён-омӯзгорони оянда пешниҳод карда мешавад, ки иттилооти пурра оид ба мақсадҳои фаъолияти пешниҳодшаванда, рафт ва усулҳои татбиқи он ба мазмуни таҳсилоти педагогӣ ворид карда шавад» [80].

Ба ақидаи муҳаққиқон Исаев И.Ф., Сериков В.В: «...ба зарурати ташаккули муносибати шахсиятӣ ба дониш дар донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки он на танҳо дарк ва азхудкунии маводи таълимӣ, балки дарки рефлексивӣ, тадқиқотӣ, тафсир ва табдил додани онро ба таҷрибаи шахсиятӣ онро пешбинӣ мекунад. Яъне, омӯзиши назариявии масъала бояд ҳам ба таҷрибаи ҷамъкардаи илми педагогӣ, ҳам ба таҷрибаи шахсии донишҷӯён асос ёбад» [92, с. С. 149-152; 150]

«Имрӯз категорияи «сифат» ба рамзи пешрафт ва боқӣ мондани тамаддун табдил ёфтааст. Ақидаҳои анъанавие, ки дар бораи сифат мавҷуд буданд, аз байн рафта, дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон мафҳумҳое, аз қабили: «сифати зиндагӣ», «сифати зеҳни ҷамъиятӣ», «сифати идоракунӣ», ва ғайра пайдо шудаанд» [95].

Аз ҷониби Ҷон Галберт ва Форрестер «Мафҳуми «сифати зиндагӣ» бори аввал ба муомилоти илмӣ дар солҳои 60-уми асри XX ворид карда шудааст» [18, с. 9]. Аз ҷониби онҳо қайд карда мешавад, ки «...сифати зиндагӣ аз омилҳои зиёде вобаста буда, сифат ва сатҳи таҳсилоти инсон дар байни онҳо мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мувофиқи маълумоти бадастомада, дараҷаи низоми таълим дар ҳар кишвар аз сатҳи дониш ва маҳорати омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, болотар буда наметавонад» [11, с. 34]. Аз ин рӯ, айни замон тадқиқотҳои гуногуни илмӣ ба таҳлили ҷанбаҳои фаъолияти касбии омӯзгории донишҷӯён-омӯзгорони оянда равона шудаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон Барбер М., Сериков В.В., Смирнов С.А., Соловев В.Н. «...талаботу меъёрҳое таҳия ва нишон дода шудаанд, ки омӯзгори касбӣ бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд. Дар корҳои мазкур имконоти гуногуни низомҳои миллии маориф ва низомҳои дастгирии нуфузу эътибори касби омӯзгорӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, масъалаҳои низоми таълими пайвастаи педагогӣ ва тамоюлҳои пешрафта дар омӯзиши илмҳои педагогӣ муайян карда шудаанд» [11; 92; 97; 100].

Муҳаққиқи соҳа В.В. Сериков масъалаҳои таҳсилоти муосири олии педагогиро мавриди баррасӣ қарор дода, «...гузариши таҳсилотро аз парадигмаи донишбунёд ба парадигмаи шахсиятӣ ҳамчун сифати тамоюли муосиртарин ва асосии рушди фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгорон ва омӯзгорон нишон додааст» [92, с. 85].

Муҳаққиқи дигар В.А. Болотов масъалаҳои тайёр кардани омӯзгорони муосирро дар чорчӯбаи парадигмаи таълими ба донишҷӯ нигаронидашуда ба тариқи зайл мушаххас намудааст: «...консепсияи муосири таҳсилоти омӯзгорӣ, ки қодир нест вазъияти куллии фаъолияти педагогиро инъикос намояд, тайёрии омӯзгорро бо хусусиятҳои берунии просессуалии он, бо чунин амалҳои ночиз, аз қабили гузоштани вазифаҳо, интихоби мавод, амалиёти назоратию таҳлилӣ, муқоисаи фаъолияти кӯдакон бо намунаҳои барномавӣ, маҳдуд месозад. Тасдиқ

кардани он, ки оё ин амалҳо воқеан педагогӣ ҳастанд, мушкил мебошад» [21, с. 16].

Дар замони муосир, зарурати куллии навсозии низоми таҳсилоти олии педагогӣ ба масъалаи зарурӣ табдил ёфтааст, зеро ҷомеа, давлат ва ҳар як фарди он ба чунин дигаргуниҳо ниёз доранд. Ин навсозӣ бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти омӯзгори оянда, аз ҷумла ҷанбаҳои иҷтимоӣ, арзишӣ ва касбӣ, мусоидат намуда, ӯро барои муқобила бо мушкилоти замони муосир омода созад. Дар ин раванд, ташаккул додани омӯзгори муосир ҳамчун унсури муҳим ба шумор рафта, рушди минбаъдаи шахсиятро ҳамчун сармояи асосӣ ва арзиши воло таъмин менамояд.

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳои педагогика ва психология собит месозад, ки довталабони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аксар вақт ба шароити нави таълим дар мақоми донишҷӯ омода нестанд. Ин ҳолат зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои мушаххаси омодагии довталабонро пеш аз дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миён меорад.

Синну соли донишҷӯӣ, аз нигоҳи психологияи синнусолӣ, чун қоида ҳудудҳои синнусолии аз 17 то 21-22-ро дар бар мегирад, зинаи фардишавиро боз карда, ба давраи бухрони навҷавонӣ рост меояд» [95].

Дар ин робита, Л.С. Виготский таъкид мекунад, ки: «...мувофиқи мафҳуми умумӣ ва дар асоси қонуниятҳо синну сол аз 18 то 25-солагӣ бештар ҳалқаи ибтидоии занҷираи синну солҳои камолот, на ҳалқаи ниҳоии занҷираи давраҳои инкишофи кӯдак маҳсуб мешавад» [26].

Қайд кардан зарур аст, ба ақидаи Кузнетсова А.Я. «..дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ таҳсилоти олии педагогӣ ҳам аз сабаби зарурати бунёдикунонии мазмуни он, ҳам аз сабаби ниҳоди мураккаби иҷтимоӣ будани он мураккабтар мегардад, зеро тараққиёти илму техника боиси афзудани ҳаҷми донишҳои илмӣ-техникӣ шуда истодааст. Ин вазъ ба мушкил гардидани яке аз вазифаҳои дар назди ҷомеа ва маориф истода,

яъне иҷтимоикунонии донишҷӯён ва интиқоли донишҳои андӯхташуда ба наслҳои минбаъда оварда мерасонад»[49, с. 7]. «Ҳалли дидактикии масъалаи мазкур на аз зичкунии мазмуни таҳсилот, балки аз рӯй овардан ба таълими ташаккулдиҳандаи шахсият иборат аст» [49, с. 68]. Тайёрии касбии омӯзгори муосир дар салоҳиятҳои касбии ӯ ифода меёбад, ки дар байни онҳо салоҳиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ ва фалсафӣ фарқ карда мешаванд.

«Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии омӯзгор дар омӯзгор мавҷуд будани симои шаҳрвандеро пешбинӣ мекунад, ки дорои сифатҳои шаҳрванде мебошад, ки ӯ онҳоро дар шогирдонаш ташаккул хоҳад дод. Чунин омодасозӣ ба омӯзгор дар ҳалли масъалаҳои муосири таҳсилотӣ мусоидат намуда, ба фаъолияти мақсадноки тарбиявӣ роҳнамоӣ мекунад. Аҳаммияти чунин омодасозӣ аз он ҷиҳат меафзояд, ки масъалаҳои тарбия имрӯз дар мадди аввал қарор доранд» [6.-М].

«Принсипи салоҳияти маърифатии педагог бо нақше, ки қобилиятҳои зеҳнии фард дар ташаккул ва рушди шахсиятии ӯ дар ҷомеа бозӣ мекунанд, муайян карда мешавад. Омӯзгоре, ки шаҳрванди ояндаи мамлакатро ташаккул дода, сифатҳои шахсиятии ӯро рушд медиҳад, бояд дар фаъолияти педагогии худ талаботу дархостҳои аз ҷониби қоидаҳои маънавӣ ва қонунҳои ахлоқии ҷомеа ва рушди маънавии он пешниҳодшаванда, инчунин ба талаботи ба ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии фард пешниҳодшавандаро ба назар гирад. Рушди зеҳнии шахсият барои татбиқи тарбияи ахлоқӣ, ки он ҳамчун худтарбиякунӣ ба шарти дохил кардани механизмҳои рефлексивии тафаккур ба равандҳои худтарбиякунӣ самараноктар сурат мегирад, низ ҳалкунанда мегардад» [5.-М].

Салоҳияти фалсафии омӯзгор барои ташаккул ва рушди қобилияти дарки мақсад ва арзиши ҳам фаъолияти педагогии худ, ҳам тамоми ҷанбаҳои дигари таҳсилот дар ӯ зарур аст. Чунин дарку фаҳмиш ҳоло дар заминаи фалсафаи маориф ташаккул меёбад. Такмили минбаъдаи

консепсияҳои гуманистии фалсафаи муосири таълим ҳамчун як воситаи ҳатмии ҳалли мушкилоти гуманизатсияи раванди таҳсилот, таъмини нақши муҳимми зеҳн дар рушди маънавии инсон, инчунин муносибати байни ақл ва рӯҳ муаррифӣ мегардад, зеро онҳо танҳо дар доираи маърифат ба таври ҷудогона таҳлил карда мешаванд. Дар шахсият ин ду мафҳум муттаҳид мешаванд ва дастовардҳои ҷомеаи имрӯза дар тарбияи насли оянда аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза маҳоратҳои муҳимми омӯзгор дар самти навсозии соҳаи таҳсилот мунтазам ва баробар инкишоф дода мешаванд [61].

«...Аҳаммияти асосии ислоҳот аз он иборат аст, ки аз тариқи дигаргунсозиҳо сифати низом беҳтар карда шуда, қобилияти он барои вокуниши муносиб ба чолишҳои замон пурзӯр карда шавад. Ҳамгиросозии насли наврас ба ҷаҳони муосир дастгирии маънавию ахлоқии онҳо, мусоидат ба гирифтани дониш ва таҷрибаи зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳаётию касбӣ, рушди салоҳиятнокии шахсӣ, таҳаммулпазирӣ, серҳаракатӣ ва рақобатпазирии онҳоро пешбинӣ мекунад» [22, с. 75].

Барои расидан ба мақсадҳои дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ гузошташуда «...ҳам дониши мустаҳками илм аз чониби омӯзгори фан, ҳам дараҷаи баланди фарҳанги педагогии ӯ» зарур аст [22, с. 76]. Сифати таҳсилоти олӣ имрӯз бевосита ба сифати фаъолияти педагогии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста мебошад. Ба мақсади таҳсилоти педагогӣ «...тайёр кардани педагоги дорои фарҳанги маънавию ахлоқӣ, нерӯи эҷодӣ ва қобилиятҳои рушдёфта инноватсионӣ табдил ёфта истодааст» [22, 79].

Гарчанде ки вазифаи муҳимтарини мактаби миллӣ рушди истеъдодҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои эҷодӣ, таъмини шароит дар муассисаҳои таълимӣ барои таълим ва тарбияи хушсифат, инкишофи ҳамаҷонибаи донишҷӯён муқаррар шуда бошад ҳам, вазифаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар ин самт ба таври возеҳ баён нашудаанд.

Дар натиҷа, мазмуни таҳсилоти муосири педагогӣ дар бисёр мавридҳо аз хусусияти бунёдӣ дур монда, шакли омехта ва пароканда касб намудааст; он камтар ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси таълимӣ равона гардида, бештар бо тамоюли дидактикӣ ва таъинотии худ зоҳир мешавад. Ҳамзамон, ин ҳолат сабаб мегардад, ки дар ҷараёни таълим бештар аз усулҳо ва воситаҳои таъсири берунии омӯзгор ҷиҳати шаклгирӣ ва инкишофи шахсияти донишҷӯён истифода бурда шавад.

Дар ҷаҳони муосир шумораи омӯзгорон ба зиёда аз 60 миллион нафар расида, яке аз табақаҳои калонтарини кормандони меҳнати зеҳниро ташкил медиҳанд. Шаклҳои нави муассисаҳои таҳсилот ба вуҷуд оварда шуда, мазмуну усулҳои кори таълиму тарбия нав карда мешаванд [43, с. 84-89].

«Ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои эҷоди чунин амсилаҳои таҳсилотӣ, ки ба талаботи тамаддуни ташаккулёбандаи муосир ҷавобгӯ мебошанд, идома дошта, мақомоти давлатӣ, ходимони ҷамъиятӣ, олимони соҳаҳои гуногуни дониш дар бораи масъалаи маориф ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Азбаски масъала воқеан миқёси умумиҷаҳонӣ пайдо кардааст, табиист, ки он таваҷҷуҳи зиёди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ – ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Шӯрои Аврупо, Иттиҳоди Аврупоро ба худ ҷалб мекунад» [43, с. 86].

Масъалаҳои асосии таҳсилоти имрӯзаи педагогиро қайд намуда, ба «гузориши Делор» муроҷиат мекунем. Дар гузориш самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи муассисаҳои таълимӣ, ки боиси боло рафтани сатҳи касбӣ ва мақоми иҷтимоии омӯзгор мешаванд, нишон дода шудааст, аз қабили: баланд бардоштани ҷолибияти касби омӯзгорӣ; рушди дониш ва маҳорату малакаҳои касбии омӯзгор; такмили усулҳои интихоби довталабон ба ишғоли вазифаи омӯзгор.

Муҳаққиқ ва таҳлилгар Черепанова Т.Б. як қатор тамоюлҳоеро қайд мекунанд, ки барои мувофиқ гардонидани стандартҳои таҳсилоти олии

омӯзгорӣ ба стнадратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дорои нерӯ ва иқтидори кофӣ мебошанд. Ба чунин тамоюлҳо онҳо инҳоро нисбат додаанд:

«Тамоюли аввал ҳамчун ҷаҳонишавии соҳаҳои маориф ва фарҳанг арзёбӣ гардида, бо ҳамгироии низомҳои гуногуни иттилоотӣ ва табдили илму фарҳанг ба як навъ мероси умумибашарӣ муайян мешавад. Аз ҳам ҷудошавии таҳсилоти олии амалӣ ва академӣ, ки ҳарчи бештар ба назар мерасад, бо демократикунонӣ ва оммавикунонии таҳсилоти олӣ алоқаманд аст. Дар ин росто, оммавикунонии таҳсилот аз сабаби дастрасӣ ба иттилооти таҳсилӣ-маърифатӣ, аз ҷумла курсҳои гуногуни таълимӣ ба вуҷуд омадааст.

Тамоюли дуюм дар соҳаи маориф - ин ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ва идоракунии он мебошад. Ин тамоюл истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоиро барои мубодилаи ахбори илмӣ, маърифатӣ ва таълимӣ дар байни иштирокчиёни раванди таълим пешбинӣ мекунад. Инчунин, баҳодиҳии маҳсулоти фаъолияти илмӣ ва сертификатсияи натиҷаҳои таълими донишҷӯён низ дар ин замина сурат мегирад» [111, с. 139-141].

Дар низоми маориф, ки бо дигар соҳаҳои фаъолияти инсон робитаи зич дорад, тадриҷан технологияҳои навини муосир ҷорӣ мегарданд. Ҳадафи меҳварии татбиқи онҳо баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор рафта, ин раванд тавассути автоматикунонии санҷишу назорати корҳои донишҷӯён, низоми баҳогузорӣ ва пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз дигар соҳаҳои маориф бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд. Якум, ин ба аҳаммияти хосаи иҷтимоии касби омӯзгорӣ вобаста аст, ки донишҷӯён – омӯзгорони оянда онро аз худ мекунанд ва дар ҳаёти минбаъда ба он машғул мешаванд. Дуюм, фарқият аз моҳияти иҷтимоии касби омӯзгорӣ ва мазмуни фаъолияти омӯзгорӣ бармеояд

Тамоюли сеюм – ин таҳсилоти пайваста дар тӯли ҳаёт аст, ки онро нотамомии таҳсилот тақозо мекунад. Бояд гуфт, ки ғояи таҳсилоти якумрӣ барои фалсафа ва илм чизи наве нест. Ҳадафи он ҳаргиз бозистодан дар марҳилаи ташаккулёбии шахсият набуда, балки қонеъ гардонидани ниёзҳои маърифатии ӯст, ки инсонро дар ҷараёни ҳаёт ҳамроҳӣ мекунанд. Аз ҷумла, ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаи идоракунии траекторияҳои таҳсилотии донишҷӯён дар тамоми роҳи касбӣ: таълим, омодасозӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, худомодасозӣ гузошта шудааст.

Тамоюли чорум - ба хусусигардонии баъзе аз муассисаҳои таълимӣ ва ҳамгироии онҳо бо технологияҳои пешрафта ва раванди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Чунин менамояд, ки тамоюлҳои навини рушди соҳаи маориф бо дарёфти роҳҳои эҳёи робитаҳои қавӣ ва судманд миёни илм, маориф, истеҳсолот ва иқтисодиёт иртибот доранд.

Тавре ки аз тамоюлҳои зикршуда бармеояд, аҳаммияти сармояи инсонӣ, ки дар олами муосир ҳамчун омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиёти миллӣ шинохта шудааст, хеле бузург аст. Назарияи сармояи инсонӣ соли 1964 аз ҷониби Г. Беккер ва Т. Шултс пешниҳод шуда, «..дар он аҳаммияти беандозаи маориф дар рушди ҷомеа ва иқтисодиёт таъкид шудааст. Инсон, ҳамчун ҳомили дониш, маҳорат ва малакаҳо, ба як навъ «маҳсулоти тиҷоратӣ» барои давлат табдил меёбад, ки қодир ба касби фоида ва ба даст овардани натиҷаҳои муфиди дигар аст» [160]. Аз ин дидгоҳ, маорифи омӯзгорӣ комилан ба ҳадафҳои навсозии сармояи инсонӣ равона шуда, барои давлат, ҷомеа ва соҳибкорон аҳаммияти махсус касб мекунад.

Барои иҷрои рисолати худ ба таҳсилоти олии педагогӣ, ки аз тайёр кардани кадрҳои педагогии насли нав иборат мебошад, се омиле, ки сифати онро муайян мекунанд, бояд таҳқиқшавандау таҳлил қарор дода шаванд. Инҳо:

1. Интихоби довталабон-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба касби омӯзгорӣ;

2. Мазмун ва муҳтавои барномаи таълимӣ оид ба тайёр кардани омӯзгори оянда;

3. Дастгирии минбаъдаи хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар фаъолияти омӯзгории ӯ мебошанд [103, с. 74-92].

Омилҳои мазкурро бо таъкид ба нақши муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар поён дида мебароем. Пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки ин муассисаҳо як навъ «ҳаста»-и низоми таҳсилоти бетанаффуси педагогӣ дар тӯли ҳаёт ба ҳисоб мераванд. Онҳо ба бутуни ягона таҳсилоти омӯзгорро дар даврaҳои пешаздонишгоҳӣ, донишгоҳӣ, пасаздонишгоҳӣ пайваст мекунанд.

1) Ба касби омӯзгорӣ интихоб намудани довталабон-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ба ақидаи муҳаққиқон Малеев В.В., Молодсова Л.А. «...дар соҳаи таҳсилоти олии педагогӣ дар амалияи ҷаҳонӣ ду амсилаи интихоби довталабон ба касби ояндаи омӯзгорӣ вуҷуд доранд. Амсилаи аввал ин аст, ки довталаб ба касби омӯзгорӣ аз рӯи барномаи тайёр кардани омӯзгорон пеш аз оғози машғулиятҳо интихоб карда мешаванд. Дар доираи амсилаи мазкур номзадҳо ба касби омӯзгорӣ пеш аз оғози таҳсил ва таълими педагогӣ бодиққат баррасӣ мешаванд. Ба нафароне, ки аз интихоб мегузаранд, имкон дода мешавад барномаи таълимии пешниҳодшударо азхуд кунанд. Тибқи амсилаи дуюм, танзими интихоби довталабон ба факултетҳои педагогӣ лозим набуда вақте ки донишҷӯён таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ хатм мекунанд, барои вазифаҳои омӯзгорӣ хатмкунандагони беҳтарин интихоб карда шаванд» [61; 65].

Қайд кардан зарур аст, ки қариб ҳамаи низомҳои маорифи ҷаҳон роҳи дуюмро пеш гирифтаанд. Чуноне ки М. Барбер ва М. Муршед дар тадқиқоти худ нишон додаанд: «...низомҳои пешрафтаи маориф ба яке аз навъҳои амсилаи нахустин такя мекунанд. Ба ибораи дигар, дар ин

низомҳо омӯзгорони оянда ҳанӯз дар остонаи қабул ба факултетҳои омӯзгории донишгоҳҳо интихоб мешаванд. Ин раванд тавассути назорати қатъии вуруд ба муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва мутобиқ сохтани шумораи қабулшавандагонро дар тадқиқоти худ нишон додаанд» [11, с. 7-61].

Барои ба қуллаҳои омӯзгорӣ расидан, шахс бояд ганҷинаи хислатҳоеро соҳиб бошад, ки ҳанӯз пеш аз оғози роҳи пурпечутоби касби омӯзгорӣ дар ӯ нуҳуфта бошанд. Чунончӣ, дар аксари кишварҳои олам, довталабоне, ки ба даргоҳи барномаҳои таълимии донишҷӯёни омӯзгори оянда қадам мегузоранд, аз имтиҳони сангини хусусиятҳо ва хислатҳо гузашта, онҳое ба таҳсилоти педагогӣ роҳ меёбанд, ки сазовори ин унвони пурифтихор дониста мешаванд:

– муайян намудани дараҷаи саводнокии забонӣ ва риёзии довталаб. Таъкид шудааст, ки сатҳи саводнокии омӯзгор назар ба ҳама гуна маҳорат, малака ё хислати дигари қобили андозагирӣ ба натиҷаҳои таълим ва дастовардҳои илмии хонандагон таъсири амиқтар мерасонад;

– малакаҳои ҳаматарафа рушдёфтаи ҳамкорӣ, муошират созанда ва иртиботи муассир;

– шавқу ҳаваси бепоён ба дониш ва омодагии ҳамаҷониба ба касби омӯзгорӣ.

Дар интихоб ва қабули довталабон ба таҳсилоти олии педагогӣ тамоюли дигар ин аст, ки барои дохил шудан ба мактаби олии омӯзгорӣ барои довталабони дорои таҷрибаи ғайриомӯзгорӣ дар аксари мамлакатҳо монеаҳо рафъ карда шудаанд. Бо иштирок дар курси кӯтоҳмуддати такмили ихтисос, ки пур аз мазмун ва самараи дилхоҳ аст, омӯзгорони оянда метавонанд шогирдони худро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба қуллаҳои баланди муваффақият расонанд. Шумораи довталабони эҳтимолиро муҳайё сохтани роҳҳои алтернативӣ ба касби омӯзгорӣ афзоиш медиҳад.

2) Мазмуни барномаҳои таълимӣ оид ба тайёр кардани омӯзгори оянда. Дар кишварҳое, ки сохтори муваффақи таълими мактабӣ доранд, таълими омӯзгорӣ ҳамчун як қисми муҳимми сиёсати давлатӣ шинохта мешавад. Ин сиёсат дар асоси роҳнамои миллии таълимӣ ва меъёрҳои давлатии таълим амалӣ карда мешавад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико стандартизатсияи таълими омӯзгорон як масъалаи сатҳи миллӣ буда, равандҳоеро дар бар мегирад, ки ба беҳтар намудани доимии сифати таълими умумӣ нигаронида шудаанд. Он ҳамчунин, гузаронидани чорабиниҳои мушаххасро ҷиҳати баҳогузории салоҳияти омӯзгорон ва сифати барномаҳои таълими омӯзгорӣ дар бар мегирад. Стандартизатсияи тайёркунии омӯзгорон дар ин самт тавассути таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳо, истифода, таҳлил ва такмили минбаъдаи онҳо амалӣ гардида, ин раванд дар чаҳорчӯби аккредитатсияи барномаҳои омодасозии омӯзгорон, аттестатсияи омӯзгорони фаъол ва додани иҷозатномаи давлатӣ барои анҷом додани фаъолияти таълимӣ татбиқ мегардад.

«Дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, тайёрии касбӣ-педагогӣ бо истифода аз сохтори блок-модулии нақшаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Ин сохтор, ки раҳнамоии касбӣ ва дастгирии таълимиро дар бар мегирад, шароит ва имкониятҳоро барои интихоби фардии донишҷӯён фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои гуногуни гуманитарӣ дар раванди таълим пешбинӣ шудааст, ки ин имкон медиҳад мазмуни таҳсилоти педагогӣ дар асоси вазифаҳои фаъолияти касбӣ-педагогӣ таҳия карда шавад. Ҳамин тариқ, донишҷӯён ба таври ҳамаҷониба барои иҷрои вазифаҳои касбии худ омода мешаванд» [3.-М].

– *модели инноватсионӣ*, ки ҳавасмандгардонӣ, ҷалб ва иштироки фаъолонаи донишҷӯёнро дар фаъолиятҳои лоиҳавӣ дар бар гирифта, шавқу рағбати онҳоро нисбат ба таълими ба тағйирот ва рушди муттасил нигаронидашуда ташаккул медиҳад;

– *модели салоҳиятнокӣ*, ки ҳамчун асоси раванди таълимӣ ба шумор меравад. Ин модел диққати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогиро ба омӯзиши донишҳо, ташаккули қобилиятҳо ва малакаву маҳоратҳо дар заминаи фаъолияти касбӣ-педагогии ояндаи онҳо равона месозад;

– *модели тадқиқотии раванди таълим*, ки дар он дониш ҳамчун ҳадаф ва арзиши иқтидории иҷтимоӣ эътироф карда мешавад. Дар он ташаккул ва рушди қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои кор бо донишҳо аз тариқи фаъолияти тадқиқотӣ дар асоси ҳамкории иштирокчиён ва ҷалби онҳо дар раванди таҳсилот бо ташаккули салоҳияти таҳсилӣ-маърифатӣ ҳамчун ҳадафи асосии таҳсилоти олии педагогӣ татбиқ мегардад;

– *модели коммуникативӣ.* Модели мазкур ба он асос ёфтааст, ки донишҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳо дар раванди муошират ва иртибот ташаккул ёфта, ташаккул ва рушди мутахассиси оянда ҳамчун «маҳсул»-и муносибатҳои байнишахсиятӣ дар муассисаи таҳсилотӣ дониста мешавад.

Мавриди зикр аст, ки маҷмуи *модел*ҳои дар боло овардашуда тадқиқоти иловагиро дар гуногуни тайёр кардани омӯзгорон талаб мекунад. Дар баробари ин, аммо таъкид кардан муҳим аст, ки донишҷӯён дар ҳама амсилаҳои нави таҳсилотӣ аз рӯи вазифаҳои воқеӣ ва на аз рӯи вазъиятҳои сунъӣ кор мекунанд. Донишҷӯён дар ин зимн на танҳо аз омӯзгор, балки дар раванди таҳқиқу таҳлилу баррасии масъалаҳои воқеӣ ва иштирок дар ҳаллу муҳокимаи онҳо низ донишҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳоро азхуд мекунад. Онҳо дар заминаи вазъиятҳои воқеӣ бо пойгоҳҳои гуногуни иттилоотӣ барои интихоб ва қабули қарорҳои гуногун кор карда, қабули масъулиятро барои интихоби ҳал ва мунаққидона фикр карданро меомӯзанд.

3) . хатми донишгоҳ, тавре маълум аст, маънои анҷоми таҳсилоти касбиро надошта, хатмкунандаи мактаби олии омӯзгорӣ ба дастгирӣ ва

кӯмак ниёз дорад. Бо дарназардошти ин, омодагии касбӣ-педагогии омӯзгорон бояд ҳамчун шакли муттасили рушд ва такмили ихтисос арзёбӣ гардад. Дар ин замина, таҷрибаи ғанӣ дар дастгирии мутахассисони ҷавон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ ҷамъ оварда шудааст, аз ҷумла: таҷрибаи устодӣ, таъсиси «мактаби омӯзгори ҷавон» ва ташкили озмунҳои касбии омӯзгорон.

Дар шароити нави иҷтимоӣ тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти олии педагогӣ ба назари мо чунинанд:

1. Таҳсилоти стихиявии дастрас барои ҳама метавонад ба тағйир ва таҳрифи шуури ҷамъиятӣ ва инчунин шуури инсон оварда расонад. Аз ин рӯ, нақши таҳсилоти педагогӣ дар идоракунии самараноки захираҳои иттилоотӣ-педагогӣ хеле муҳим аст.

2. Дастрасӣ, фаровонӣ ва гуногунии иттилоот бо дараҷаҳои гуногуни эътимод ва асоснокӣ метавонад ба тағйир ва таҳрифи маълумот оварда расонад. Аз ин рӯ, барои муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ нигоҳ доштан ва навсозии донишҳои академӣ зарур аст.

3. Азхудкунии технологияҳои равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, истеҳсолӣ, методология, донишҳои академӣ ва ғайра, ки имкон медиҳад ҷанбаҳо ва масъалаҳои амалии онҳо амсиласозӣ ва ҳал карда шаванд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз ҷумла муассисаҳое, ки барномаҳои таҳсилоти олии педагогиро таҳия ва татбиқ мекунанд, дар фаъолияти худ ба марказҳои асосии идоракунии равандҳои фаъолияти ҳаётии одамон табдил меёбанд;

Ба ақидаи муҳаққиқ Антипова Л.А. «...Мақсади раванди педагогӣ ташаккул ва рушди шахсияти ба таври ҳамоҳанг рушдёфтаи дорои мавқеъ ва муносибатҳои ҷаҳонбинона нисбат ба таҳсил ва касб мебошад. Раванди мазкур бояд қобилият ва тайёрии хатмкунандаро ба ноил шудан ба дастовардҳои баланд барои ҷомеа тарбия намояд. Аз ин ҷо, фаъолияти касбии педагогӣ ба ташкили ҳамкории самараноки байни донишҷӯён ва омӯзгорон, ба таълими ба шахсият нигаронидашуда асос

ёфтааст. Чунин ҳамкорӣ фазои мусоидро барои рушди малакаҳои худмаърифатӣ, худмуайянкунӣ, такмили ихтисос ва мутобиқшавии донишҷӯён фароҳам меорад, ки ин омил ба раванди мутобиқшавии донишҷӯён таъсири назаррас мерасонад. Мутобиқшавӣ ҳамчун тағйири хусусият ва муносибати донишҷӯ ба муҳтаво ва сохтори раванди таълим дар муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ бо фаъолияти психикии шахс ё гурӯҳ вобаста буда, ҳамчун таъсири мутақобилаи равандҳои мутобиқшавӣ ба муҳити атроф ва табдили муҳит ба манфиати худ маънидод мешавад» [9, с. 173].

Мутобиқшавӣ шартан ба се намуд ҷудо мешавад: физиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва биологӣ. Вазъи саломатии донишҷӯён аз рӯи захираҳои мутобиқшавии онҳо дар раванди таълим муайян карда мешавад. Дар адабиёти илмӣ таснифоти донишҷӯён аз рӯи дараҷаи мутобиқшавӣ, устувории фаъолияти иҷтимоӣ, робитаҳои таълимӣ, ҳавасмандӣ ва иродаи донишҷӯён дар муҳити таълимӣ пешниҳод шудааст:

1) Дар сатҳи паст донишҷӯёни мутобиқнашуда қарор доранд, ки бо ноустувории фаъолияти робитаҳо ва ташаккулнаёбии яке аз самтҳои муайяншуда тавсиф мешаванд.

2) Донишҷӯёни ба таври муътадил мутобиқшуда (сатҳи миёна), ки барои онҳо ташаккулёбии ҳама намуди робитаҳо дар сурати мавҷуд мавҷуд набудани устувории онҳо ё мавҷуд будани ақаллан як робитаи устувор хос мебошад, дар ҳоле ки робитаҳои дигар ҳатто ҳанӯз ташаккул наёфтаанд.

3) Донишҷӯёни мутобиқшуда (сатҳи баланд), ки бо ташаккулёбии ҳамаи робитаҳо тавсиф ёфта, дар айни замон ақаллан дар як самт фаъолияти муътадили робита ба назар мерасад [11, с. 64-67].

Ҳамин тариқ, ҳамчун хусусияти фарқкунандаи таҳсилоти педагогии навъи муассисаи таҳсилоти олӣ бояд бунёдӣ будани он гардад. Бунёдӣ будани омодагии касбии омӯзгорӣ тавассути устувории донишҳои

муосир дар бораи психологияи шахсият, психологияи ақл, инчунин донишҳои устувори фаннӣ ва методологӣ таъмин карда мешавад, ки қобилияти омӯзгорро барои тамоюли арзишӣ дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ муҳайё месозанд.

1.2. Мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва омилҳои ташаккули он

Дар адабиёти илмии иҷтимоӣ-педагогӣ мафҳуми мутобиқшавӣ ҳамчун раванди мураккаби ҳамоҳангсозии шахс бо муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ баррасӣ мегардад. Ин раванд на танҳо азхудкунии меъёрҳо ва талаботи муҳити нав, балки ташаккули арзишҳо, таҷрибаи иҷтимоӣ ва қобилияти танзими рафторро низ дар бар мегирад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ, ҳамчун ҷузъи таркибии он, ба воридшавии фаъолонаи шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар асоси фаъолияти мустақилона ва муошрати доимӣ ташаккул меёбад. Раванди мутобиқшавӣ хусусияти пайдарпай дошта, марҳилаҳои муайяни рушдро фаро мегирад, ки аз шиносоӣ бо муҳити нав оғоз ёфта, то устувор гардидани мавқеи шахс дар он идома меёбад.

Дар замони ҳозира, масъалаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати ҷиддии олимон ва коршиносони соҳаи маорифро ҷалб намудааст. Мутобиқшавии самараноки донишҷӯёни соли аввал ба раванди таълимӣ аҳаммияти калон дорад, зеро аз он сатҳи дониш, ташаккули шахсияти касбӣ ва умуман ҳолати психикии онҳо вобаста аст. Раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ тағйирёбанда ва динамикӣ буда, пайваста аз донишҷӯ мутобиқшавии муттасилро ба шароит ва муҳити нави таълимӣ талаб мекунад. Дар шаклу мазмун, муносибатҳои мутақобилаи донишҷӯён бо шарикдарсон ва бо омӯзгор дар раванди

таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаи таҳсилоти олӣ фарқи назаррас вуҷуд дорад.

«Мутобиқшавии иҷтимоӣ, ҳарчанд як раванди доимӣ аст, бо муҳити инсон ва марҳилаҳои дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар ҳаёти шахс рух медиҳанд, робитаи қавӣ дорад. Чунин даврaҳои тағйирот дар ҳаёти одам ҳангоми дохилшавӣ ба боғчаи бачагон, таҳсил дар синфи якуми МТМУ ё гузаштан яз як муассисаи таҳсилот ба дигарӣ, баъди хатми мактаб дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олӣ ва ғайра ба вуқӯъ мепайванданд» [1.-М].

Дар МТОП таълим ҳамчун як амали мутақобилаи муташаккилона байни донишҷӯ ва устод арзёбӣ мешавад. Ин ҳамкорӣ ба азхудкунии донишҳои ҷамъиятӣ-таърихӣ, фаҳмиши идоракунии маълумот ва касби маҳоратҳои мушаххас равона гардида, дар заминаи ташаккул ва рушди шахсияти донишҷӯ сурат мегирад [1, с. 1221-1225]. Раванди таълим аз иртибот бо устодон, азхудкунии маълумоти нав, бунёди робита бо ҳамсинфон ва ҳамоҳангшавӣ бо фазои нави иҷтимоӣ иборат мебошад.

Дар луғати С.И. Ожегов «...мафҳуми «мутобиқшавӣ» ба маънои созгоршавии бадани инсон ба шароити тағйирёбанда таъриф шудааст» [70]. Дар луғати фалсафии И.Т. Фролова бошад, мафҳуми мазкурро ҳамчун «...амалу рафтори аксуламалӣ дар раванди созгоршавии инсон ба муҳити атроф маънидод кардааст» [106, с. 719].

Тибқи луғати В.Г. Криско, «...мутобиқшавӣ раванди таъсири байни организмҳои зинда ва муҳити атроф аст, ки дар натиҷа организмҳо ба шароити зиндагӣ ва фаъолият беҳтар мутобиқ мешаванд» [46].

«Мафҳуми «мутобиқшавӣ» дар психология, педагогика, физиология, ҷомеашиносӣ ва илмҳои дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, миқдори зиёди таърифҳои вобаста ба соҳаи татбиқи он мавҷуд буда, бештар он ҳамчун раванд ва падида, созгоршавии фаъол ба шароити нав дар муҳити нав, робитаи мутақобиаи шахсият ва муҳит фаҳмида мешавад.

Дар илмҳои педагогикаи иҷтимоӣ ва психология мафҳуми мазкур бештар истифода шудааст» [112].

Мафҳуми мазкур, сарфи назар аз фарқият дар истифодаи «мутобиқшавӣ» дар илмҳои гуногун ва бисёрмаъноии он, маънои инъикоси қонуниятҳои асосиеро ифода мекунад, ки мавҷудият ва инкишофи низомҳои гуногунро дар таъсири мутақобилаи муайяни шароити берун ва ботинии мавҷуд будани онҳо таъмин мекунанд [105, с. 32].

Баъдтар онро барои ифодаи яке аз хосиятҳои асосии тамоми мавҷудоти зинда – қобилияти организмҳои зинда ба тағйир додани ташкили ҷисмонӣ ва функсионалии худ, инчунин шаклҳои рафтори худ мувофиқи хусусиятҳои муҳити атрофи зист мавриди истеъмол қарор гирифт [124].

Истилоҳи «мутобиқшавӣ»-ро ба мафҳумҳои умумиилмӣ нисбат додан мумкин буда, чунин мафҳумҳо дар «пайвандҳо», «дар нуқтаҳои алоқа»-и соҳаҳои гуногуни дониш ва ё ҳатто дар фанҳои алоҳида дар алоқамандии минбаъдаи онҳо ба бисёр соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ, табиатшиносӣ, техникӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тавр, роҳи дуру дароз ва ихтилофноки инкишофи худро тай карда, мушкилоти дарки мафҳуми «мутобиқшавӣ» бо мураккабии объективии худи падида алоқаманд буданд [82, с. 10-11].

Масъалаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ дар тадқиқоти олимони хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Олимони фаронсавӣ мутобиқшавиро дар корҳои илмӣ-тадқиқоти худ баррасӣ намудааст. Ӯ дараҷаи таъсири меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоиро ба хусусиятҳои рафтории шахсият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода ба чунин хулоса меояд, ки: «... далелҳо асоси воқеияти иҷтимоиро ташкил дода, дорои ду хусусияти муайянкунанда мебошанд; аввалан, онҳо дорои табиати объективӣ қарор дошта, аз хоҳиши субъектҳо вобаста нестанд; сониян, онҳо дорои қувваи муайяни иҷборкунӣ, яъне дорои қобилияти фишор овардан ба шахсият аз

тариқи механизмҳои дохиликунонии (интериоризатсияи) онҳо мебошанд» [125, с. 55]. «Мутобиқшавии иҷтимоӣ, - тибқи таърифи Э. Дюркгейм, - татбиқи меъёрҳои иҷтимоии қабулшуда дар ҷомеа аз ҷониби фард ба ҳисоб рафта, он маҷбурӣ-иродавӣ ва амбивалентӣ буда, дорои хусусияти дуранга мебошад» [125, с. 56].

М. Вебер концепсияи мутобиқшавиро бо ратсионалӣ алоқаманд кард. Ба ибораи дигар, ратсионалӣ будан иборат аст аз усулҳои барқарор намудани муносибатҳои байнишахсӣ бо дигарон ва дарки маънои рафтор ва амалҳои иҷрошаванда. Ӯ дар корҳои худ нишон додааст, ки «...ҳар як инсон саъй мекунад, мақсаду ниятҳои худро фаҳмида ва дарк намуда, онҳоро бо воситаҳои оқилонаи ноилшавӣ ба мақсаду ниятҳоҳои гузошташуда алоқаманд созад. Аз ин лиҳоз, мутобиқшавӣ ҳамчун сифати усули беҳтарини қонеъ ва таъмин кардани талаботи ҳар як инсон амал мекунад» [23, с. 88].

М. Вебер, таҳлили масъалаҳои марбут ба равандҳои мутобиқшавӣ, амсилаи идеалии мутобиқшавиро муайян намуда, онро ҳамчун «амали ратсионалии мақсаднок» тавсиф мекунад. Дар ин контекст, истилоҳи «амали ратсионалии мақсаднок» ҳамчун навъи идеалӣ ё намунае дарк карда мешавад, ки бо он амал ва рафтори инсон муқоиса карда мешавад. Дар натиҷа, имконпазир мегардад, ки дар бораи дараҷаи дуршавии шахс аз меъёрҳои қабулшуда дар ҷомеаи навъи идеалӣ ё намунае дарк карда мешавад, ки бо он амал ва рафтори инсон муқоиса карда мешавад [23].

Ба ақидаи Леонтев А.Н. «Ҳолати мутобиқшавӣ ба се навъ ҷудо мешавад: дохилӣ, берунӣ ва омехта. Дар ҷараёни мутобиқшавии дохилӣ, шахсият ба дигаргуниҳои мавҷуд дар шароити фаъолияти ҳаётии худ мутобиқ мешавад. Ин тағйирёбии муҳит ба навбати худ боиси тағйирот мегардад, ки дар натиҷа мутобиқшавии мукаммал ва ҳамаҷониба ба амал меояд. Хусусияти фарқкунандаи мутобиқшавии берунии шахсият аз он иборат аст, ки дар ин ҳолат азнавсозии дохилӣ ба назар намерасад» [58].

Мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити таҳсилоти олӣ, ба ақидаи В.И.Слободчиков: «...дар се шакл ҷараён гирифта, дар навбати аввал, он ба мутобиқшавии расмӣ, ки ба мутобиқшавии таҳсилӣ-маърифатӣ ба муҳити нав, сохтори муассисаи таҳсилоти олӣ, мазмуни таҳсилот дар он, ба анъанаҳои он, ба уҳдадориҳои худ дахл дорад; сониян, мутобиқшавии ҷамъиятии донишҷӯёни курси якум, ки аз ҳамгироии дохилии як гурӯҳи онҳо ва ҳамгироии ин гурӯҳ бо муҳити донишҷӯён дар маҷмуъ иборат аст; сеюм, мутобиқшавии дидактикӣ, ки бо тайёрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шаклу усулҳо, намудҳои нави кори таҳсилоти олӣ алоқаманд мебошад» [95, с. 348-353].

Мафҳум ва хусусиятҳои мутобиқшавӣ. В.В. Лагерев дар таҳқиқи худ: «...мутобиқшавии муассисаи таҳсилоти олӣ ҷузъҳои мурофиавии иҷтимоӣ-психологӣ, фаъолиятӣ ва психологиро ҷудо намудааст» [57].

Дар психологияи рус олимон Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, Б.Г. Ананев, А.Н. Леонтев ва дигарон ба омӯзиши мутобиқшавӣ машғул буданд.

Саҳми С.Л. Рубинштейн ва Б.Г. Ананев дар фаҳмиши моҳияти мутобиқшавии шахсият назаррас аст. Л.С. Виготский пешниҳод намудааст, ки: «...муҳити атроф ба инкишофи кӯдак таъсир мерасонад» [26]. Дар психологияи хориҷӣ З. Фрейд, Э. Эриксон, А. Адлер, А. Маслоу, К. Роҷерс ва дигарон масъалаи мутобиқшавиро баррасӣ кардаанд.

Ҳамин тариқ, ба маънои васеъ, мутобиқшавӣ ҳамчун созгоршавии донишҷӯёни курси якум ба раванди ягонаи таҳсилотӣ масъалаи бунёдӣ дониста мешавад. Азбаски вазъияти иҷтимоии рушд дар таҳсилоти олӣ нисбат ба муассисаи таҳсилоти умумӣ ба таври объективона тағйир ёфта, навъҳои усулан нави машғулиятҳои таълимӣ пайдо шуда, параметрҳои фазоию замоние, ки дар давоми солҳо ташаккул ёфтаанд, аз нав бунёд меёбанд.

Раванди мутобиқшавиро олими россиягӣ П.С. Кузнетсов ба марҳилаҳои: аз қабили: «...мутобиқшавӣ – ин гомеостаз аст, ки онро ҳамчун вазъияти мувозинати байни инсон ва муҳити беруна, ҳамчунин олами дарунӣ ва берунӣ маънидод мекунанд, ки барои фаъолияти пурраи ҳаётӣ шарти муҳим ба ҳисоб меравад ва дар он мувозинати организм таъмин мегардад. Аз рӯйи таъбири ӯ, мутобиқшавӣ на танҳо як ҳолати эҳсосӣ аст, балки он тамоми ҷанбаҳои ҳамроҳикунандаи ин ҳолатро дар бар мегирад. Мутобиқшавӣ ҳамчун як амали муштарак дар марҳилаи раванди фаъолияти муштараки муҳит ва шахсият ба вуҷуд омада, таъсири мутақобилаи онҳоро дар бар мегирад.; мутобиқшавӣ – инкишофёбӣ – дар натиҷаи раванд мутобиқшавӣ ба муҳити атроф шахсиятро инкишоф медиҳад» [48].

С.М. Вишнякова мутобиқшавии инсонро ҳамчун раванди мувофиқат ба шароит ва стандартҳое меҳисобад, ки: «...тавассути фаъолияти касбӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии муҳит муқаррар карда мешаванд. Ин мутобиқшавӣ аз дараҷаи қобилиятҳо, малакаҳо ва пешрафти шахс вобаста буда, имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои мушаххаси тағйирёбандаи муҳити беруна амал намояд» [24].

Ба ақидаи В.А. Якунин, «...мутобиқшавӣ - раванди таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити атроф ба шумор рафта, натиҷаи он ба вуҷуд омадани амсила ва стратегияи рафторест, ки ба шароити тағйирёбанда дар муҳити додашуда мувофиқ мебошанд» [120, с. 12].

Хусусиятҳои мутобиқшавии донишҷӯён вобаста ба давраҳо. Зимнан, гурӯҳи тадбирҳои мутобиқшавӣ, аз ҷумла: мутобиқшавии ихтисосӣ, таълимӣ-донишмандӣ, ҳамчунин мутобиқшавии иҷтимоӣ-психикӣ ва мутобиқшавии фард ба вазъияти дигаргуншавандаи иҷтимоӣ-маданӣ – ҳамагӣ дар ба даст овардани мутобиқшавии пурсамар ба вазъияти омӯзиш ва фазои атроф дар донишгоҳ ёрӣ мерасонанд. Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки силсилаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фазои таҳсилоти олӣ аз якчанд марҳила иборат аст. Ин марҳилаҳо

иборатанд аз: ҳафтаи шиносоӣ, ки ба муҳити нав бахшида мешавад; давраи мутобиқшавии фаъол, ки дар он донишҷӯён ба таври ҷиддӣ ба шароити таҳсил одат мекунанд ва одатан моҳҳои аввали соли хониш, аз ҷумла сентябр то декаброро дар бар мегирад; ва давраи танзими ниҳоии равандҳои мутобиқшавӣ, ки дар он ба донишҷӯёне, ки ба кӯмак ниёз доранд, дастгирии психикӣ расонида мешавад, хоҳ ба таври инфиродӣ ва хоҳ дар гурӯҳҳо.

Хусусиятҳои психологии донишҷӯёни соли якум ба раванди мутобиқшавии онҳо ҳамчун мутобиқшавӣ ба шароити нави зиндагӣ таъсир мерасонанд. Синну соли мавриди баррасӣ (17-18 сола) бо ташаккулёбии сифатҳои шахсиятию психикӣ ва низоми зеҳнӣ тавсиф меёбад. Миқдори азими иттилоот, зарурати оқилона ба нақша гирифтани вақти худ барои омӯзиши мустақилона, фаъолияти ғайриқаноатбахши таҳсилӣ-маърифатӣ ва танқиди хавфи қабули қарорҳо – ҳамаи ин чизҳоест, ки донишҷӯи соли якуми муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба онҳо мутобиқ гардида, созгор шавад. Бинобар ин, дар рӯзҳои аввали таълим ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ бояд ба донишҷӯёни соли якуми таҳсил барои бартараф кардани мушкилоте, ки ҳангоми мутобиқшавии онҳо ба вуҷуд меоянд, кӯмак расонанд. Бояд дар хотир дошт, ки мутобиқшавии самаранок ва бомуваффақияти донишҷӯёни соли якум ба муҳити нави муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун гарави ташаккул ва рушди ҳар як донишҷӯ на танҳо ҳамчун як мутахассиси ояндаи баландихтисос, балки ҳамчун як шахсияти баркамол мебошад [10, с. 254-256].

Мутобиқшавӣ ба ҳаёти донишҷӯӣ раванди хеле мушкил ба шумор рафта, ташкили фаъолияти таълимӣ дар соли якум дар муассисаи таҳсилоти олӣ иҷтимоишавии донишҷӯёнро ба шароити мушаххаси таълим ба ҳеҷ ваҷҳ таъмин намекунад. Омӯзгорон ба масъалаи мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилот на ҳамеша таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда, ба ташкили раванди педагогӣ на

ҳама вақт дуруст муносибат мекунанд. Бинобар ин, дар муҳити нави муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ аксари донишҷӯёни соли якум ба мутобиқшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ аз тариқи қувва ва иродаи худ, инчунин бо кӯмаки дӯстони нав пайдошуда, яъне шарикдарсони худ ноил мешаванд

Раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фарқи куллӣ дорад. Фарқият дар сарбории зиёди таълимӣ, талаботи қатъӣ ба худтанзимкунӣ ва мустақилияти донишҷӯён ва шаклҳои гуногуни дарсҳо (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ, корҳои озмоишӣ) зоҳир мешавад. Донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд қобилияти кор бо якчанд вазифа, чандирии психикӣ ва маҳорати муоширатро барои сохтани муносибатҳо бо ҳамкурсҳо ва устодон нишон диҳад. Миқёси фанҳои омӯхташаванда васеъ мегардад, ҳаҷми донишҳо, суръати пешниҳоди онҳо ва методҳои таълим ба таври назаррас меафзоянд. Аз ин рӯ, барои азхудкунии муваффақонаи донишҳои муосир, донишҷӯ бояд дорои заминаи муайяни касбӣ бошад. Дар иртибот ба фарқиятҳои зикршуда, донишҷӯён дар давраи мутобиқшавӣ ба муҳити нав душвориҳо мекашанд. Онҳо аксар вақт аз хастагии музмин, берағбатӣ ба касби интихобшуда ва таҳсил дар донишгоҳ, ва баъзан ҳатто аз изтироби шадид шикоят мекунанд. Дар илмҳои иҷтимоӣ-педагогӣ марҳилаҳои мутобиқшавӣ одатан ба шакли нисбатан умумӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Донишҷӯёни курси якум одатан ба се давраи асосии мутобиқшавӣ муттаҳид карда мешаванд:

1. *Давраи ибтидоии шиносоӣ (мутобиқшавии аввалия)*. Ин давра марҳилаи аввалро дар бар мегирад. Донишҷӯ бо муҳити нави таълимӣ, қоидаҳо, талабот ва гурӯҳи нав шинос мешавад. Ҳолати ноустувории равонӣ, эҳсоси номуайянӣ ва ҷустуҷӯи мавқеи худ хос мебошад.

2. *Давраи мутобиқшавии нисбӣ (таҳаммулпазирӣ ва аккомодатсия)*. Дар ин марҳила донишҷӯ тадриҷан ба шароити нав одат мекунад.

- таҳаммулпазирӣ – қабул кардани меъёрҳо ва талабот бидуни мутобиқшавии пурра;

- аккомодатсия – мутобиқ сохтани рафтор ва фаъолияти худ ба талаботи муҳити таълимӣ.

Ин давра бо устуворшавии нисбии фаъолияти таълимӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ тавсиф меёбад.

3. *Давраи мутобиқшавии устувор (ассимилятсия).*Ин марҳилаи баландтарини мутобиқшавӣ буда, донишҷӯ пурра ба муҳити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ҳамгиро мешавад. Арзишҳо, меъёрҳо ва талаботи муҳит ба қисми дохилии шахсият табдил меёбанд, фаъолияти таълимӣ самаранок мегардад ва эҳсоси устувории равонӣ ба вуҷуд меояд.

Мутобиқшавии шахсӣ - натиҷаи раванди мутобиқшавӣ, мутобиқати инсон бо шароити зиндагӣ мебошад. Дараҷаи мутобиқшавӣ бо роҳҳои гуногуни рафторӣ муайян карда мешавад. Ин роҳҳо иборатанд аз: тағйир додани фаъолонаи худ ва муҳити зист, ки дар он шахс ҳам худро ва ҳам шароити атрофро барои мувофиқ шудан кӯшиш мекунад; дурӣ ҷустан аз муҳити атроф ва амиқ шудан дар олами ботинӣ, ки дар он шахс аз таъсири шароити беруна даст кашида, ба андешаҳо ва ҳиссиёти худ рӯ меорад; ҷустуҷӯи шароити нав тавассути тарк кардани муҳити атроф, ки дар он шахс муҳити номуносибро тарк карда, дар ҷустуҷӯи муҳити мувофиқтар мебошад; итоаткории ғайрифаъол ва беэътиноёна ба шароити муҳити атроф, ки дар он шахс бе кӯшиши тағйир додани вазъият ба шароити мавҷуда тан медиҳад; интизории ғайрифаъоли тағйирот дар дохили худ, ки дар он шахс бе кӯшиши фаъолона ба тағйирёбии шахсӣ умед мебандад; интизории ғайрифаъоли тағйироти муҳити беруна, ки дар он шахс бе кӯшиши таъсир расонидан ба муҳит, интизори дигаргуниҳо дар он мешавад [3, с. 19-23].

Идоракунии педагогии мутобиқсозӣ аз татбиқи барномаи таъмини шароити зарурӣ барои раванди мутобиқшавии донишҷӯёни соли якуми муассисаи таҳсилоти олӣ иборат аст.

Дарвоқеъ, омилҳои мухталифи объективӣ ва субъективӣ мавҷуданд, ки метавонанд раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввалро ба муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ мушкил созанд. Р.Р. Бибрих бар ин назар аст, ки: «...мутобиқшавии психикии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як қатор ҷанбаҳо, аз қабили психологӣ-педагогӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ҳавасмандӣ-шахсӣ ва психофизиологиро дар бар мегирад» [17, с. 55-63].

Соли якуми таҳсили донишҷӯ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, тавре ки дар асарҳои В.А. Сластенин муқаррар карда шудааст, «... марҳилаи махсуси мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни курси якум ба шароити нави ҳаёт ва фаъолият мебошад» [94, с. 84]. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ба хусусият ва ҳавасмандии таҳсил ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни соли якум таъсири бештар мерасонад. Номутобиқатии шаклу усулҳои таълим ва набудани пайвастагӣ дар онҳо садди бузурге барои ҳамдигарфаҳмии донишҷӯён ва устодон дар гузариш аз мактаб ба донишгоҳ эҷод мекунад. Ин носозгорӣ раванди таълимро аз муҳити муколамавии созанда, ки барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ зарур аст, маҳрум месозад. Аз нуқтаи назари психологӣ - ин ба он оварда мерасонад, ки баъзе донишҷӯёни болаёқат бовариро ба қуввахои худ гум карда, раванди мутобиқшавӣ суст мешавад.

Дар қатори аввал омилҳое қарор доранд, ки ба дараҷаи омодагии донишҷӯёни соли аввали таҳсил ба фаъолияти таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ вобастаанд. Инҳо, пеш аз ҳама, майлу рағбати хонандагони дирӯза ба касби донишҳои нав, шиддатнокӣ ва амиқии донишҳо ва тамоюли касбии онҳоро дар бар мегиранд. Ба гурӯҳи дуюм хусусиятҳои инфиродии мутобиқшавӣ, аз қабили сатҳи камолоти иҷтимоию ахлоқӣ, дараҷаи огоҳии ҳуқуқӣ ва вижагиҳои инфиродии шахсиятии равандҳои психикӣ мансубанд. Гурӯҳи сеюм омилҳоеро дар

бар мегирад, ки барои мутобиқшавии бомуваффақият дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ муҳиманд ва аз омодагии назариявӣ ва методии омӯзгорон, муносибати шахсии онҳо ба донишҷӯёни курси якум ва мавҷудияти ниҳоди назорат ва мониторинги педагогию психологӣ иборат мебошанд. Ниҳоят, гурӯҳи чаҳорум омилҳое мебошанд, ки ба шароити таълим ва зист вобастаанд, аз ҷумла муҳити мусоиди муошират байни донишҷӯён, ташкили самараноки раванди таълим ва таъмини шароити мувофиқи санитарию гигиенӣ дар муҳити нави таълим ва зиндагӣ.

А.Е. Агаева дар тадқиқоти худ «...робита ва таъсири муқовимати стрессро ба мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ омӯхта, нишон додааст, ки донишҷӯёни дорои сатҳи пасти муқовимати стрессӣ дар мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ ва муошират дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бо мушкилоти бештаре рӯ ба рӯ мешаванд» [1, с. 122].

«Дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ дар ҳалли масъалаҳои рушд, таълим, тарбия ва иҷтимоишавии донишҷӯёни курси якум як технологияи мураккаб ва фарҳанги махсуси дастгирӣ ва кӯмак ба онҳо мебошад. Ҳадафи асосӣ мусоидат ба ҳар як донишҷӯ буда, аз фароҳам овардани фазои боварӣ ва бехатарӣ дар муносибатҳои омӯзгор – донишҷӯ – падару модар – ҳамкурс иборат аст. Шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ аз шумораи донишҷӯён вобаста буда, метавонанд дар шакли инфиродӣ, гурӯҳҳои хурд ё дастаҷамъӣ амалӣ карда шаванд» [93].

Мавриди зикр аст, ки яке аз шаклҳои муассири дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ, кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ташкил ва гузронидани ташкили лагери мутобиқшави донишҷӯёни курси якум берун аз деворҳои муассисаи таҳсилоти олӣ мебошад [83]. Барнома ва нақшаҳои кории дар ин гуна лагерҳо татбиқшаванда, чун роҳнамои нуронӣ, донишҷӯёни курси якумро дар қадамҳои нахустин ҳамроҳӣ

намуда, онҳоро ба оғӯши дӯстонаи гурӯҳ мепайвандад. Ин лагерҳо майдони муошират созандаро бо ҳамкурсон, устодон ва кормандони муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ фароҳам оварда, дар дили донишҷӯён тухми ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиромро мекоранд. Дар ин ҷо, донишҷӯ нерӯи эҷодӣ ва шахсияти беназири хешро кашф намуда, роҳҳои шинохти худ ва дигаронро меомӯзад.

Иштирок дар созмонҳои гуногуни донишҷӯӣ низ василаи муҳимми мутобиқшавӣ ба муҳити нав ба шумор меравад. Ин раванд, ки бо фаъолияти эҷодии донишҷӯён омезиш ёфтааст, на танҳо шахсияти онҳоро сайқал медиҳад, балки марҳилаи аввали мутобиқшавиро дар фазои мусбати эҳсосотӣ мегузаронад. Донишҷӯ, бо иштироки фаъолона дар ҳаёти созмон, ба меъмори худшиносии хеш табдил ёфта, арзишҳо ва идеалҳои маънавии худро дар вуҷудаш решадор месозад.

Эҷодкории гурӯҳии донишҷӯёни курси якум ба рушди қобилиятҳо, инкишофи фардияти эҷодии онҳо мусоидат намуда, шароит ва имкониятҳои мусоидро барои худтарбиякунӣ ва худтасдиққунии онҳо муҳайё мекунад. Анъанаҳои чун истиқболи пуршукӯҳи донишҷӯёни соли аввали таҳсилқадам, шабҳои вохӯрии онҳо бо собиқадорон ва хатмкунандагон дар ҳамгироии донишҷӯёни соли аввали таҳсил ба муҳити илму маърифат нақши муассир мегузоранд [109].

Дар ин раванди мутобиқшавӣ, ниҳоди кураторӣ чун роҳнамо рисолати бузургеро бар дӯш дорад. Кураторӣ, ки шакли нодири тарбия аст, аз ҷониби устодони донишманд дар доираи вазифаҳои касбӣ, дар барномаву нақшаҳои илмӣ инъикос ёфта, амалӣ мегардад.

1.3. Хусусиятҳо ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ

Мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бо як қатор хусусиятҳои хос тавсиф меёбад. Гузариш ба низоми нави таълимӣ, тағйири шаклу усулҳои омӯзиш ва афзоиши талабот ба мустақилияту масъулият, зарурати аз нав

ташкил намудани фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоиро ба миён меорад. Дар чунин шароит раванди мутобиқшавӣ ҳамчун раванди фаъол ва динамикӣ зоҳир шуда, тавассути азхудкунии шаклҳои нави фаъолият, ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва дарки мавқеи худ дар муҳити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ амалӣ мегардад.

Дар таъмини мутобиқшавии муваффақонаи донишҷӯён нақши дастгирии педагогӣ махсусан муҳим аст. Аз ҷумла, фаъолияти куратор ҳамчун омили муассири ҳамоҳангсозии ин раванд баромад намуда, барои ташкили муҳити мусоиди равонӣ, рушди ҳамкории гурӯҳӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён мусоидат мекунад. Тавассути роҳнамоӣ, машваратдиҳӣ ва дастгирии пайваста, куратор ба донишҷӯён дар бартараф намудани мушкилоти ибтидоӣ, мутобиқ шудан ба талаботи муҳити таълимӣ ва рушди қобилиятҳои шахсӣ кумак мерасонад, ки дар маҷмуъ ба мутобиқшавии устувори онҳо замина мегузорад.

Мутобиқшавӣ созгоршавии организм ба шароити доимо тағйирёбандаи муҳити атроф мебошад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ дорои ҷанбаи психологие мебошад, ки ба созгоршавии шахсият ба ҷомеа якҷоя бо талаботи ин ҷомеа, инчунин бо ангезаҳо ва талаботи шахсии ӯ нигаронида шудааст. Ҳар як шахс дар раванди рушди инфиродӣ ва ташаккули касбию мехнатиаш раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро аз сар мегузаронад. Мисоли равшани чунин мутобиқшавӣ - дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ ба шумор рафта, ин дар ҳаёти ҳар як шахс як зинаи нав ба шумор меравад. Танҳо дар соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ шахс ба худдаркунӣ шурӯъ карда, муносибати худро ба таҳсил ва аз ҳама муҳим ба касби ояндааш ташаккул медиҳад. Соли якуми таҳсил барои донишҷӯён назар ба солҳои минбаъда мушкилтарин ба шумор меравад. Дар донишҷӯёни соли якуми таҳсил дар раванди фаъолияти таълимӣ мушкилот ба вуҷуд омада, одатан қолабҳои (стереотипҳои) онҳо тағйир меёбанд [7.-М].

Барои донишҷӯён дар соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ одат кардан ба шаклҳои нави машғулият, ба мазмун ва ҳаҷми афзудаи маводи таълимӣ мушкил аст. Аксар вақт онҳо маводи пешниҳодшудаи омӯзгоронро конспект карда наметавонанд. Қисме аз донишҷӯён хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии деҳот мебошанд ва дар чунин ҳолат мушкилоти мутобиқшавӣ метавонад бо маҳдуд будани робитаҳои иҷтимоӣ, яъне бо шумораи ками ҳамсинфон ва муҳити маҳдуди муошират дар муассисаи таҳсилоти умумӣ вобаста бошад.

Табиист, ки дар он ҷо ҳама якдигарро нағз мешиносанд ва вақте ҷавонон ба шаҳри калон меоянду ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дохил мешаванд, асосан аз барқарор карда натавонистани муносибатҳои дуруст бо шахсони ношинос дуруст нигарон мебошанд, гарчанде бо мурури замон изтироби онҳо аз байн меравад [11, с. 21-23; 32; 183, с. 887-891].

Мутобиқшавии психологӣ ин раванди фарогирии психикии шахс ба низомҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва касбӣ мебошад. Намудҳои асосии мутобиқшавии психологӣ ин мутобиқшавии иҷтимоӣ ва психикӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, касбӣ-фаъолиятӣ ва экологӣ-психологӣ мебошанд. Дар доираи тадқиқоти илмӣ, шаклҳои муҳимтарини мутобиқшавии психикӣ, аз ҷумла: мутобиқшавии иҷтимоӣ ва рӯҳии фард, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва равонии инсон, мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии шахсият, мутобиқшавии касбӣ ва фаъолиятии равонии фард, инчунин мутобиқшавии экологӣ-психологии инсон муайян ва мушаххас карда шудаанд.

Ба натиҷаҳои муваффақонаи мутобиқшавӣ ноил гардидан аз иҷрои як қатор эҳтиёҷот вобаста аст, ки дар навбати худ метавонанд ба қонеъ гардонидани талаботи дигар таъсир расонанд ва ба ин васила, ҷойгузини онҳо шаванд. А. Маслоу бар он назар аст, ки «...инсон доимо ба ин ё он навъ эҳтиёҷот ниёз дорад ва дар ҳар лаҳза, баъзе аз ин эҳтиёҷот

афзалиятноктар буда, моҳият ва самти рафтори инсонро муайян мекунанд, дар ҳоле ки эҳтиёҷоти дигар бештар ба тарзи умумии рафтор, хусусияти кирдор ва беназирии онҳо таъсир мерасонанд» [62].

Зарур аст кор оид ба мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум дар шароити ҷорӣ намудани низоми нави кредитӣ, ки талаботи навро нисбат ба натиҷаҳои таълими касбӣ муайян мекунад, анҷом дода шуда, ба муайян кардани мушкилоти мутобиқшавии онҳо, таҳия ва татбиқи низоми тадбирҳои мутобиқшавие асос ёбад, ки имкон медиҳанд онҳо ба фаъолияти фаъоли маърифатие ворид карда шаванд, ки қобилияту имкониятҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои онҳоро барои мустақилона ҳал намудани масъалаҳои таҳсилотӣ-маърифатӣ ва касбӣ дар муҳлати кӯтоҳ ташаккул дода, инкишоф медиҳад [2; 158, с. 202-207].

Бар асоси маълумотҳои мавҷудбуда, таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун марҳилаи калидӣ дар ташаккули шахсияти фард арзёбӣ гардида, ин давра барои шаклгирии мустақилияти минбаъдаи ҳаётии шахс замина фароҳам месозад. Давраи донишҷӯӣ бо сатҳи назарраси тағйироти психологӣ, иҷтимоӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ тавсиф мешавад. Дар давраи донишҷӯӣ дар ҳаёти марди ҷавон равандҳое аз қабили: иҷтимоишавӣ, ташаккули мавқеи ҷаҳонбинӣ, худмуайянкунии касбӣ ба амал меоянд.

Таҳсил дар муасссисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҷавононе, ки имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро бомуваффақият супурда, ба он дохил шудаанд, ҳамеша бо умеди зиндагии ҷолиби донишҷӯӣ, бо ташвишу корҳои муайян алоқаманд аст. Баъзан, лаззати муайян аз ибтидои давраи донишҷӯӣ ва аз озодиву истиқлолияте, ки донишҷӯён дар аввал эҳсос мекунанд, аксар вақт бо эҳсоси парешонӣ ва изтиробу ташвиш дар назди мушкилоти бамиёномада дар таҳсил ва маишат, ноуҳдабароӣ дар ҳалли онҳо иваз мешавад. Чунин ҳолат бештар бо донишҷӯёни аз шароити муқаррарии зиндагӣ, аз оила ва шиносҳо ҷудошуда рӯх медиҳад.

Барои ҳама донишҷӯёни курси якум ба раванди мутобиқшавӣ ба шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ касбӣ бо мушкилоти муайян алоқаманд аст. Аммо то чӣ андоза онҳо ин мушкилотро дарк мекунанд, гуногун аст. Ҷавонон ба тағйирёбии шароити зиндагӣ бо роҳҳои гуногун мутобиқ шуда, пеш аз ҳама, мутобиқшавии онҳо аз қобилияти модарзодӣ ва бадастомадаи шахсият барои мутобиқшавӣ дар ҳама гуна шароит ба тамоми гуногунии ҳаёт вобаста мебошад. Зери қобилияти мутобиқшавӣ дар адабиёти илмӣ қобилияти созгоршавӣ ба талаботи гуногуни муҳити зист, аз ҷумла талаботи иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва ғайра, бидуни ихтилоф бо муҳити зист ва эҳсоси нороҳатии ботинии ӯ ва фаҳмида мешавад.

Сатҳи мутобиқшавӣ на танҳо ба қобилиятҳои модарзодӣ, балки ба қобилиятҳои бадастомада низ таъсир расонида, он баланд, миёна ва паст шуда метавонад. Ҳамин тавр, зери таъсири шароит ва тарзи зиндагии одам, хусусиятҳои таълиму тарбияи ӯ сатҳи мутобиқшавӣ зиёд ё паст мешавад. Одам ба мутобиқшавии модарзодии шахсият таъсир расонида наметавонад, аммо сатҳи онро аз тариқи тағйир додани таълим ва тарбия, шароити зиндагӣ ва муҳити зист паст ё баланд кардан мумкин аст.

Аксари муҳаққиқоне, ки бо масъалаҳои такмили сифати тайёр намудани омӯзгорон сарукор доранд, ба набуди ҳавасмандии интихоби довталабон, номувофиқ будани пурраи талаботи низоми ташхиси касбӣ, инчунин ба тамоюлҳои муайян кардани майлу рағбат ба касби оянда ва ба сатҳи мавҷудаи фаъолияти ташаккулёфтаи хислатҳои касбӣ таъкид менамоянд. Ин омилҳо ҳамчун монеаҳои асосии баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон баррасӣ мешаванд.

Шароити будубош дар донишҷӯёни аз шаҳру ноҳияҳои дигар омада куллан тағйир меёбад. Аз зодгоҳҳояшон дур шуда, бо одамони бегона дар хона ё хобгоҳ зиндагӣ карда, дар онҳо мушкилоти вобаста ба натавонистани ташкили маишати худ, ба роҳ мондани муносибатҳои

байнишахсӣ, сарфакорона харҷ кардани маблағҳои мавҷудаи худ, созгории психологӣ бо одамоне, ки бо онҳо дар як ҳуҷра ё дар як хона зиндагӣ мекунанд, ба вуҷуд меояд.

Оқилона ташкил карда натавонистани фаъолияти таълимӣ-тарбиявии худ, ташаккулнаёбии нокифояи маҳорату малакаҳои кори мустақилона бо адабиёт, истифодаи самараноки вақти корӣ ва холии худ ҳамчун маҷмуи дигари мушкилоте, ки донишҷӯёни курси якум бо он дучор мешаванд, ба ҳисоб мераванд. Маҷмуи мазкури мушкилот дақиқ муайян карда натавонистани мавқеи худ ва риояи он дар вазъияти интихобӣ, муқовимат ба таъсири манфӣ, мавҷуд набудани маҳорату малакаҳои муошират ва амали муштарак бо ҳамкурсон ва омӯзгоронро низ дар бар мегирад.

Агар ин мушкилот дар марҳилаи аввал ҳал нашаванд, яъне имкони дарёфти дастгирӣ ва кӯмаки донишҳои зарурии иҷтимоӣ-психологӣ вуҷуд надошта, дар бораи масъалаҳои ҷорӣ маълумот мавҷуд набошад, он гоҳ раванди мутобиқшавӣ барои як қисми муайяни донишҷӯён кашол меёбад. Ин дар навбати худ, боиси паст шудани нишондиҳандаҳои таълимӣ ва дар натиҷа мушкилот дар давраи аввали имтиҳон, ниҳоят бад шудани саломатӣ мешавад.

В.В. Батколина чунин мешуморад, ки: «...сабаби асосии мушкилот дар мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ ин гузариши якбора аз низоми синфӣ-дарсӣ ба низоми лексионӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши талабот ба мустақилият ва масъулият мебошад»[19].

Мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввал ба фазои нави таълимӣ мушкилоти хосро ба миён меорад. Мутобиқшавӣ на танҳо ба гузариш ба муассисаи таҳсилоти олии педпгогӣ ва шароити нав, балки ба захираҳои шахсиятии мутобиқшавии донишҷӯён низ вобаста аст. Ошноӣ бо фаъолияти касбӣ-педагогии интихобкардаи онҳо аз нигоҳи нақши нави

иҷтимоӣ ҳамчун донишҷӯ омили муҳимми мутобиқшавӣ ба таҳсил дар муассисаи олии омӯзгорӣ мебошад.

Таҳлил ва баррасии адабиёти илмӣ оид ба масъалаи мавриди таҳлил имкон медиҳад як қатор хулосаҳое барорем, ки мо ба онҳо такя кардем.

1. Мутобиқшавии донишҷӯи курси якум ҳамчун раванди ба мувофиқа овардани параметрҳои асосии хусусиятҳои шахсиятӣ ва иҷтимоии ӯ бо -шароити нави муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун омили беруна нисбат ба ӯ, бо ҳолати мувозинати динамикӣ фаҳмида мешавад

2. Барои дигаргунсозии касбии минбаъдаи мутахассисони оянда соли якуми донишҷӯӣ соли асосӣ ва заминавӣ ба шумор меравад.

3. Хатмкунандагони дирӯза ҳангоми мутобиқшавӣ ба шароит ва муҳити атофи нав фишори азимро аз сар гузаронида, барои ҷисми ҷавон ва ташаккулнаёфтаи донишҷӯи курси якум тоб овардан ба намуди мазкури фишор нисбат ба калонсолон хеле мушкил буда, сатҳи изтироби ӯ дар давраи мутобиқшавӣ аз меъёр зиёд аст. Чунин ҳолат метавонад ба раванди таҳсилӣ-маърифатии донишҷӯи курси якум таъсири манфӣ расонад

4. Дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ раванди мутобиқшавии донишҷӯи курси якум ба шароити фаъолияти ҳаётӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Донишҷӯён мушкилоти дидактикӣ, касбӣ, психофизиологӣ иҷтимоӣ-психологиро аз сар мегузаронанд [69, с. 649-651]. Ба сифати самтҳои асосии фаъолияти таълимӣ дар самти мутобиқшавии донишҷӯи курси якум ҷанбаҳои коммуникативӣ, муоширатӣ ва маърифатиро фарқ мекунанд [96].

Хулоса, бар асоси маълумоти зикршуда, метавон таъкид кард, ки мутобиқшавӣ зуҳуроти мураккаб ва фардӣ буда, ба омилҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст. Ҳарчанд муайян намудани маҷмӯи аниқи омилҳое, ки муваффақияти мутобиқшавӣ ба муҳити донишгоҳро таъмин месозанд, кори осон нест, таҷрибаи психологҳо ва омӯзгорони дохилӣ ва

хориҷӣ нишон медиҳад, ки як зумра омилҳои шахсӣ, аз ҷумла таваҷҷуҳи устувор, дарки меъёрҳо ва арзишҳои донишгоҳ, худбаҳодиҳии воқеъбинона, робитаҳои солим дар муҳити оилавӣ ва ҳамсолон, зеҳни баланди иҷтимоӣ ва сатҳи пасти изтироб ба ин раванд таъсири мусбат мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бо масъалаҳои мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум бояд на танҳо сохтору воҳидҳои умумидонишгоҳӣ машғул шаванд, ба ин кор бояд кураторҳои гурӯҳҳои таълимӣ дар факултетҳое, ки дар онҳо донишҷӯён таҳсил мекунанд, низ ҷалб карда шаванд. Ниҳоди кураторҳои гурӯҳҳои академӣ яке аз шаклҳои самараноктарини дастгирии донишҷӯёни курси якуми муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ба шумор меравад [3, с. 150-151].

Нақши куратори гурӯҳи таълимӣ аз фароҳам овардани шароити зарурии расонидани кӯмак ба донишҷӯёни курси якум барои ёфтани худ ва ҷойгоҳи худ дар гурӯҳи донишҷӯён ва муҳити нави ҳаёти иҷтимоӣ иборат мебошад. Куратори гурӯҳи таълими ташкилотчии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён, ҳамоҳангсозии таъсиррасониҳои тарбиявӣ ба ҳисоб рафта, самтҳои асоси такмили фаъолияти тарбиявии ӯ аз: тамоюл додани донишҷӯёни курси якум ба тарзу услуби ҳаёти солим; фароҳам овардани фазои ахлоқию маънавии психологӣ дар гурӯҳи донишҷӯён; ҷалб намудани онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва илмии муассисаи таҳсилот; баланд бардоштани сифати самаранокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён ва нишондиҳандаҳои таълимии онҳо; ҷалби онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ва фароғатию варзишӣ иборат мебошад

Вазифаи муҳимтарини куратори гурӯҳи таълимии донишҷӯён расонидани кӯмак ва дастгирии педагогӣ ба донишҷӯёни курси якум ба мутобиқшавии онҳо ба раванди таҳсилоти олӣ буда, марҳилаи аввали фаъолияти ӯ дар ин самт ташхисӣ мебошад. Марҳилаи мазкур ба

шиносоӣ бо донишҷӯёни гурӯҳ ҳам дар шакли ғоибона, ҳам дар шакли ҳузурӣ дар давоми соатҳои кураторӣ, суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ нигаронида шудааст. Дар ин марҳила ба куратор зарур аст дар гурӯҳи таълимӣ фазои дӯстона ва созандаи ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобиларо муҳайё сохта, фаъолони эҷодиро аз ҳисоби донишҷӯён интихоб намуда, бо шароити истиқомати донишҷӯён дар хобгоҳ шинос шавад. Дар марҳилаи дуюми дастгирии педагогӣ, ки ҷустуҷӯ ҳисобида мешавад, куратор якҷоя бо донишҷӯён фаъолияти онҳоро дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ташкил карда, ба онҳо оид ба имкониятҳои худтатбиққунӣ дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилот иттилоъ дода, имконияти дуруст самтёбӣ кардан дар шароити навро фароҳам меорад

Ҳамкории зич ва фаъолияти муштараки куратор бо донишҷӯён дар ин давра имконияти ҷусутуҷӯ кардани сабабҳои ба вуҷуд омадани мушкилот ва душвориҳои муҳити нав, банақшагирии амалҳои муштаракро оид ба ҳаллу фасли онҳо фароҳам меоранд. Дар давраи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити таҳсилоти олӣ зоҳир намудани ҳамдардӣ нисбат онҳо муҳим мебошад, зеро чунин амали куратор нисбат ба онҳо ҳамчун асос барои рафъи фишор, ҳисси изтироб дар шароити барои онҳо ғайриоддӣ ба шумор меравад. Махсусан ин ба донишҷӯёне, ки аз падару модари худ дур дар хобгоҳ зиндагӣ мекунанд [104, с. 322-323].

Ба доираи вазифаҳои куратор шиносонидани донишҷӯёни курси якуми таҳсил бо қонунгузории соҳаи маорифи мамлакат, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯ дар муҳити муассисаи таълимӣ, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии педагогие, ки дар он таҳсил мекунанд, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Қоидаҳои зиндагӣ дар хобгоҳи донишҷӯён, ташкили фаъолияти фарҳангӣ-оммавӣ, варзишӣ-солимгардонӣ дар муассисаи таҳсилот, кори китобхона, маркази саломатӣ дохил мебошанд. Ӯ инчунин донишҷӯёни курси якумро бо анъанаҳо ва таърихи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ шинос карда,

дар онҳо ҳисси эҳтиром ба арзишҳо, қонунҳо, меъёрҳо, принсипҳои ахлоқӣ, анъанаҳои ҳаёти муассисаи таҳсилоти олии педагогиро ташаккул дода; аз болои фаъолияти ҷорӣ, семестрии нишондиҳадаҳои таълимӣ, корҳои берун аз таълимиро назорат мебарад. Куратор инчунин дар амри ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни худидоракунии донишҷӯёни курси якум фаълона иштирок карда, ба ҷалби донишҷӯёни курси якум ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, шаклу намудҳои гуногуни фаъолияти беруназтаълимӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд, ва ғайра.

«Куратор бо иҷрои вазифаҳои гуногун, аз қабили муошират, назорат, иттилоърасонӣ, ташкилотчигӣ ва эҷодкорӣ, донишҷӯёнро ба сӯи азхудкунии арзишҳои муассисаи таълимӣ ҳидоят менамояд. Фаъолияти куратор дар шаклҳои мухталиф зуҳур ёфта, аз ошкор сохтани пешвоён, ташкили вохӯриҳо, шиносоӣ бо қонунҳои донишгоҳ, гузаронидани пурсишҳо ва таҳияи лоиҳаҳо иборат аст» [114].

«Хатмкунандаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ба муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дохилшуда ҳанӯз дар роҳи худмуайянкунӣ қарор доранд. Дар робита ба ин, «худмуайянкунӣ, аз як тараф, ҳамчун як самт ва ҷанбаи муҳимми раванди ҷамъиятии рушди шахсияти омӯзгори оянда ба ҳисоб рафта, аз тарафи дигар, он бо масъалаҳои ташаккул ва рушди одами соҳибкасб зич алоқаманд аст» [76, с. 98].

Ҳамин тариқ, бо таҳлили ҳамаҷонибаи раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба фазои муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, ду ҷанбаи муҳимми онро метавон ҷудо намуд, ки бо хусусиятҳои фаъолияти донишҷӯён дар давраи таҳсил дар донишгоҳ алоқаманданд:

1) *Ҷанбаи педагогӣ:* ин ҷанба мутобиқшавӣ ба сохтори таълим, фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар доираи муассисаи таҳсилоти олии, азхудкунии донишҳо, қобилиятҳо, маҳоратҳо ва малакаҳоро дар бар мегирад. Он ҳамчунин эътиқод ба дурустии интихоби касб, омодагӣ ба кор аз рӯи ихтисос ва таваҷҷуҳи устувор ба фанҳои касбиро, ки дар

донишгоҳ омӯхта мешаванд, дар бар мегирад ва инҳо ҳамчун меъёрҳои муваффақияти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум арзёбӣ мешаванд.

2) *Ҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ:* ин ҷанба дар раванди мутобиқшавӣ ташаккули муносибатҳои шахсӣ бо муҳити донишҷӯён, дар ҷараёни фаъолияти муштараки таълимӣ-маърифатӣ ифода меёбад. Он азхудкунии меъёрҳои гурӯҳи донишҷӯён, анъанаҳои нави иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоӣ-психологиро дар бар мегирад. Натиҷаҳои мусбати ин ҷанба дар омодагии донишҷӯ барои ширкати фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, дар эҳсоси хушбахтӣ ва қаноатмандии донишҷӯёни курси аввал, инчунин дар рафтори мусолиҳатомез ва бидуни кашмакаши онҳо дар муҳити нави муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ намоён мегардад [121].

Бешак, роҳи муҳим ва муассири мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба фазои муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ иштироки фаъолона дар форумҳои ҷавонон, озмунҳои эҷодӣ, чорабиниҳои ҷамъиятию педагогӣ дар марказҳои тарбиявӣ, ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои педагогӣ, мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои иҷтимоии шаҳру навоҳии кишвар мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки роҳи муҳим ва муассири мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба фазои муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ин иштироки фаъолона дар форумҳои ҷавонон, озмунҳои эҷодӣ, чорабиниҳои ҷамъиятию педагогӣ дар марказҳои тарбиявӣ, ҳамкорӣ бо гурӯҳҳо мебошад. Мутобиқсозии шахсияти донишҷӯ ба раванди таълимӣ дар мактаби олии омӯзгорӣ раванди мураккаб, тӯлонӣ ва баъзан шадид, фишороовар ва дарднок мебошад. Дар баробари ин, хусусиятҳои физиологию психологӣ-сиинусолии донишҷӯён дар соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ аксар вақт бо камолнаёфтагии эҳсосотӣ, худайниятдиҳӣ, ошкорбаёнӣ, пешниҳодпазирӣ тавсиф шуда, дар ин давра барои донишҷӯён маҳз муҳите, ки онҳо дар он қарор доранд, муҳим ба шумор меравад. Аксар вақт духтарон ва писарони дорои сатҳҳои

гуногуни иҷтимоӣ ба як гурӯҳи донишҷӯй дохил мешаванд, ки аз сокинони шаҳру деҳот иборат буда, барои ҳар яке аз ин категорияҳо давраи мутобиқшавӣ ба муҳити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ фарқ хоҳанд кард [120, с. 718-722].

«Давраи мутобиқшавӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ раванди бетанаффус мебошад. Мутобиқшавӣ раванди лаҳзаӣ нест, балки зуҳуроти тӯлониест, ки дар тӯли як рӯз ба анҷом намерасад. Ин ҷараёни доманадор имкон медиҳад, ки шахс дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, муошират ва худшиносӣ таҷриба омӯзад» [54; 129]. Ба андешаи муҳаққиқон, идораи ҳадафмандонаи педагогӣ шарти муҳимми самаранокии раванди мутобиқшавӣ ба шумор меравад.

Дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ як қадами ҷиддӣ дар роҳи рушди шахсиятӣ ба шумор меравад, зеро бо интихоби роҳи касбии худ, шахс бояд дарк кунад, ки ба ин фаъолияти касбӣ қисми зиёди ҳаёташ бахшида мешавад. «Баъди дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олӣ, донишҷӯи соли якум аллакай дорои баъзе муносибатҳо, (қолабҳо) стереотипҳо ва қоидаҳои ташаккулёфтае мебошад, ки аз лаҳзаи оғози таҳсил дар донишгоҳ ба тағйир ёфтан оғоз мекунанд. Дар ин ҷо, донишҷӯ бо низомномаи тартиботи дохилӣ ва қоидаҳои истиқомат дар хобгоҳ, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои худ дар фазои донишгоҳӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва оммавӣ, фаъолияти варзишӣ ва солимгардонӣ дар муассисаи таълимӣ, инчунин фаъолияти китобхона ва маркази саломатӣ шинос мешавад» [29, с. 82-86].

Раванди мутобиқшавӣ дар ташаккул ва рушди шахсияти донишҷӯ аҳаммияти калон дорад. Аввалан, дар раванди мутобиқшавӣ муҳим аст, ки донишҷӯи соли якум ба самти дуруст дар низоми рафтор роҳнамоӣ карда шавад. Дар ҷараёни мутобиқшавӣ ҳодисаи муҳим: ташаккули умумияти иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳи донишҷӯён ба амал меояд. Ин раванд дар тӯли тамоми давраи таҳсил идома ёфта, дар соли сеюми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, донишҷӯён дорои

сифатҳои муҳимми шахсӣ, аз қабили худназораткунӣ, муташаккилӣ, масъулиятшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ мегарданд [4].

Ба ақидаи Н.Г. Репёва «...ба сифати муҳити мутобиқшавии донишҷӯён низоми таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ амал мекунад»[123]. Бо назари муаллиф метавон мувофиқа кард, ки ҳолати мутобиқшавӣ пеш аз ҳама дар натиҷаи нав будани худи фаъолияти таълимӣ ва инчунин хусусияти нави шароите ба миён меояд, ки ин фаъолият дар доираи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, идораи ҳадафмандонаи педагогӣ шарти аслии самаранокии раванди мутобиқшавӣ мебошад. Идоракунии мақсадноки педагогӣ ҳамчун шарти асосии самаранокии раванди мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад. Идоракунии мутобиқшавии таълим дар курсҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти олӣ маънои таъмин намудани гузариши бошуурона ва пайдарпайи донишҷӯёнро аз як зинаи ташаккули муносибатҳо ва арзишҳои шахсӣ ба зинаи дигари мукаммалтару рушдёфтаи он ифода мекунад. Бинобар ин, аз ҷиҳати педагогӣ муайян кардани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки бо кӯмаки онҳо муваффақияти раванди мутобиқшавии шахсиятиро дар шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ чен кардан мумкин бошад, ба мақсад мувофиқ мебошад.

1. Мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввал ба раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ як тадбири муназзам ва дутарафа аст, ки қадам ба қадам сурат мегирад. Ин раванд аз мутобиқшавии фаъолонаи донишҷӯён ба шароити муҳити таълимӣ иборат аст, ки дар ташаккул ва инкишофи робитаҳои таҳсилӣ-маърифатӣ, ҳавасмандгардонӣ, иродавӣ ва иҷтимоӣ-коммуникативӣ зоҳир мегардад. Дар ин ҷо, донишҷӯён бояд на танҳо ба талаботи академӣ мутобиқ шаванд, балки ҳамчунин малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ бо дигаронро инкишоф диҳанд, то дар фазои нави таълимӣ муваффақ гарданд. Ин

мутобиқшавӣ барои рушди шахсӣ ва касбии донишҷӯён аҳаммияти калон дорад. Робитаҳои мазкур дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ муносибати субъективии донишҷӯро ба намудҳои асосии фаъолияти ӯ дар муҳити нав тавсиф менамояд. Раванди мутобиқшавӣ, дар баробари ин, дорои хусусияти интерактивӣ мебошад, яъне муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ба донишҷӯ таъсир мерасонад, ва донишҷӯ, дар навбати худ, ба муҳити атроф фаъолона таъсир расонида, онро ба тарзи муайян табдил медиҳад. Тафриқаи робитаҳои намудҳои гуногун барои беҳтар фаҳмидани моҳияти падида кӯмак мекунад, аммо, дар айни замон мутобиқшавӣ ҳамчун як раванди ягона ба таври мунтазам сурат мегирад. Марҳилаҳои раванди мутобиқшавӣ бо тағйиротҳои ҳам дар хусусияти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, ҳам дар сатҳи хосиятҳои шахсиятӣ баамалоянда алоқаманд буда, дорои динамикаи замонӣ мебошад.

2. Дастгирии педагогӣ аз нуқтаи назари таълими инкишофдиҳанда ва муносибати ба шахс нигаронидашуда ташкил карда мешавад. Ин имкон медиҳад мушкилоти таҳсилӣ-маърифатӣ ва иҷтимоӣ-коммуникативии гурӯҳҳои донишҷӯён, ки аз ҷиҳати таркиб аз нуқтаи назари мутобиқшавӣ мураккаб мебошанд, бартараф карда шуда, самаранокии раванди мутобиқшавӣ таъмин карда шавад.

3. Дар илми психология, педагогика, физиология, ҷомеашиносӣ ва дигар соҳаҳо мафҳуми «мутобиқшавӣ» ва «нишондиҳандаҳои таълимӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои онҳо вобаста ба соҳаи истифода таърифҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Умуман, он бештар ҳамчун раванд ва ҳам падидае шарҳ дода мешавад, ки дар он созгоршавии фаъол ба муҳити нав ва шароити тозаи он, инчунин робитаи мутақобилаи шахсият бо муҳит дар назар дошта мешавад. мешавад.

4. Дар раванди мутобиқшавӣ нақши пешбаранда ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дода мешавад Ташаккул ва рушди маҳорату малакаҳои умумитаълимӣ, рушди сифатҳои эҷодӣ, дивергентӣ, мантиқии тафаккур дар раванди омӯзиши фанҳои заминавӣ амалӣ карда мешавад.

Хулосаи боби якум

- таҳлили назариявӣ нишон дод, ки таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар шароити муосир бо тағйироти ҷиддӣ дар мазмун, усул ва шаклҳои ташкили раванди таълимӣ тавсиф меёбад. Ин тағйиротҳо ба баланд бардоштани нақши фаъолияти мустақилона, муносибати шахсиятгароёна ва рушди салоҳиятҳои касбии ояндаи омӯзгорон равона гардидаанд;

- муайян гардид, ки дар шароити муосир самаранокии таҳсилоти педагогӣ на танҳо аз ҳаҷми дониш, балки аз дараҷаи ташаккули қобилияти мутобиқшавӣ, худидоракунӣ ва фаъолияти эҷодии донишҷӯён вобастагӣ дорад, ки ин талаботи навро нисбат ба раванди таълим ба миён меорад;

- баррасии мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» нишон дод, ки онҳо ҳамчун равандҳои мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ баромад намуда, ҳамгироии шахсро ба муҳити нави иҷтимоӣ ва таълимӣ тавассути азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва шаклҳои фаъолияти нав таъмин менамоянд;

- мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ дорои хусусияти пайдарпай ва марҳилавӣ буда, дар асоси ҳамкории омилҳои инфиродӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ ташаккул меёбад. Ҳамгироии муназзами ин омилҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбати таълимӣ ва рушди шахсият аҳамияти калидӣ дорад;

- муайян карда шуд, ки донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавӣ бо мушкилоти гуногун, аз ҷумла тағйири муҳити таълим, зиёд шудани талабот ба мустақилият, мушкилоти муошират ва норасоии таҷрибаи худидоракунӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин равандро мураккаб мегардонад;

- хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум бо зарурати азхудкунии нақшҳои нави иҷтимоӣ, ташаккули муносибатҳои

байниҳамдигарӣ ва мутобиқ шудан ба талаботи муҳити донишгоҳӣ алоқаманд буда, хусусияти динамикӣ ва инфиродӣ доранд;

- натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, аз ҷумла ташкили муҳити дастгиркунанда, рушди ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва ҳавасмандгардонии фаъолияти донишҷӯён, ба мутобиқшавии муваффақонаи онҳо мусоидат менамояд;

- ҳамин тариқ, мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун омили муҳимми иҷтимоишавии шахсият баромад намуда, талаб менамояд, ки дар раванди таълим ба он ҳамчун самти мустақили фаъолияти педагогӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ БА МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ҲАМЧУН АСОСИ ИҶТИМОИШАВИИ ШАХСИЯТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

2.1. Мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум

Дар марҳилаи ибтидоии таҳсил донишҷӯёни курси якум бо як қатор мушкилоти вобаста ба мутобиқшавӣ ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ин мушкилот ба тағйир ёфтани шаклу усулҳои таълим, афзоиши талабот ба мустақилият, норасоии таҷрибаи худидоракунӣ ва душвориҳои барқарор намудани муносибатҳои нави иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд. Дар чунин шароит, дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ҳамчун омили муҳими сабуксозии раванди мутобиқшавӣ баромад мекунад.

Хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ дар он зоҳир мегарданд, ки он ба ташаккули муҳити мусоиди равонӣ, паст намудани изтироб, рушди малакаҳои коммуникативӣ ва баланд бардоштани эътимоди донишҷӯён ба қобилиятҳои худ равона шудааст. Ин навъи дастгирӣ бояд мунтазам, мақсаднок ва бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён амалӣ гардида, барои мутобиқшавии муваффақонаи онҳо ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ замина фароҳам оварад.

Солҳои охир сатҳи нокифояи тайёрии баъзе хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба аз худ намудани барномаҳо ва нақшаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври возеҳ ба назар мерасад. Барои аксари довталабони таҳсил дар донишгоҳ сатҳи пасти бозтавлидии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, дониши пасти қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои умумитаълимӣ, ҳавасмандии нокифоя ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, касби интихобкардаашон хос мебошанд. Ҳолати мазкур мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро ба раванди таълимии

муассисаи таҳсилоти олӣ, ки ҳамчун воридшавӣ ба шароит ва муҳити барои онҳо нави таълим ва ҳамкории иҷтимоӣ ба шумор меравад, мушкил мегардонад. Ин дар ниҳоят ба сатҳи нишондиҳадаҳои таълимии донишҷӯён таъсири манфӣ расонида, барои баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад.

Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар оғози таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо вазъияти комилан нав ва ғайримуқаррарӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин замина, муайян намудани мушкилоти асосие, ки барои мутобиқшавии босамари донишҷӯёни соли аввали таҳсил ба шароити тағйирёфта халал мерасонанд, зарур аст. Ин мушкилот аксаран дар соли аввали таҳсил барои аксари донишҷӯён ба вуқӯъ мепайвандад. Донишҷӯёни курси якум дар раванди мутобиқшавӣ ба муҳити нави таълим мушкилоти муайян, аз қабили: эҳсосоти манфие, ки бо рафтани собиқ хонандагон аз гурӯҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кӯмаки ҳамдигарӣ ва дастгирии маънавии он алоқаманд аст; номуайянии ҳавасмандӣ дар донишҷӯи курси якум ба интихоби касб, тайёрии нокифояи психологии ӯ ба касб; ноуҳдабарой дар худтанзимкунии психологии фаъолият, рафтору кирдор, ки аз сабаби мавҷуд набудани одат ба назорати ҳаррӯзаи омӯзгорон амиқтар мешавад; ҷустуҷӯи реҷаи беҳтарини меҳнат ва истироҳати донишҷӯи курси якум дар шароит ва муҳити нави таълим; ташкили ҳаёти ҳаррӯза ва нигоҳубини худ, махсусан ҳангоми гузариш аз хона ба хобгоҳи доншгоҳӣ; кор бо манбаъҳо, маълумотномаҳо, луғатномаҳо ва ғайраро аз сар мегузаронанд. Мушкилоти мазкур аз рӯи ба вуҷуд омадани худ гуногун буда, баъзеи онҳо дорои хусусияти объективӣ буда, дигариҳо дорои хусусияти субъективӣ буда, бо камбудиҳои таълим ва тайёрии нокифоя ба он алоқаманд мебошанд [1, с. 185].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни курси якум дар оғози таҳсил бо мушкилоти ҷиддие рӯ ба рӯ мешаванд [96, с. 55]. Аз ҷумла, ҳаҷми умумии сарбориҳои таълимӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад,

азхудкунии фанҳои нав душвор мегардад, дар муошират бо ҳамсабақон нофаҳмиҳо ба миён меоянд ва дар барқарор намудани робитаҳои нав бо омӯзгорон мушкилот эҳсос мешавад.

Тағйирёбии вазъи иҷтимоӣ ва зарурати мутобиқ шудан ба шароити нави таълимӣ, инчунин азхуд намудани мақоми донишҷӯӣ, ба рафтори донишҷӯи курси якум ва муносибати ӯ бо донишҷӯёни дигар ва омӯзгорон таъсири муҳим мерасонад.

Бо дарназардошти омилҳои гуногуни мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, нақши идоракунии педагогӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Фаъолияти кураторони гурӯҳҳои донишҷӯёни курси якум яке аз шаклҳои самарабахши ин роҳбарӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯи курси якум дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ, сифатҳои шахсӣ, фаъолнокии таълимӣ, вазъи саломатӣ, муҳити иҷтимоӣ ва оилавӣ вобаста аст.

Ташкили раванди мутобиқшавӣ, тавре ки таҳлили амалияи таҳсилотӣ нишон медиҳад, ба рушди ҳавасмандӣ ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва ташаккули арзишҳои маърифатӣ нигаронида шудааст ва барои фаъолияти ояндаи касбӣ замина мегузорад. Муносибати ҳамкоронаи «омӯзгор–донишҷӯ» ё «устод–шогирд», ки ба инфиродигардонӣ ва рушди муколама дар раванди таълим равона гардидааст, дар чунин шароит имконият фароҳам меорад, то ҳар як донишҷӯ ба шаклҳои мухталифи фаъолияти дарсӣ ва берун аз дарс ҷалб гардад, ки ин ҷанба аҳаммияти хоса ва бунёдӣ касб мекунад.

Муваффақияти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ ва таъсирбахш ба самти нави сифатии таълим ворид шаванд, ки ин тавассути ташкили ҳамкории байнисубъектӣ таъмин карда мешавад. Таълими фанҳои педагогӣ аз

курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ оғоз мегардад, нақши муҳим мебозад.

Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар самти «Таҳсилоти педагогӣ» тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисосро, ки дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат босалоҳият рақобатпазир, буда, ба истифодаи методҳои инноватсионии ғайристандартӣ зимни ҳалли вазифаҳои касбӣ дар амалияи воқеии таҳсилотӣ қобил буда, барои рушди доимии касбӣ омода буда, ҳамчун вазифаи асосии таҳсилоти олии педагогӣ муайян кардааст.

Дар шакли кунунӣ муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, муассисаҳои тадқиқоти илмӣ дар соҳаи масъалаҳои таълими педагогӣ шаҳодат медиҳанд, наметавонанд вазифаҳои дар пешистодаро ба таври комил иҷро намоянд. Ин, аз як тараф, ба ташаккулнаёбии муносибати арзишӣ дар донишҷӯёни курси якум ба донишҳои педагогӣ ба сифати унсури зарурии фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва касбии педагогӣ, аз тарафи дигар. ба хусусияти монологии технологияи таълимие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён, ташаккули тамоюлҳои касбии арзишии онҳоро мушкил мегардонад, вобаста мебошад.

«Дар доираи низоми таҳсилоти пайваста таҳсилоти олӣ барои ҷавонон бояд ба як давраи муҳимми такмили ихтисос табдил ёбад, ки дар онҳо имконият пайдо мекунанд, ки нерӯи зеҳнии худро рушд дода, ҳавасмандии худро ба таҳсил ва касб такмил дода, дорои сифатҳои худтакмилдиҳӣ ва худтаҳсилкунӣ бошанд. Аммо, тавре ки як қатор тадқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, бисёре аз довталабон бо мушкилоти гуногуни таълимӣ-маърифатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Хусусиятҳои онҳо азхудкунии заифи усулҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, қобилиятҳо ва маҳоратҳои зеҳнӣ ва умумитаълимӣ, сатҳи бозтавлидии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва ҳавасмандии

нокифоя ба таҳсил ва касби интихобкардаашонро дар бар мегиранд» [126].

«Таҳлилу баррасии адабиёти педагогию психологӣ имкон медиҳад, ки дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии худ донишҷӯёни соли якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба мушкилоти гуногун дучор мешаванд. Ин амр барои воридшавии самараноки онҳо ба раванди барои онҳо нави таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ монеъ мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки агар дар давоми соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мушкилоти дар боло зикргардида бартараф карда нашаванд, он гоҳ дар хотираи донишҷӯ таъсири манфии давраи мутобиқшавӣ, монанди амалу фаъолияти муштараки субъектҳои раванди таҳсилотӣ боқӣ монда, минбаъд он метавонад аз ҷониби омӯзгори навкор ба муносибатҳои мутақобила дар низоми «омӯзгор-хонанда» «устод-шогирд» дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ интиқол ёбад» [2.-М].

Дар ин маврид аз аҳаммияти принсипиалӣ мутобиқсозии махсус ташкилшудаи донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотӣ барҳӯрдор мебошад, ки самаранокии онро аз бисёр ҷиҳат сатҳи нишондиҳандаҳои таълимии донишҷӯён муайян мекунад. Илова бар ин, мафҳуми «мутобиқшавӣ ҳамчун як ҷузъи раванди таҳсилоти олии педагогӣ» бояд аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва педагогӣ таҳлил гардад ва онро бо назардошти равандҳои муосири рушди таҳсилоти олӣ, ҳамчунин хусусияти мушкилоте, ки дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии донишҷӯён ба миён меоянд, шарҳу тавзеҳ додан зарур мебошад.

«Фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ муносибати донишҷӯёнро ба раванди таълим тавсиф мекунад. Фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ин хоҳиши мустақилона фикр кардан, кашф кардани муносибати худ ба ҳалли вазифаи (масъалаи) додашуда, тайёрӣ ба мустақилона азхуд намудани дониш ва ташаккули мустақилияти ҳукмҳои худ ва муносибати интиқодӣ ба ҳукми дигарон мебошад. Фаъолияти таълимӣ-тарбиявии

донишҷӯ дар сурати мавҷуд набудани шароити зарурӣ барои амалигардонии он метавонад камсамар гардад»

Тибқи таърифи И.И. Илясов: «...фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ин худтағйирдиҳӣ, худинкишофдиҳии субъект, табдил додани он аз шахсе, ки дорои дониш, қобилият ва маҳорату малакаҳои муайян намебошад, ба шахсе, ки ҳамаи онҳоро азхуд кардааст» [127]. Ба сифати предмети фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ симои ибтидоии олам, ки дар ҷараёни амалҳои таҳсилотӣ аниқ, ғанӣ ё ислоҳ мегардад, амал мекунад. Фаъолнокии таҳсилот ин дараҷаи ҷалби донишҷӯ ба раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ мебошад. Ҳар қадаре ки донишҷӯ худро ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ фаъолонатар зоҳир намояд, ҳамон қадар ӯ бештар ба азхудкунии бомуваффақияти илмҳои бунёдӣ ва амалии дар муассисаи таҳсилоти олӣ моил буда, ба соҳаи аз ҷониби худаш интихобкардаи фаъолияти касбӣ таваҷҷуҳи бештар дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки идоракунии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёнро маъмулан *фаъолгардонӣ* меноманд. Истилоҳи мазкур ҳамчун раванди бетанаффуси ҳавасмандгардонии донишҷӯёни курси якум ба омӯзиши пуршиддат, мақсаднок, бартараф кардани фаъолиятҳои ғайрифаъол ва қолабӣ, таназзул ва рукуд дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ таъриф мешавад.

Фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ раванди мақсаднок мебошад. Донишҷӯ зимни он донишҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои навро аз худ намуда, дарки ҳаётро васеъ карда, имкониятҳои худро такмил медиҳад. Мақсаднокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар хоҳиши дарк ва ҳалли намудҳои гуногуни вазифаҳои амалӣ ва маърифатӣ, дар таваҷҷуҳ ба тағйироти мусоид дар мақоми иҷтимоии марбут ба баланд шудани сатҳи таҳсилот, дар сифатҳои шахсиятии инсон зоҳир мешавад

На ҳар як намуди таълим, на ҳар як низоми дидактикӣ, на ҳар як технологияи педагогии инноватсионие, ки омӯзгор дар раванди таълими донишҷӯён истифода мекунад, қодир аст, ки барои ҳалли масъалаи

таълимӣ самаранок бошад, зеро ин раванд аз омилҳои бисёр иборат буда, ба сабабҳои гуногун ва шумораи зиёди шартҳо вобаста мебошад. Ба ақидаи Осипова С.И: «...Як чиз баҳснопазир аст: донишҷӯро зарур аст саъю кӯшиши ҳадди аксарро дар таҳсил мустақилона ба кор бурда, барои ба даст овардани донишҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳо дар назди худ мақсадҳои калон гузошта, дар омӯзиш ва ба даст овардани қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои таҳсилию касбӣ ҳавасмандии баланд дошта бошад. Агар хоҳиши азхудкунии донишҳо дар донишҷӯ мушоҳида нашавад, ҳеҷ як устоди ботаҷриба, новобаста аз талошҳои зиёд, наметавонад донишҳои мукаммалро ба ӯ омӯзонад» [74, с. 90].

Омӯзгорон ба хубӣ дарк мекунанд, ки бе таваҷҷуҳ ба раванди таълим ва бе иштироки фаъолона дар он, интиқоли донишҳои босифат ба донишҷӯ, новобаста аз кӯшиши омӯзгор, амалан ғайриимкон аст. Манфиатҳои «донишҷӯ» маҳз барои ҳамин бояд тарзе ташаккул ва инкишоф дода шаванд, ки вай «таълимгиранда» гардад.

Дар байни сабабҳое, ки ангезаи донишҷӯёнро барои иштирок дар равандҳои таълимӣ коҳиш дода, боиси беэътиноии онҳо ба фаъолияти донишгоҳӣ мегарданд, аз ҷониби мо омилҳои зерин муайян карда шуданд:

1. шароити зарурӣ барои татбиқи самараноки раванди таълим пурра фароҳам нест ё тамоман вуҷуд надорад, ки ин ба ташаккули ҳавасмандӣ, фаъолиятнокии баланд ва шавқи маърифатии донишҷӯён таъсири манфӣ мерасонад.

2. омӯзгор маводи дарсиро барои донишҷӯёни курси якум ба тарзи ҷолиб пешниҳод намекунад; мазмун, усулҳои ташкилӣ-методӣ ва тарзи рафтори ӯ таваҷҷуҳи донишҷӯёнро бедор насохта, дар натиҷа дарс барои онҳо дилгиркунанда мегардад.

3. омӯзгор барои бедор намудани шавқи таълимӣ-маърифатии донишҷӯён аз имкониятҳои методҳои интерактивии таълим ба таври пурра истифода намебарад.

4. дар ҷараёни таълими анъанавӣ (аз ҷумла шаклҳои классикӣ ва шифоҳӣ-айнӣ) метод ва роҳҳои махсуси фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён ба кор бурда намешаванд.

5. дар баъзе донишҷӯён ҳисси масъулият нисбат ба таҳсил ва интихоби касб ба дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, ки ин метавонад боиси паст шудани шавқи маърифатӣ ё ҳатто аз байн рафтани он гардад.

6. ҳангоми таълими донишҷӯён методҳои фаъоли таълим ё кам истифода мешаванд ё умуман татбиқ намегарданд. Дар самти рушди ташаббус, истиқлолият ва муносибати эҷодкоронаи донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, ки дар навбати худ ҳавасмандии воқеиро ба фаъолияти интихобшуда тақвият мебахшад, низоми мукаммали усулҳои кори мустақилона мавҷуд нест ё ба таври зарурӣ таҳия ва ё амалӣ нашудааст.

7. омӯзгор ба ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ ва талаботи дараҷаи олӣ дар донишҷӯён, аз қабили: талабот ба худшиносӣ, кашфи нерӯи ботинии шахсиятӣ аз тариқи иштироки фаъолона дар фаъолияти ҳаррӯзаи таҳсилӣ-маърифатӣ аҳаммияти кофӣ намедиҳад.

«Роҳҳои асосии баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва самаранокиро дар тамоми раванди таълим баъди таҳлилу баррасии сабабҳои фаъолнокии нокифояи маърифатии донишҷӯён дар раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, ки дар шаклҳои гуногуни ташкили он зуҳур мекунанд, муайян кардан мумкин аст» [97, с. 355]:

1. Фароҳам овардани шароит, яъне инфрасохтори матлуби муассисаи таҳсилотиолии педагогӣ барои ташкил ва гузаронидани раванди босифати таълими донишҷӯён.

2. Захира ва имкониятҳои зарурӣ, аз ҷумла хусусиятҳои шахсии омӯзгор, дараҷаи маҳорати касбӣ, салоҳият ва омодагии ӯ, инчунин намунаи рафтори ӯ дар равандҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ.

3. Ташкили мувофиқати бештари шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим ва мазмуни он. Ба ифодаи дигар, муҳтаво, роҳҳо ва абзорҳои омӯзиш ҳамчун асосе арзёбӣ мешаванд, ки шавқу ҳаваси донишҷӯёни курси аввалро ба фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ тақвият медиҳанд

4. Ба роҳ мондани раванди таълим дар заминаи асосҳои илмӣ ва бо истифодаи методҳои дурусту самаранок, ки тарзи ташкил ва баргузории машғулиятҳоро дар бар мегирад, аҳаммияти хоса дорад. Ҳамзамон, рушди пайвастаи ҳавасмандии таълимӣ, истифодаи роҳҳои ҳавасмандсозии фаъолияти фаъоли маърифатӣ ва рафтории донишҷӯён, инчунин парвариши шавқу рағбати онҳо ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ тавассути ангезаҳои дохилӣ ва берунӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд на танҳо моҳияти ангезаҳои таълимро дарк намояд, балки аз шароит, принсипҳо, қоидаҳо ва усулҳои ташаккул ва рушди онҳо низ хуб огоҳ бошад.

5. «Фароҳам овардани шароит барои ба вуҷуд овардани шаклҳои нав, самараноки ҳавасмандкунӣ, масалан, хоҳиши худифодакунӣ ва худшиносӣ дар давоми таълим тибқи В.А. Сухомлинский [101, с. 109], хоҳиши худтатбиққунӣ тибқи А. Маслоу» [62, с. 150].

6. Истифодаи методҳои фаъол ва интерактивии таълими донишҷӯён.

7. Дар донишҷӯёни курси якум ташаккул додани қобилияту одатҳо, ҳамчунин маҳорату малакаҳое, ки ба худинкишофӣ, худомӯзӣ, худбаҳодиҳӣ ва танзими бошууронаи фаъолияти инфиродӣ дар ҷараёни кори мустақилона мусоидат мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Бояд зикр намуд, ки донише, ки шахс онро бо саъю кӯшиши худ ба даст меорад, арзиши баланди зеҳнӣ дошта, эҳсосоти мусбате, ки ҳангоми рафъи душвориҳо ба вуҷуд меоянд, дар донишҷӯён майли дубора таҷриба кардани чунин ҳолатҳоро ба вуҷуд меоранд.

8. Якҷоя бо методҳои ба истилоҳ «ғайрифаъол»-и таълим, ки ба таълими анъанавӣ, фаҳмондадиҳӣ-тасвирӣ хосанд, истифода кардани

методу усулҳо ва тарзҳои махсуси фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён

Таҳлил, баррасӣ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд як қатор мушкилотеро, ки донишҷӯёни курси якум дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ бо онҳо дучор мешаванд, муайян карда шаванд, аз қабили:

1) мушкилоте, ки ба норасоии ташаккули ангезаҳо барои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва инчунин ба самтгирии арзишии донишҷӯёни курси якум нисбат ба касби ояндаи омӯзгорӣ вобастаанд;

2) мушкилиҳои хусусияти ташкилӣ-педагогӣ дар муассисаҳои олии омӯзгорӣ, ки бо нокифоя ташаккул ёфтани тасаввуроти донишҷӯён оид ба сохтор, усулу методҳо, воситаҳо ва тарзи мантиқии ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ алоқаманд мебошанд;

3) масъалаҳои таълимӣ, ки аз сабаби рушд наёфтани қобилиятҳо ва малакаҳои фаъолияти таълимӣ-шинохтии донишҷӯёни курси якум ба вуҷуд меоянд;

4) масъалаҳои рефлексивӣ, ки бо ташаккул наёфтани қобилиятҳо ва малакаҳои таҳлили худ, ифодаи худ, баҳодиҳии худ ва назорати худ дар донишҷӯён алоқаманданд. Ин мушкилот ба фаъолияти таълимӣ-шинохтии онҳо таъсир мерасонанд. Аксари донишҷӯёни курси якум қобилиятҳо ва имкониятҳои худро дуруст арзёбӣ карда, монеаҳои барои таҳсили бомуваффақияти онҳо халалрасонандаро муайян карда наметавонанд.

Дар шароити муосири таҳсилоти олии педагогӣ дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун як қисми муҳимми кори омӯзгорӣ шинохта шуда, дар заминаи ҳамкорӣ ва амалиёти муштарак бо донишҷӯ амалӣ мегарданд. Ҳадафи асосии онҳо аз байн бурдани душвориҳо ва муҳайё

сохтани имкониятҳо барои расидан ба дастовардҳои дилхоҳ дар таълим, рушди шахсият, муошират бо дигарон ва тарзи зиндагӣ иборат аст.

Дар ин росто, ба ақидаи Сергеева С.В. «...дастгирии педагогии донишҷӯёни курси аввал дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ яке аз роҳҳои беҳтарини такмил додани раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Ин навъи дастгирӣ ба донишҷӯён кӯмак мерасонад, ки ба муҳити нави таълимӣ зудтар мутобиқ шаванд ва дар давраи таҳсил ба муваффақиятҳои бештар ноил гарданд» [89].

Мутобиқшавӣ, чунон ки дар зербобҳои қаблӣ шарҳ дода шуд, ҳамчун раванди пайвастаи мутобиқ гаштани шахс ба шароити нави иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Дар ҳамин замина, мазмуни давраи мутобиқшавӣ барои донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба муҳити нави ҳамсолон ворид гардида, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори муҳити таълимиро қабул ва эътироф намоянд, ба талаботи раванди таълим мутобиқ шаванд, худшиносӣ ва қобилияти худназоратиро инкишоф диҳанд, инчунин рушди шахсии худро таъмин намуда, бо атрофиён муносибатҳои созанда барқарор кунанд.

Ба ақидаи Лагерев В.В. «...аз рӯзҳои аввали таҳсили донишҷӯи курси якум шароити педагогии ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар давраи мутобиқшавӣ бояд ба муттаҳидсозии манфиатҳои шахсии донишҷӯён бо манфиатҳои ҷамъиятӣ, дохил намудани фаъолияти тарбиявӣ дар раванди ташаккул ва рушди касбии мутахассиси ояндаи соҳаи маориф равона карда шавад» [57].

Мавриди зикр аст, ки яке аз хусусиятҳои таҳсилоти олӣ ин ташаккули гурӯҳҳои академии дорои гурӯҳҳои синну солҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Сабаби ин дар он аст, ки зимни имкониятҳо ва қобилиятҳои баробар ба муассисаи таҳсилоти олӣ доваталабони синну соли гуногуни дохил шуда метавонанд, яъне дар як гурӯҳи таълимӣ метавонанд донишҷӯёни синну соли навҷавонӣ ва ҷавонон, ҷавононе, ки

хизмати ҳарбиро адо кардаанд, инчунин онҳое, ки дар истеҳсолот аллакай собиқаи корӣ доранд, таҳсил кунанд. Ҳар якеи онҳо дорои собиқаи ҳаётӣ, муносибатҳои гуногун ба ин ё он категорияҳои ахлоқию маънавӣ буда, дар онҳо дар як муддати кӯтоҳтарин тағйирёбии қолибҳои (стереотипҳои) қаблан ташаккулёфта ба амал меояд. Чунин дигаргуниҳо дар аксарияти донишҷӯёни курси якум хеле мураккаб ва дарднок ҷараён мегиранд. Донишҷӯёни дорои таҷрибаи ҳаётӣ аз дигарон фарқ карда, ин фарқият на танҳо бо синну соли онҳо, балки инчунин бо муносибатҳои мутақобилае, ки дар оила, ҳамсолонашон ташаккул ёфтаанд, муайян мешавад

«...Ба назари мо, кор бо донишҷӯёни курси аввал, дар марҳилаи мутобиқшавӣ ба муҳит ва вазъи нави таълим, дорои ҷанбаҳои муҳимми мусбат аст, аз ҷумла:

- аксари омӯзгорон ва психологҳо бар ин назаранд, ки давраи ҷавонӣ барои ташаккул ва рушди майлҳои арзишӣ хеле мувофиқ аст;

- дар ибтидои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҳар як донишҷӯ имконияти нобаробар дорад, ки муносибатҳои худро дар шакли ба худ хос бо ҳамсолон бунёд намояд. Зеро қаблан онҳо якдигар ва он мақомеро, ки ҳар якеи онҳо дар гурӯҳи муассисаҳом таҳсилоти умумӣ, истеҳсолӣ, ҳарбӣ ва ғайра ишғол мекард, намедонад;

- талаботи шароити таҳсилоти олии педагогӣ аз донишҷӯён мустақил буданро талаб менамояд. Донишҷӯён ихтиёран самти рушди ояндаи худро интихоб намуда, мақсаду дурнамоҳоеро, ки ба хотири онҳо ба муассисаи таҳсилот дохил шудаанд, дарк мекунанд;

- аз сабабе ки як қисми донишҷӯён дар хобгоҳҳо истиқомат мекунад, омӯзгорон ва мураббиён имконият доранд на танҳо ба маишат ва ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо, балки ба таҷриба ва ҷанбаҳои ахлоқию маънавӣ, рафтору амалҳои онҳо низ таъсири назаррас расонанд» [2.-М].

«Дар миёни мушкилот ва душвориҳои назарраси соли якуми таҳсили донишҷӯён зиёд шудани ҳаҷми сарбориҳои таълимӣ, душвориҳо дар

азхуд намудани фанҳои таълимии зинаи бакалавриат, мушкилоти коммуникативӣ ва муоширатӣ ҳам бо ҳамкурсон, ҳам бо устодону омӯзгоронро ҷудо кардан мумкин аст. Ҳар донишҷӯи курси якум, ки дорои вижагиҳои хоси психикӣ аст, усулҳои мутобиқшавӣ ба муҳити навро ҷустуҷӯ мекунад ва кӯшишҳои мушаххасро ба харҷ медиҳад, ки ин бешубҳа ба сатҳ ва дастовардҳои таҳсилии ӯ таъсири назаррас мерасонад» [4.-М].

Яке аз мушкилоти мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити нави таҳсилоти олӣ ин, пеш аз ҳама, номувофиқатии байни амалҳои донишҷӯ ва омӯзгор дар ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва беруназтаълимӣ мебошад. Дар чунин шароит таҳия ва татбиқи барномаҳои мутобиқсозӣ барои донишҷӯёни курси якум аҳаммияти калон дошта, онҳо бояд мавқеъ ва ҷойгоҳи дастгирӣ ва шароити педагогӣ, бисёромила будани таъсири фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии педагогиро ба назар гиранд. Мазмуни барномаи мутобиқсозӣ барои донишҷӯёни курси якум бояд муташаккилона ва марҳилавӣ буда, аз омӯзиш ва баррасии амиқи вижагиҳои инфиродии онҳо иборат бошад. Дар ҷараёни татбиқ мушкилот ва монеаҳои марбут ба давраи мутобиқшавӣ бояд дақиқан муайян гардида, иттилооти ҷамъовардашуда мавриди арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар доираи барнома ташкил ва баргузории мизҳои гирд ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаҳои мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум бояд ба нақша гирифта шавад. [124].

2.2. Модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ

Мафҳуми «модел» яке аз мафҳумҳои калидӣ дар илмҳои муосир ба ҳисоб рафта, дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла педагогика, психология, фалсафа, иқтисод ва техника васеъ истифода мешавад.

Дар шароити рушди босуръати илм ва технология, истифодаи моделсозӣ ҳамчун усули муҳими маърифат ва таҳқиқ аҳамияти махсус касб намудааст. Аз ин рӯ, баррасии моҳият, хусусият ва имкониятҳои модели илмӣ барои таҳқиқоти педагогӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла Владимир Стёпин, модел яке аз шаклҳои миёнарави маърифат буда, имконият медиҳад, ки инсон тавассути он хусусиятҳои муҳими воқеиятро дар шакли сода ва фаҳмо инъикос намояд. Дар ҳамин замина, модел на нусхаи пурраи воқеият, балки таҷассуми интихобии ҷанбаҳои муҳимтарини он мебошад.

Дар маънои умумӣ, модел ҳамчун намуна, тасвир ё ивазкунандаи соддакардашудаи объект, раванд ё падидаи воқеӣ фаҳмида мешавад, ки хусусиятҳои муҳим ва муносибатҳои асосии онро инъикос менамояд. Ба ибораи дигар, модел воситаест, ки тавассути он муҳаққиқ метавонад объекти мураккабро дар шакли фаҳмо, идорашаванда ва таҳлилшаванда пешниҳод намояд. Модел на худи воқеият, балки инъикоси мақсаднок ва интихобшудаи он мебошад.

Тибқи назари Герберт Саймон, моделсозӣ равандест, ки дар он муҳаққиқ бо роҳи соддасозӣ ва абстраксия сохтори мураккаби объектро барои таҳлил ва идоракунии беҳтар табдил медиҳад. Ин андеша ба он ишора мекунад, ки модел ҳамеша хусусияти мақсаднок дошта, вобаста ба вазифаи таҳқиқ интихоб ва сохта мешавад.

Аз нуқтаи назари фалсафӣ, модел ҳамчун шакли махсуси инъикоси воқеият баррасӣ мегардад. Он имкон медиҳад, ки инсон равандҳо ва падидаҳои мураккабро тавассути соддасозӣ ва абстраксия дарк намояд. Дар ин раванд, муҳаққиқ танҳо он хусусиятҳо ва аломатҳоро интихоб мекунад, ки барои ҳалли масъалаи мушаххас муҳим мебошанд. Аз ин рӯ, ҳар як модел хусусияти нисбӣ дошта, ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ вобаста мебошад. Александр

Уёмов моделро ҳамчун низоме маънидод мекунад, ки объектро бо нигоҳ доштани робитаҳои асосии он тақассум менамояд. Ин таъриф ба хусусияти системавии модел ишора мекунад, ки барои таҳқиқоти педагогӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар илмҳои педагогӣ моделсозӣ ҳамчун усули таҳқиқ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ба ақидаи Юрий Бабанский, моделсозӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим ҳамчун низоми муташаккил баррасӣ гардида, робитаҳои байни унсурҳои он ошкор карда шаванд. Бо ёрии модел муҳаққиқ метавонад робитаҳои байни унсурҳои раванди таълим, аз қабили мақсад, мазмун, усул, шакл ва натиҷаро муайян намояд.

Аз ин рӯ, модел дар педагогика на танҳо воситаи тавсиф, балки воситаи банақшагирӣ ва такмили раванди таълим ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, Виктор Беспалько таъкид менамояд, ки модели педагогӣ бояд сохтори дақиқ ва мантиқӣ дошта, натиҷаҳои интизоршавандаро пешакӣ муайян намояд. Ба андешаи ӯ, ҳар як модели таълимӣ бояд ба натиҷаи мушаххаси педагогӣ равона гардида, имконияти санҷиш ва арзёбиро фароҳам оварад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими модел ин соддагардонии воқеият мебошад. Аммо ин соддагардонӣ набояд ба таҳриф оварда расонад. Модели илмӣ бояд хусусиятҳои муҳим ва робитаҳои асосии объектро нигоҳ дорад, то ки он барои таҳлил ва пешгӯӣ қобили истифода бошад. Аз ин ҷиҳат, сифати модел аз дараҷаи мувофиқати он ба воқеият вобаста аст.

Дар адабиёти илмӣ намудҳои гуногуни моделҳо ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла, моделҳои моддӣ (физикӣ), моделҳои идеалӣ (фикрӣ), моделҳои математикӣ, моделҳои графикӣ ва моделҳои вербалӣ (матнӣ) бештар истифода мешаванд. Дар педагогика бештар моделҳои идеалӣ ва вербалӣ мавриди истифода қарор мегиранд, зеро раванди таълим ва тарбия асосан хусусияти абстрактӣ дорад. Дар

таҳқиқоти педагогӣ моделсозӣ як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд. Тавре ки Николай Кузьмина қайд мекунад, модел на танҳо воситаи маърифат, балки воситаи ташхис ва пешгӯии натиҷаҳои фаъолияти педагогӣ низ мебошад. Бо ёрии модел муҳаққиқ метавонад на танҳо ҳолати мавҷударо таҳлил намояд, балки роҳҳои такмили онро низ муайян созад.

Ҳамчунин, Игорь Лернер ба он ишора мекунад, ки модели таълимӣ бояд фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯро дар ягонагӣ инъикос намояд. Ба гуфтаи ӯ, самаранокии раванди таълим аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза ин ду субъект дар доираи як низоми ягона ҳамкорӣ мекунанд.

Моделҳои педагогӣ, одатан, ҳамчун як низоми ягона ифода мегарданд. Яъне онҳо аз ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд таркиб ёфта, миёни ин ҷузъҳо робитаҳои мушаххас вуҷуд доранд. Масалан, дар модели раванди таълим чунин унсурҳоро метавон ҷудо кард: ҳадаф, мазмун, усулҳо, воситаҳо, шаклҳои ташкили таълим ва натиҷа. Ҳар яке аз ин ҷузъҳо бо дигарон дар ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобила қарор дорад.

Моделсозӣ дар педагогика як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро менамояд. Пеш аз ҳама, он вазифаи маърифатӣ дорад, зеро ба фаҳмидани моҳияти равандҳои таълимӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, модел вазифаи ташхисӣ иҷро намуда, имконият медиҳад, ки ҳолати мавҷудаи раванди таълим арзёбӣ гардад. Ҳамчунин, модел вазифаи пешгӯиро иҷро мекунад, зеро дар асоси он метавон натиҷаҳои эҳтимолии татбиқи ин ё он усул ё технологияро муайян намуд.

Яке аз самтҳои муҳими истифодаи модел дар педагогика таҳияи моделҳои таълимӣ мебошад. Ин гуна моделҳо барои такмил додани раванди таълим, баланд бардоштани самаранокии он ва ташкили фаъолияти мақсадноки омӯзгор ва донишҷӯ истифода мешаванд. Модели таълимӣ одатан сохтори муайян дошта, пайдарпайии амалҳоро дар раванди таълим нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлили андешаҳои муҳаққиқони гуногун нишон медиҳад, ки модел ҳамчун воситаи муҳими илмӣ дорои хусусиятҳои

универсалӣ буда, дар педагогика барои фаҳмидан, ташхис, банақшагирӣ ва такмили равандҳои таълимӣ васеъ истифода мешавад. Истифодаи асосноки моделсозӣ имкон медиҳад, ки таҳқиқоти педагогӣ дорои хусусияти илмӣ, мантиқӣ ва амалӣ гардад.

Дар таҳқиқоти педагогӣ, махсусан дар корҳои илмии марбут ба мутобиқшавии донишҷӯён, моделсозӣ имконият медиҳад, ки раванди мутобиқшавӣ ҳамчун низоми мураккаб баррасӣ гардад. Дар чунин моделҳо метавон омилҳо, шароитҳо, марҳилаҳо ва натиҷаҳои мутобиқшавиро нишон дод. Ин ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки раванди мазкурро на танҳо тавсиф, балки идора ва такмил намояд.

Модели педагогӣ бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад. Пеш аз ҳама, он бояд мантиқӣ ва пайдарпай бошад. Яъне, байни унсурҳои он робитаҳои равшан ва асоснок вуҷуд дошта бошанд. Дуюм, модел бояд содда ва фаҳмо бошад, то ки онро дар амал истифода бурдан мумкин бошад. Сеюм, модел бояд чандир бошад, яъне имконияти такмил ва тағйир доданро дошта бошад.

Дар баробари ин, муҳим аст, ки модел ба шароити воқеии таълим мутобиқ карда шавад. Яъне, ҳангоми таҳияи модел бояд хусусиятҳои муҳити таълимӣ, сатҳи омодагии донишҷӯён, имкониятҳои муассиса ва дигар омилҳо ба назар гирифта шаванд. Танҳо дар ин сурат модел метавонад самаранок бошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими моделсозӣ ин муайян намудани меъёрҳои арзёбии самаранокии модел мебошад. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои татбиқи модел ба таври объективӣ баҳогузорӣ карда шаванд. Дар илми педагогика ба чунин меъёрҳо метавон нишондиҳандаҳое, аз қабили сатҳи азхудкунии дониш, ташаккули малака ва маҳорат, дараҷаи ҳавасмандии донишҷӯён, қобилияти мустақилона амал кардан ва дигар ҷанбаҳои марбутро дохил намуд.

Дар шароити муосир, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, имкониятҳои моделсозӣ боз ҳам васеъ гардидаанд. Имрӯз моделҳо метавонанд на танҳо дар шакли матнӣ ё графикӣ, балки дар шакли барномаҳои компютерӣ ва симулятсияҳо низ пешниҳод шаванд. Ин ба

таҳқиқ ва идоракунии равандҳои педагогӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки ягон модел қодир нест воқеияти мавҷударо пурра ва ҳамаҷониба иваз намояд. Он ҳамеша соддакардашуда ва шартӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи модел муҳаққиқ бояд маҳдудиятҳои онро ба назар гирад ва натиҷаҳоро бо эҳтиёт тафсир намояд.

Ҳамин тавр, модел ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ шароит фароҳам меорад, то равандҳои мураккаб ва бисёрҷанбаи таълим ва тарбия дар шакли низомманд, пайдарпай ва қобили таҳлил инъикос карда шаванд. Бо истифода аз модел, муҳаққиқ метавонад ҷузъҳои асосии раванди таълим, робитаҳои байни онҳо ва қонуниятҳои рушди онҳоро муайян намуда, тасаввуроти нисбатан мукаммалро дар бораи объекти таҳқиқ ба даст орад. Ин ҳолат махсусан дар шароите муҳим аст, ки раванди педагогӣ дорои хусусияти динамикӣ ва тағйирёбанда мебошад.

Истифодаи оқилонаи моделсозӣ ба баланд гардидани сифати таҳқиқоти илмӣ мусоидат намуда, ба муҳаққиқ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомадаро бо асоснокии бештар шарҳ диҳад. Модел ҳамчун воситаи таҳлил имкон медиҳад, ки омилҳои таъсиррасон, шароитҳои муҳими педагогӣ ва механизмҳои ташаккули падидаҳои таълимӣ дақиқ муайян карда шаванд. Дар баробари ин, он барои пешгӯии натиҷаҳои эҳтимолии фаъолияти педагогӣ ва интихоби роҳҳои самараноки такмил додани он низ замина фароҳам меорад.



Расми 1. Модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият

Модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият аз унсурҳои зерин иборат аст.

Мақсад: ташаккули қобилияти мутобиқшавии иҷтимоӣ, равонӣ ва таълимии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бо истифодаи имкониятҳои фанҳои педагогӣ ҳамчун воситаи асосии иҷтимоишавӣ ва рушду такомули шахсият.

1. **Қисмҳои асосии модел:**

Асоси назариявӣ. Модели модели методии таълими фанҳои педагогӣ дар курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба принсипҳои зерин такя мекунад:

- принсипи интегратсияи иҷтимоӣ-педагогӣ (ҳамгироии тарбия ва таълим);
- принсипи фаъолияти амалӣ ва таҷрибавӣ дар омӯзиши фанҳои педагогӣ;
- принсипи ҳамкории устод ва донишҷӯ ҳамчун муҳаррики асосии иҷтимоишавӣ;
- принсипи инфиродӣ ва дифференсиалӣ дар равандҳои мутобиқшавӣ.

Қисмати аввали принсипи мазкур (инфиродӣ) маънои онро дорад, ки ҳар як донишҷӯ шахсияти нодир буда, бо хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва эҳсосии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, дар ҷараёни мутобиқшавӣ ва таълим зарур аст, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ ба назар гирифта шаванд, яъне омӯзгор ва куратор бояд дараҷаи мутобиқшавии ҳар як донишҷӯро ба таври алоҳида арзёбӣ намоянд: роҳҳои кӯмак ва дастгирӣ бояд мутобиқ ба хусусиятҳои шахсии ҳар як донишҷӯ интихоб шаванд (масалан, барои донишҷӯи шармгин, барои донишҷӯи фаъол, барои донишҷӯи аз ноҳияҳои дурдастомада ва

ғайра); дар дарсҳо усулҳои таълим бояд ба қобилияту завқи ҳар як донишҷӯ мутобиқ карда шаванд.

Мақсад: фароҳам овардани шароити баробар барои мутобиқшавии ҳама донишҷӯён, бо назардошти фарқиятҳои инфиродӣ.

Қисмати дуюм принсипи дифференсиалӣ маънои онро дорад, ки гурӯҳ ё муҳит аз донишҷӯёне иборат аст, ки сатҳи омодагӣ ва эҳтиёҷоти онҳо гуногунанд, бинобар ин дар раванди таълим барои донишҷӯёни курсҳои якум мутобиқшавӣ бояд тақсим ва фарқгузорӣ карда шавад, яъне: гурӯҳҳоро аз рӯйи сатҳи мутобиқшавӣ ё омодагии таълимӣ метавон ҷудо кард; ба гурӯҳҳои гуногун методҳо, супоришҳо ва вазифаҳои мувофиқ пешниҳод карда мешаванд; ба донишҷӯёне, ки ба муҳити нав зуд мутобиқ мешаванд, вазифаҳои эҷодиву роҳбарона дода мешаванд ва ба онҳое, ки душворӣ мекашанд, дастгирии равонӣ ва кӯмаки иловагӣ пешниҳод мегардад.

Хулоса, принсипи индивидгузорӣ ва дифференсиатсия маънои он дорад, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯён бояд на яксон ва умумӣ, балки мувофиқ ба фарқиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии ҳар як донишҷӯ ташкил карда шавад.

2. **Марҳилаҳои татбиқи модел**

Марҳилаи якум – Омодасозӣ (дар сатҳи зарурӣ омода шудан ба муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ):

- шиносоӣ бо муҳити таълимӣ, талаботи низоми таҳсилоти олӣ, тартиботи дохилӣ ва арзишҳои касби омӯзгорӣ;

- иҷрои семинарҳо ва тренингҳои мутобиқшавӣ аз ҷониби куратор ва мутахассисони равоншинос;

- муайян намудани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ.

Марҳилаи дуюм – Фаъолсозӣ (раванди таълим ва ҳамгироӣ):

- дарсҳои фанҳои педагогӣ бо истифода аз усулҳои интерактивӣ (бозии нақшӣ, муколамаҳои омӯзгор-донишҷӯ, таҳлили ҳолатҳо);

- ташкили муҳити ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ;

- амалӣ намудани вазифаҳои таҷрибавӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳо).

Марҳилаи сеюм – Таҳким ва рушди шахсият:

- инкишофи малакаҳои худидоракунӣ, худбаҳодиҳӣ ва масъулияти иҷтимоӣ;

- таҳлили таҷрибаи мутобиқшавӣ тавассути лоиҳаҳои шахсӣ ва гуруҳӣ;

- Арзёбии самаранокии мутобиқшавӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои педагогӣ ва равонӣ.

3. **Таркиби сохтории модел:**

Ҳадаф: ташаккули қобилияти мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён;

Мазмун: фанҳои педагогӣ ҳамчун воситаи иҷтимоишавӣ (педагогика, психология, методикаи таълим, асосҳои тарбия);

Усулҳо: усулҳои интерактивӣ, мушоҳида, муколама, таҷрибаи амалӣ, рефлексия;

Воситаҳо: муҳити таълимии мусоид, маркази дастгирии равонӣ-педагогӣ, технологияҳои иттилоотӣ;

Натиҷаҳо: мутобиқшавии устувори иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён, баланд гардидани сатҳи фаъолиятнокии таълимӣ ва инкишофи шахсият.

4. **Шароити педагогии татбиқ**

- муҳити мусоид, дӯстона ва ҳамкории самаранок дар муҳити донишгоҳ;

- дастгирии мунтазам аз ҷониби куратор ва омӯзгорони фанҳои педагогӣ;

- ташкили гурӯҳҳои омӯзиши мутақобила;

- истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла платформаҳои рақамӣ ва усули омӯзиши лоиҳавӣ.

5. **Натиҷаи интизоршаванда**

- мутобиқшавии устувори донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ;
- пайдоиши ҳисси масъулият, худшиносӣ ва эҳсоси аъзогӣ ба ҷомеаи донишгоҳӣ;
- ташаккули омодагии касбии омӯзгорӣ ҳамчун заминаи иҷтимоишавии шахсият.

Хулоса: Модели методии мазкур имконият медиҳад, ки омӯзиши фанҳои педагогӣ дар курси якум на танҳо воситаи азхудкунии донишҳои назариявӣ бошад, балки ҳамчун омили асосии мутобиқшавӣ, иҷтимоишавӣ ва ташаккули шахсият дар шароити таҳсилоти олии педагогӣ амал кунад.

Илова бар ин, модел на танҳо воситаи назариявии таҳқиқ, балки абзори амалӣ низ ба ҳисоб меравад. Тавассути моделсозӣ метавон шаклҳои оптималии ташкили раванди таълим, усулҳои самараноки ҳамкорӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ ва роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро муайян намуд. Аз ин лиҳоз, модел дар баробари функсияи тавсифӣ, инчунин вазифаҳои ташхисӣ, банақшагирӣ ва ислоҳиро иҷро менамояд.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса кард, ки модел воситаи танҳо тасвиркунандаи воқеият набуда, балки воситаи амиқи фаҳмиш, таҳлил ва такмили он мебошад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти муосири педагогӣ истифодаи он аҳамияти калидӣ касб намуда, барои ҳалли масъалаҳои мубрами таълим ва тарбия, такмили мазмун ва технологияи таҳсилот, инчунин рушди шахсияти донишҷӯён заминаи боэътимоди илмӣ ва амалӣ фароҳам месозад.

2.3. Шароити педагогии таъмини мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ

Яке аз омилҳои калидии мутобиқшавии босамари донишҷӯёни курси якум фароҳам овардани шароити мувофиқи педагогӣ дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Ин шароитҳо бояд ба ташкили муҳити мусоиди таълимӣ, рушди ҳамкории фаъол байни омӯзгор ва донишҷӯ, инчунин дастгирии фаъолияти мустақилонаи онҳо равона карда шаванд.

Ба шароити педагогии асосӣ метавон чунин унсурҳоро дохил намуд: истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ташкили фаъолияти дастаҷамъона, ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиш ва рушди қобилиятҳои худидоракунӣ. Татбиқи самараноки ин шароитҳо имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо ба муҳити нави таълимӣ мутобиқ гарданд, балки фаъолияти таълимии худро ба таври устувор ва самаранок ба роҳ монанд.

Мафҳуми «шарт» дар фалсафа ҳамчун муносибати предмет ба ҳодисаҳои атроф, ки бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад, ва ё ҳолатҳое, ки ин ё он паёмадҳоеро муайян мекунанд, ки фарорасии онҳо ба баъзе равандҳо ё ҳодисаҳо мусоидат карда, дар айни замон, ба равандҳои дигар монеа эҷод мекунанд, таъриф мешавад. Дар соҳаи илмӣ оид ба педагогика, шароити педагогӣ ҳамчун фазои мусоид барои такомули фардӣ ва ҳамчунин ҳамчун шарти ҳатмӣ ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои мушаххас эътироф мешаванд. Аксари муҳаққиқони соҳаи педагогика таҳти мафҳуми «шароити педагогӣ» вазъияти берунаро дарк мекунанд, ки қодир аст ба раванди таълим таъсири назаррас расонад. Ин ҷараён аз ҷониби омӯзгор бошуурона тарҳрезӣ шуда, ба сӯи ноил шудан ба натиҷаҳои муайян равона шудааст. Бо ибораи дигар, «...шароити педагогӣ ҳамчун омилҳои беруна арзёбӣ мегарданд, ки ба раванди

таълим таъсир расонида, аз тарафи омӯзгор ба таври мақсаднок идора карда мешаванд, то ки ба натиҷаҳои дилхоҳ бирасанд. Онҳо ҳамчун заминаи мусоид барои рушди шахсӣ ва ҳамчун талаботи муҳим барои амалӣ намудани ҳадафҳои таълимӣ шинохта мешаванд» [6].

«Дар адабиёти илмӣ шартҳои: дидактикӣ, маърифатӣ, коммуникативӣ, фароғатӣ ва маишӣ барои мутобиқсозии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ дар таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд. Дар ин росто, мутобиқсозӣ ба фаъолияти таълимӣ-дидактикӣ ва маърифатӣ аз таҳия ва татбиқи мазмуни беҳтарини технологияҳои педагогӣ, методу усулҳои ташкили фаъолияти донишҷӯёни курси якум бо дарназардоти хусусияти хоси шароити таълим ва хусусиятҳои фаъолияти таҳсилӣ-маърифатиро дар бар мегирад. Мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти коммуникативӣ ташаккулёбии маҳорату малакаҳои сатҳи муайяни коммуникативӣ, ба монанди маҳоратҳои дарку қабул кардан, устувории эҳсосотӣ, қобилияти рафтору кирдори дуруст дар гурӯҳ, пешгирӣ ва ҳалли мушкилот, низоъу муноқишаҳо ва ғайраро пешбинӣ мекунад. Мутобиқсозӣ ба фаъолияти эҷод нерӯи эҷоди шахсияти донишҷӯ, иштироки фаъоли ӯ дар раванди таҳсилӣ-маърифатӣ ва тарбиявӣ, ташкил ва гузаронидани озмунҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввараро дар бар мегирад. Дар мавриди мутобиқсозӣ ба шароити маишӣ бошад, он бо мавҷуд будани қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои ташкили маишати худ дар хобгоҳ тавсиф меёбад» [9, с. 178-182; 74].

Бояд қайд кард, ки хусусияти хоси мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо шароит ва муҳити таълим, хусусиятҳои инфиродии ҳар як таълимгиранда ва хусусиятҳои синну соли навҷавонӣ ва ҷавонӣ вобаста мебошад. Донишҷӯён ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоии аҳолӣ маънидод мешаванд, ки онҳоро динамикӣ будан, наздикии синнусолӣ, донишҷӯ будан ва фаъолияти илмӣ-маърифатӣ муттаҳид месозанд. Ҳадафи асосии онҳо азхудкунии ихтисос ва

гирифтани маълумоти олии касбӣ мебошад, ки ин арзиши муҳим барои мутобиқшавии донишҷӯёни курси аввал дар донишгоҳ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчун омили муҳимтарини муваффақиятнокии донишҷӯёни курси якум ба шароити таҳсилотӣ муҳити таҳсилотии муассисаи таълимӣ мебошад, ки муттаҳидшавӣ ва якҷояшавии беҳтарини фаъолияти мутобиқшавӣ ва мутобиқсозиро таъмин менамояд.

Мутобиқи муқаррароти асосии назарияи иҷтимоӣ-маърифатӣ, робитаи байни шахсият ва муҳити атроф воқеан дусамта мебошад, яъне одамон муҳитро ташаккул медиҳанд, ва муҳит бошад, ҳамзамон одамонро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, бо такя ба муқаррароти мазкур чунин шуморидан мумкин аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарине, ки дар оғози таҳсили донишҷӯёни курси якум дар муҳити барои онҳо нави таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад, ин муҳайё сохтани шароити ташкилӣ-педагогӣ барои мутобиқшавии онҳо мебошад.

Ба андешаи В.И. Андреев, «...шароити педагогӣ маҷмуи амалҳои мушаххас аст, ки ба интихоби бошуурона, банақшагирӣ ва татбиқи ҷузъҳои мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилии таълим равона шуда, ҳадафи онҳо расидан ба натиҷаҳои дилхоҳи таълимӣ мебошад» [6, с. 45].

«Шароити педагогӣ танҳо бо ҳолатҳои беруна, бо муҳит, бо маҷмуи объектҳои таъсиррасон ба раванд маҳдуд намекунад, зеро ташаккул ва рушди шахсият аз ягонагии ботинию зоҳирӣ ва субъективию объективӣ иборат мебошад, аз ин рӯ, ба шартҳои педагогӣ он шартҳоеро нисбат додан мумкин аст, ки дар раванди таҳсилотӣ бо мақсади таъмини самаранокии ҷараёнгирии он бошуурона муҳайё карда мешаванд» [6, с. 47].

Барои осон гардидани мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таҳсилоти олӣ, метавон шартҳои педагогиро аз нигоҳи ташкилӣ, мазмунӣ ва технологӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд.

«Ҷанбаи ташкилӣ ба тавсеаи санҷишҳо, камбудиҳо, хатоҳо ва муваффақиятҳои эҳтимолии донишҷӯ равона шуда, пайдарҳамии зинаҳо

дар рафъи мушкилоту масъалаҳои донишҷӯёни курси якум, ки ташаккули хусусиятҳои фардиро дар онҳо дар назар дорад, ки ба онҳо имконият медиҳанд, ки мустақил ва пуркор бошанд; ба амал баровардани дастгирии психологию педагогии субъектҳои раванди таҳсилотӣ; муҷҳаҳҳаз намудани раванди таълимӣ бо захираҳои электронӣ ва технологияҳои компютериро дар бар мегирад» [60].

Ҷанбаи технологӣ воридшавии фаъоли таълимгирандагонро ба раванди фаъолият оид ба азхуд намудани майдони озмоишҳо ва хатогию иштибоҳот, дастовардҳои имконпазир бо роҳи ташхиси психологию педагогии донишҷӯёни курси якум, ки аз тестгузаронии маҷмуии шахсияти донишҷӯ ва мушкилотҳо дар марҳилаи ибтидоии таълим иборат; мониторинги мунтазами мутобиқшавии баамалоянда барои муайян, арзёбӣ ва ислоҳ кардани таъсироти педагогӣ таъмин менамояд.

Дар ин росто, ба ақидаи муҳаққиқ Логунова Л.Ю. «...ҷанбаи мазмунии мутобиқсозии донишҷӯи курси якум ба шароити таҳсилоти олии педагогӣ ба мазмуни таълим дохил кардани вазъиятҳои дастовардеро таъмин менамояд, ки самт ва тамоюли шахсиятии раванди таҳсилотиро муқаррар менамояд. Он раванди таълимро ба рушд додани тамоюли касбӣ ва шахсияти донишҷӯ бо роҳи тағйир додани ҷузъҳои тағйирнаёбанда, яъне муосиркунонии мазмуни таълим, ва тағйирнаёбанда, яъне ҷорӣ намудани курсҳо аз рӯи интихоб, факултативҳо, курсҳои махсуси мутобиқсозанда, курсҳои татбиқи эҷодии донишҷӯёни курси якум маҳфилҳо, дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ менамояд» [101, с. 107-110].

Барои таъмини муваффақияти раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва баланд бардоштани натиҷаҳои таълим, инчунин барои самарабахш гардонидани раванди таълим дар донишгоҳи омӯзгорӣ, ҳангоми татбиқи амсилаи таълими фанҳои педагогӣ, риояи шартҳои мушаххаси педагогӣ, ки дар зинаи дарки назариявии масъала ҳамчун фарзия муайян шудаанд, муҳим аст. Дар ин росто, ба андешаи Доржеева

А.А. «...муайян намудани имкониятҳои мазмуни фанҳои педагогӣ дар рушди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ҳамчун *шарти дидактикӣ* барои босаводона сохтани низоми фаъолияти аудиторӣ, мустақилона, илмӣ-тадқиқотӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ ва фароғатии донишҷӯёни курси якум, ки ба ташаккул ва рушди маъноҳои арзишии донишҳо, азхуд намудани маҷмуи дониш ва маҳорату малакаҳо, азхуд намудани талаботи муҳити нави таҳсилотӣ, рушди қобилияти баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳии фаъолияти худ, инчунин тайёрӣ ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои таҳсилотӣ-касбӣ нигаронида шудааст, зарур мебошад» [55].

Дар марҳилаи навбатии тадқиқот татбиқи амсилаи тарҳрезишудаи таълими фанҳои педагогӣ ва санҷиши амалии шароити муайяншудаи педагогӣ зимни тадқиқоти эмпирикӣ пешбинӣ карда мешавад.

Ҷузъи арзишӣ-ҳавасмандии мутобиқшавӣ. Ҳангоми дохил шудани навҷавон ба муассисаи таҳсилоти олӣ ба мадди аввал бояд ангезаҳои мақсадгузорӣ, азхуд намудани дониш ва маҳорату малакаҳои дахлдор аз ҷониби донишҷӯёни курси якум, ташаккули муносибати арзишӣ дар онҳо ба таълиму тарбия ва худтарбиякунии ангезаҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим барои фаъолият дар мутахассисони оянда бароянд. Ғайр аз ин, баррасӣ, шарҳ ва баҳодиҳии натиҷаҳои ин пажӯҳиш ва қиёси онҳо бо дигар тадқиқоти шабеҳи педагогию психологӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба арзишҳо ва ангезаҳои вобаста ба рушд накардани ҳавасмандии таълимии донишҷӯёни курси якум, ба ибораи дигар, набудани ҳавасмандии устувор дар донишҷӯён нисбат ба таҳсил ва самтҳои арзишӣ дар касби омӯзгорӣ муайян карда шаванд. Ҳамин тавр, барои аксарияти донишҷӯёни посухдиҳанда (75%) гирифтани диплом дар бораи таҳсилоти олӣ ҳамчун ангезаи бартаридоштаи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ амал мекунад. «Гирифтани донишҳои махсус ва азхудкунии касби омӯзгорӣ ба назари 55% посухдиҳандагон ҳамчун. Ҳамин тавр, барои аксарияти донишҷӯёни посухдиҳанда (75%) гирифтани диплом дар бораи донишҷӯёни курси якум изҳор доштанд, ки

онҳо ҳангоми интихоби муассисаи таҳсилоти олӣ танҳо бо иттилоот оид ба озмун роҳнамоӣ шудаанд («... Ба ман фарқ надошт ба кадом муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷатҳои худро супорам, ба ман аз озмун гузаштан муҳим буд.»). Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки аксарияти донишҷӯёни курси якум ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои касби омӯзгорӣ ва меъёрҳои замони муосир ба омӯзгор гузошташаванда шавқу ҳаваси кофӣ надоранд, ки ин бо маълумоти бадастовардашуда аз пурсишҳо мувофиқат мекунад» [4.-М].

Дар ҷузъи ташкилӣ-педагогӣ. Аз шумори тамоми ҳамаи ҷузъҳои таркибии мутобиқшавӣ ба як қатор маҳорату малакаҳое, ки барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди таълимии донишҷӯ зарур мебошанд, таъкид карда шуда, дар байни онҳо маҳорату малакҳои кор кардан дар низоми шаклҳои ташкили кори аудитории донишҷӯён ва санҷиши ҷамъбастии донишҳои онҳо, маҳорату малакаҳои тақсим кардани буҷети вақт барои иҷрои супоришҳо дар доираи кори мустақилонаи донишҷӯ фарқгузорӣ карда шудааст.

Истеъдод ва маҳоратҳои зарурии мутобиқшавӣ ба таври мухтасар ба тариқи зайл мебошанд [58].

1. *Истеъдод ва малакаҳои фаъолият дар доираи низоми шаклҳои академии ташкили фаъолияти аудиторӣ ва арзёбии ҷамъбастии донишҳои касбшуда.* Донишҷӯ бояд *дар раванди таълими мактаби олии омӯзгор*ӣ шаклҳои барои ӯ нави ташкили таълим, аз қабили: лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои озмоишгоҳӣ-амалӣ, ва ва санҷиши ҷамъбастии донишҳо, аз қабили: санҷишҳо, имтиҳонҳоро азхуд намуда, ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ворид шавад. Тафовут байни талаботи воқеӣ нисбат ба таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ ва тасаввуротҳои донишҷӯёни курси якум дар бораи талаботи муассисаи таҳсилоти олӣ барои аксарияти онҳо мушкилоти ташкилӣ-педагогиро ба вуҷуд меорад. Масалан, баъзе донишҷӯён ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ онҳо дар бораи талаботе, ки дар раванди таҳсилот гузошта мешаванд, комилан

метавонанд тасаввуроте надоштанд. Донишҷӯёни ҷавон бо қоидаҳои тайёрӣ ба машғулиятҳои шаклҳои гуногун дар донишгоҳ шинос нестанд. Дрку фаҳмидани мавод дар дар лексияҳо барои онҳо мушкил буда, баъзеи онҳо қайд карданд, ки барои тайёрӣ ба машғулиятҳои озмоишгоҳӣ-амалӣ, семинарҳо вақт надоранд.

2. *Маҳорату малакаҳои тақсими буҷети вақт дар доираи кори мустақилонаи донишҷӯ барои иҷрои супоришҳо.* Аз рӯи таркиби худ чунин маҳорату малакаҳо мураккаб буда, миқдори зиёди маҳорату малакаҳои содатарро дар бар мегиранд. Аз ҷумла: маҳорату малакаҳои дарку фаҳмиш, ва муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолият; муайян ва интихоб кардани воситаҳо ва маводе, ки ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда заруранд; пешгӯӣ кардани пайдарҳамии кор ва шароити он фарқ мекунад. Ҳамин тавр, онҳо тафаккури мантиқӣ, мунтазамӣ, пайдарпайӣ ва ихчамии изҳори фикру ақидаҳои донишҷӯёни курси якумро инкишоф медиҳанд.

Маҳорату малакаҳои зикргардида заминаи тахминиро ташкил дода, донишҷӯ аз тариқи азхуд кардани он масири таълимии худро дар оянда бомуваффақият бунёд мекунад.

Дар ҷузъи таҳсилӣ-маърифатии мутобиқшавӣ хосса ба ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои конспекткунӣ, ҷамъбаст намудани матнҳои таълимӣ ва маводи лексионӣ равона гардида, инчунин, малакаҳои ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилооти зарурӣ дар фазои китобхона ва муҳити фарогири Интернет тақвият дода мешаванд. Илова бар ин, маҳоратҳои пешниҳоди иттилоот дар шакли ҷавобҳои шифоҳӣ ва суханрониҳои оммавӣ, ки бо ироаи паёмҳо, гузоришҳо ва дигар навъҳои баромадҳо ҳамроҳанд, рушд меёбанд.

Муҳимтарин қобилияте, ки донишҷӯ бояд дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ба даст орад, қобилият ба таҳсилот ва худтарбиякунӣ мебошад, ки ба рушди касбии ӯ таъсири куллӣ мерасонад. Ёдгирии дарёфт ва коркарди иттилоот аз азхудкунии маҷмуи мушаххаси

донишҳо, ки имрӯз зуд кӯҳна мешаванд, муҳимтар аст. Бояд қайд кард, ки қобилияти мустақилона азхуд намудани донишҳо хеле муҳим мебошад аст, зеро тақрибан нисфи сарбории таълимии донишҷӯёнро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кори мустақилона ташкил медиҳад.

Илова бар ин, бояд ба назар гирифт, ки қобилиятҳо, имкониятҳо ва маҳорату малакаҳои мазкур бар пояи малакаҳои оддии умумитаълимӣ, махсусан малакаҳои таълимӣ-зеҳнӣ ва таълимӣ-иттилоотӣ ташаккул меёбанд.

Масалан, дар асоси маҳорату малакаҳои конспекткунӣ ва шарҳу тавзеҳ додани матнҳои таълимӣ, маводи лексионӣ *маҳорату малакаҳои аниқ ва равшан кардани чизи асосӣ қарор гирифтааст.* Ин яке аз маҳоратҳои асосии умумитаълимие, ки имконияти кори мустақилона ва оқилонаи донишҷӯёнроро бо ҳама гуна маводи иттилоотӣ ё вазифаи мушаххас пешбинӣ мекунад, ба шумор меравад. Он ба донишҷӯ имкон медиҳад қисмҳои асосӣ, унсурҳои объект, вобастагии онҳоро ба ҳамдигар муайян карда, имкон медиҳад таваҷҷуҳи асосӣ ба чизи муҳимтарин нигаронида шавад. Фаромӯш кардан лозим нест, ки гузариши марди ҷавон аз мақоми хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мақоми донишҷӯӣ бо якбора афзудани ҳаҷми иттилоот ҳамроҳӣ мекунад. Ба таври механикӣ конспект кардан ва аз ёд кардани иттилооти мазкур барои донишҷӯ имконнопазир ба назар мерасад. Дар натиҷа, барои донишҷӯи курси якум маҳорату малакаҳои дар падидаҳои гуногун пайдо кардани мувозиҳо (параллелҳо), хусусиятҳои ба ҳам монанд ва муқоисаи онҳо зарурӣ мегардад.

«Дар асоси маҳорату малакаҳои ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилооти зарурӣ, маҳорату малакаҳои муайян кардани объектҳои таҳлилу синтез ва ҷузъҳои он, муайян кардани хусусиятҳои муҳимми объект, истифодаи адабиёти маълумотномавӣ ва иловагӣ, инчунин маҳорату малакаҳои интихоб ва гурӯҳбандӣ кардани мавод дар мавзуи мушаххас қарор гирифтаанд. Ин маҳоратҳо имкон медиҳанд, ки шахс мустақилона

маълумоти заруриро ҷустуҷӯ намуда, объектҳоро таҳлил ва синтез намуда, хусусиятҳои муҳимми онҳоро муайян созад. Илова бар ин, истифодаи адабиёти гуногун ва интихобу гурӯҳбандии мавод дар мавзуи мушаххас низ аз ҷумлаи маҳоратҳои муҳим ба шумор мераванд» [157].

Дар асоси маҳорату малакаҳои пешниҳоди иттилоот маҳорату малакаҳои кор кардан бо мафҳумҳо, ҳукмҳо ва эҷоди матнҳои намудҳои гуногун; азхуд намудани шаклҳои гуногуни пешниҳоди матн; тартиб додани ҷадвалҳо, диаграммаҳо, графикҳо аз рӯи матн, тартиб додани фишурдаҳо, конспектқунӣ, азхуд кардани иқтибосҳо ва навъҳои гуногуни шарҳу тавзеҳот, инчунин маҳорату малакаҳои тайёр кардани маърӯза ва реферат қарор гирифтаанд.

Маҳорату малакаҳои умумитаълимии дар боло зикргардида бояд дар донишҷӯи курси якум ташаккул ва рушд дода шаванд. Бо вуҷуди ин, пурсиши донишҷӯёни курси якум ва омӯзгороне, ки бо онҳо кор мекунанд, нишон дод, ки аксари онҳо маҳорату малакаҳои фаъолияти таҳсилӣ-маърифатиро надоранд. Масалан, ҳангоми ба китобхонаҳо рафтан 48% донишҷӯён қайд карданд, ки аз адабиёт маводи заруриро барои тайёрӣ ба машғулиятҳо пайдо карда наметавонанд. Мавриди зикр аст, ки нисбати донишҷӯёни курси якум худи чунин мавқеъро 75% омӯзгорони пурсидашуда баён карданд.

Дар ҷузъи рефлексивии мутобиқшавӣ баъзе маҳорату малакаҳои баҳодиҳӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчун сифати доминантаи ҷузъи рефлексивӣ маҳорату малакаҳои баҳодиҳии худ дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ интихоб шудааст. Зарур аст, ки *маҳорату малакаҳои мустақилона амалӣ кардани баҳодиҳӣ* дар донишҷӯён *такмил дода шавад, зеро* аз самаранокии он натиҷаи амалҳои минбаъда аз бисёр ҷиҳат вобаста мебошад. Донишҷӯёни курси якум бояд донанд, ки ба сифати хусусиятҳои асосии баҳодиҳӣ: мутобиқати он, яъне мувофиқати ҳукмҳои баҳодиҳӣ ба кори воқеан анҷом додашуда; эътимоднокӣ, яъне меъёрҳое, ки дар асоси онҳо баҳодиҳӣ анҷом дода мешавад; мукаммалӣ, яъне

баррасии объект аз мавқеъҳои гуногун ва ҷузъҳои таркибии он амал мекунанд.

Ҳамин тавр, шартҳои самарабахши педагогӣ, ки ба мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таҳсилоти олии педагогӣ мусоидат намуда, сатҳи нишондиҳандаҳои таълимии онҳоро боло мебаранд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

1. Ташкили вохӯриҳо ва барномаҳои роҳнамоикунанда, ки дар он ба донишҷӯёни курси якум дар бораи сохтори муассисаи таҳсилоти олӣ, ҷадвали дарсҳо, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, инчунин дар бораи имконияту шароит ва хизматрасониҳо барои донишҷӯён нақл карда мешавад.

2. Ҷорӣ намудани низоми роҳбаладӣ, ки дар он донишҷӯёни ботаҷриба ё курсиҳои болоӣ ҳамчун роҳбалад барои донишҷӯёни соли аввали таҳсил қабул карда мешаванд. Ин барои осон кардани мутобиқшавӣ ба фазои муассисаи таҳсилоти олии пелагогӣ, посух додан ба саволҳо ва дастгирии рӯҳияи донишҷӯёни соли аввали таҳсил равона шудааст.

3. Истифодаи муносибати инфиродӣ дар таълим, яъне дар назар гирифтани вижагиҳо ва эҳтиёҷоти ҳар як донишҷӯ ҳангоми таҳияи барномаи таълимӣ. Ин метавонад таҳияи барномаҳои таълимии инфиродӣ, пешниҳоди маводи иловагӣ ва гузаронидани машваратҳоро дар бар гирад. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ва машваратҳо аз рӯи мавзуъҳои мураккаб барои кӯмак ба донишҷӯён барои беҳтар фаҳмидани мавод.

4. Бо роҳи ташкил ва роҳандозии чорабиниҳое, ки ҳадафашон баланд бардоштани якдилӣ, коҳиш додани шиддати асаб ва фишор дар байни донишҷӯёни курси аввал мебошад, фазои бароҳат ва аз лиҳози психикӣ мусоид фароҳам овардан мумкин аст. Барои мисол, семинар-тренингҳо оид ба меъёрҳои мутобиқшавӣ, чорабиниҳои маданӣ ва варзишӣ метавонанд дар ин самт мусоидат кунанд.

5. Таъмини дастрасии иттилоот, яъне ҷойгир намудани иттилоот оид ба ҷадвали машғулиятҳо, имтиҳоноту санҷишҳо, қоидаҳо ва дигар ҷанбаҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар ҷойҳои барои дастрасӣ қулай, инчунин дар шакли электронӣ.

6. Ёрии таълимӣ ба донишҷӯёни курси аввал дар самти ташкили фаъолияти мустақилона, аз ҷумла, дастгирӣ дар тартиб додани ҷадвали дарсӣ, банақшагирии замон барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, инчунин пешниҳоди роҳнамоӣ ва маслиҳатҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии кори мустақилонаи онҳо равона карда шудааст.

7. Ҳамгиросозии машғулиятҳои амалӣ ва фаъолияти лоиҳавӣ, яъне дохил намудани машғулиятҳои амалӣ ва кори лоиҳавӣ ба раванди таълимӣ, ки ин ба донишҷӯёни курси якум барои истифода кардани донишҳо ва маҳорату малакаҳои андӯхтаашон дар амал ва беҳтар фаҳмидани мавод кӯмак мекунад.

8. Робитаи мутақобила ва мониторинги нишондиҳандаҳои таълимӣ, ки аз гузаронидани мониторинги мунтазами нишондиҳандаҳои таълимии донишҷӯёни курси якум ва гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ бо онҳо барои муайян кардани мушкилот ва душвориҳо дар таҳсилот иборат мебошад.

9. Муҳайё сохтани шароит барои мутобиқшавии иҷтимоӣ, яъне расонидани кӯмак дар мутобиқшавӣ ба ҳаёти донишҷӯӣ берун аз вақти таълим, масалан, аз тариқи ташкили чорабиниҳое, ки ба шиносоӣ бо фарҳанги донишгоҳӣ, қоидаҳои хобгоҳ ва имкониятҳо барои фароғат ва фаъолияти беруназтаълимӣ.

Ҳамчун шарти ташкилӣ-идоракунӣ гузоштани вазифа – ташкили мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ мебошад, ки ин баррасӣ намудани онро ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо талаб мекунад.

Ҳамчун шарти муҳимми ташкилӣ-педагогӣ тайёр кардани омӯзгорони кафедраи педагогика барои ташкили раванди таълими

фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, амал мекунад, ки ин гузаронидани низоми семинарҳои методӣ, ҷаласаҳои мавзуии кафедра ва баромадҳоро дар конференсияҳои илмӣ-методӣ талаб мекунад. Омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, ки бо донишҷӯёни курси якум кор мекунад, бояд ба таври дақиқ ва равшан донад, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯи курси якум ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ аз чӣ иборат аст. Ӯ инчунин бояд донад, ки донишҷӯёни курси якум дар раванди таҳсилотӣ бо кадом мушкилот дучор мешаванд, сохтори мутобиқшавӣ ҳамчун хусусияти шахсияти донишҷӯ чӣ гуна аст ва кадом шаклу методҳои таълим барои бартараф намудани онҳо, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии донишҷӯёни курси якум мусоидат мекунанд, инчунин самаранокии ин кор аз рӯи кадом меъёрҳо баҳодиҳӣ карда мешавад.

Дар таъмини фазои мусоиди педагогӣ ва психологӣ, ташаккули дилбастагии мусбати донишҷӯёни курси аввал ба раванди таълимӣ ва маърифатӣ дар донишгоҳҳо, инчунин ҳавасмандгардонӣ ва инкишофи рағбати онҳо ба фаъолияти касбии омӯзгорӣ аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тариқ, мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба шароити таҳсилоти олии касбӣ зимни таҳия ва татбиқи маҷмуи шартҳо имконпазир буда, онҳоро самаранок истифода кардан мумкин аст. Мутобиқшавии донишҷӯён бо раванди таҳсилотӣ алоқаманд мебошад, зеро он дар доира ва бо кӯмаки воситаҳои он ба амал бароварда шуда, дар айни замон, захираҳои таҳсилотӣ дар ҳалли мушкилоти мутобиқшавӣ захираҳои пешбаранда ҳисобида мешаванд. Яъне, сатҳ ва самаранокии мутобиқшавӣ аз мазмун, тарзи ташкил, технология ва воситаҳое, ки дар ҷараёни раванди таълим истифода мегарданд, вобаста мебошад.

Хулосаи боби дуюм

- таҳлили масъала нишон дод, ки дар марҳилаи ибтидоии таҳсил донишҷӯёни курси якум бо мушкилоти гуногуни таълимӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегарданд, ки онҳо асосан ба тағйири муҳити таълим, афзоиши талабот ба мустақилият, норасоии малакаҳои худидоракунӣ ва душвориҳои мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави фаъолияти таълимӣ алоқаманд мебошанд;

- муайян гардид, ки мушкилоти зикршуда на танҳо ба натиҷаҳои таълимӣ, балки ба ҳолати равонӣ ва сатҳи ҳавасмандии донишҷӯён низ таъсир расонида, дар сурати саривақт бартараф нашудан метавонанд раванди мутобиқшавиро суст намоянд;

- таҳқиқот собит намуд, ки дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ ҳамчун омили муҳими мусоидаткунанда ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум баромад намуда, барои паст намудани изтироб, ташаккули эътимод ба худ ва рушди малакаҳои муошират замина фароҳам меорад;

- натиҷаҳо нишон доданд, ки самаранокии дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ аз хусусияти мақсаднок, мунтазам ва ба ҳисоб гирифтани вижагиҳои инфиродии донишҷӯён вобаста буда, он бояд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълимӣ-тарбиявӣ ташкил карда шавад;

- дар раванди таҳқиқоти илмӣ модели методии таълими фанҳои педагогӣ таҳия ва асоснок карда шуд, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум равона гардида, бар асоси ҳамкории фаъол, истифодаи усулҳои муосири таълим ва ташкили муҳити мусоиди омӯзишӣ бунёд ёфтааст;

- муайян гардид, ки татбиқи модели методии пешниҳодшуда ба беҳтар гардидани фаъолияти таълимии донишҷӯён, баланд шудани сатҳи ҳавасмандӣ ва рушди қобилиятҳои мустақилонаи онҳо мусоидат менамояд;

- исбот карда шуд, ки фароҳам овардани маҷмӯи шартҳои педагогӣ, аз ҷумла шароити дидактикӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва

психологӣ, барои таъмини мутобиқшавии босамари донишҷӯёни курси якум аҳамияти ҳалкунанда дорад;

- дар маҷмуъ, натиҷаҳои боби дуюм нишон медиҳанд, ки мутобиқшавии муваффақонаи донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар асоси ҳамгироии дастгирии иҷтимоӣ-психологӣ, истифодаи модели самараноки таълим ва фароҳам овардани шароити мувофиқи педагогӣ имконпазир буда, он ҳамчун заминаи муҳими иҷтимоишавии шахсият баромад мекунад.

БОБИ 3. ТАҲҚИҚОТИ ЭМПИРИКӢ ОИД БА ТАТБИҚИ МОДЕЛИ ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚСОЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ БА РАВАНДИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ

3.1. Мақсад ва вазифаҳо таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар сохтори рисолаи илмӣ ҳамчун марҳилаи муҳими санҷиши амалии фарзия ва асосноккунии натиҷаҳои назариявӣ баромад менамояд. Дар доираи мавзӯи мазкур, таҳқиқоти эмпирикӣ ба омӯзиш, арзёбӣ ва санҷиши самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ равона карда шудааст. Зарурати гузаронидани чунин таҳқиқот аз он бармеояд, ки равандҳои мутобиқшавӣ дорои хусусияти мураккаб ва бисёрҷанба буда, танҳо тавассути мушоҳида ва таҳлили воқеии фаъолияти донишҷӯён метавонанд дуруст арзёбӣ гарданд.

Мақсади таҳқиқоти эмпирикӣ. Дар доираи рисолаи мазкур ба санҷиши амалии самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ равона гардидааст. Ин мақсад аз зарурати пайвастани натиҷаҳои назариявӣ бо амалия бармеояд, зеро танҳо дар шароити воқеии таълим метавон дуруст муайян намуд, ки то чӣ андоза модели пешниҳодшуда қобили татбиқ ва муассир мебошад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти эмпирикӣ ҳамчун воситаи асосии тасдиқ ё рад намудани фарзияи илмӣ баромад мекунад.

Дар равндии таҳқиқоти илмӣ диққати асосӣ ба муайян намудани таъсири мустақими модели пешниҳодшуда ба раванди мутобиқшавии донишҷӯён равона карда шудааст. Аз ҷумла, омӯхта мешавад, ки татбиқи

ин модел то чӣ андоза метавонад сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ, фаъолияти таълимӣ ва устувории равонии донишҷӯёни курси якумро баланд бардорад. Ҳамзамон, тағйироти дар сатҳи ҳавасмандӣ, муносибат ба таҳсил ва фаъолнокии маърифатӣ баамаломада низ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Илова бар ин, ҳадафи таҳқиқот ба муайян намудани алоқамандиҳои сабабию натиҷавӣ миёни шароити педагогии муҳайёгардида ва натиҷаҳои раванди мутобиқшавии донишҷӯён равона гардидааст.

Ин маънои онро дорад, ки на танҳо натиҷаҳо, балки омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар маҷмӯъ, мақсад ба даст овардани тасвири мукаммали илмӣ дар бораи самаранокии модели пешниҳодшуда ва имконияти татбиқи он дар амалияи таълим мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ. Барои амалӣ намудани мақсади гузошташуда, як қатор вазифаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ муайян карда шуданд, ки иҷрои онҳо имкон медиҳад раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба таври ҳамаҷониба омӯхта шавад. Пеш аз ҳама, зарур шуморида шуд, ки сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ муайян карда шавад. Ин ба муҳаққиқ имконият медиҳад, ки нуқтаи оғозии таҳқиқотро дақиқ муайян намуда, тағйироти минбаъдаро бо он муқоиса намояд.

Ҳамзамон, вазифаи муҳими дигар муайян намудани мушкилоти асосиест, ки донишҷӯён дар марҳилаи ибтидоии таҳсил бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ин мушкилот метавонанд хусусияти таълимӣ, иҷтимоӣ ё равонӣ дошта бошанд ва ошкор намудани онҳо барои интихоби роҳҳои мувофиқи педагогӣ аҳамияти калон дорад. Дар баробари ин, интихоби усулҳои боэътимоди ташхисӣ барои чен кардани сатҳи мутобиқшавӣ низ яке аз вазифаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Қисми муҳими вазифаҳо ба татбиқи мустақими модели педагогии пешниҳодшуда ва омӯзиши натиҷаҳои он вобаста мебошад. Дар ин замина, тағйироти баамаломада дар рафтор, фаъолияти таълимӣ ва ҳолати равонии донишҷӯён ба таври мунтазам мушоҳида ва таҳлил карда мешаванд. Дар баробари ин, муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ имкон медиҳад, ки самаранокии воқеии модел муайян карда шавад.

Дар анҷом, ҷамъбаст ва тафсири натиҷаҳои бадастомада ба сифати вазифаи муҳим баромад намуда, барои баровардани хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ замина фароҳам меорад. Иҷрои пайдарпайи ин вазифаҳо имконият медиҳад, ки таҳқиқот дорои хусусияти мукаммал ва илмӣ гардад.

Ташкили таҳқиқоти эмпирикӣ. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯёни курси якум ҳамчун объекти асосии омӯзиш интихоб гардиданд. Ин интихоби объект ба он асос меёбад, ки маҳз дар марҳилаи ибтидоии таҳсил раванди мутобиқшавӣ шиддатноктар ва муҳимтар мегардад. Барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳо, таҳқиқот бо ҷудо намудани иштирокчиён ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ ташкил карда шуд.

Дар гурӯҳи озмоишӣ модели педагогии мутобиқсозӣ ба таври мақсаднок татбиқ гардид. Яъне, дар раванди таълим усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои махсус истифода шуданд, ки ба рушди қобилияти мутобиқшавии донишҷӯён равона гардида буданд. Дар айни замон, дар гурӯҳи назоратӣ раванди таълим ба шакли анъанавӣ идома ёфта, имконият фароҳам оварда шуд, ки натиҷаҳои ду гурӯҳ муқоиса карда шаванд.

Барои ҷамъоварии маълумоти боэътимод ва гуногунҷанба маҷмӯи усулҳои тадқиқотӣ истифода гардид. Аз ҷумла, мушоҳида имкон дод, ки рафтори воқеии донишҷӯён дар муҳити таълимӣ омӯхта шавад; пурсиш ва мусоҳиба барои муайян намудани муносибат, ҳавасмандӣ ва ҳолати

равонии онҳо мусоидат намуд; таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва натиҷаҳои санҷишӣ бошад, сатҳи пешрафти таълимиро инъикос кард.

Истифодаи маҷмӯии ин усулҳо ба баланд бардоштани эътимоднокӣ ва воқеиятнокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намуд. Дар натиҷа, маълумоти бадастомада имконият дод, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯён аз нуқтаи назари гуногун таҳлил гардида, хулосаҳои асосноки илмӣ бароварда шаванд.

Баъди таҳлилу ҷамъбасти сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ барои ташкили раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти олии омӯзгорӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, аз ҷониби мо модели таълими фанҳои педагогӣ дар соли аввал тартиб дода шуд.

Масъалаҳои тарҳрезии педагогӣ дар тадқиқоти В.П. Беспалько [26], Е.С. Заир-Бек [64], И.А. Колесниковой [79], Н.О. Яковлевой [186] ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Тарҳрезии педагогӣ бо рушди фаъолияти самаранок ҳам барои омӯзгорон, ҳам барои донишҷӯён алоқаманд буда, омӯзгор ба рушду худшиносии шахсияти донишҷӯён аз тариқи равандҳо, технологияҳои педагогӣ ва дигар объектҳои хуб тарҳрезишуда мусоидат менамояд. Ӯ таъсири манфии омилҳои гуногунро кам карда, шароити зарурии педагогию психологиро муҳайё сохта, ҳамин тариқ барои рушди шахсияти инфиродӣ лоиҳаи беназирро таҳия ва татбиқ мекунад. Ҳамин тавр, дар раванди таҳсилотӣ аз тариқи тарҳрезии педагогӣ робитаи байни назария ва амалия ба вуҷуд оварда мешавад, сарфи назар аз он, ки дар илм дар бораи худи мафҳуми «тарҳрезии педагогӣ» фаҳмиши умумие вуҷуд надорад.

Моделрониро В.С. Безрукова ҳамчун пайдарпаии се марҳила: «...моделсозӣ, тарҳрезии воқеӣ ва тарроҳӣ мешуморад. Татбиқи

марҳилаҳои мазкур барои коркарди пешакии ҷузъиёти асосии фаъолияти дар пешистодаи ҳам донишҷӯён, ҳам омӯзгорон мусоидат мекунад» [21].

Ҳамин тариқ, тарҳрезии педагогӣ дар маҷмуъ фаъолияте мебошад, ки омӯзгор онро дар шароити раванди таҳсилотӣ амалӣ мекунад. Чунин тарҳрезӣ ба таъмини фаъолият ва рушди босамари омӯзгор нигаронида шуда [181], хусусияти эҷодӣ дошта, бо зарурати ҳалли масъалаи муҳим муайян шуда, ба самтҳои арзишӣ такя мекунад. Амсилаи объекти воқеияти педагогие ҳамчун натиҷаи он амал мекунад, ки хосиятҳои низомнок дошта, ба ихтирои педагогӣ асос ёфтааст, зеро он имконоти имконпазири истифодаро пешбинӣ намуда, усули нави ҳалли масъала дар асоси он қарор гирифтааст.

Дар асоси таҳлили анҷомдодаи мо, имкони таҳияи амсилаи таълимии фанҳои педагогӣ мавҷуд аст, ки ҳадафи он осон намудани раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимии донишкадаҳои омӯзгорӣ ва ҳамзамон, беҳтар намудани сатҳи донишазхудкунии онҳо мебошад.

Ба андешаи Мешеряков Б.Г. стилоҳи «моделсозӣ» дар адабиёти илмии педагогӣ маъноҳои зеринро ифода мекунад: «...методи таҳқиқи объектҳо бо истифода аз амсилаҳо-шабеҳҳои порчаи муайяни воқеияти иҷтимоӣ ё табиӣ; таҳия ва омӯзиши моделҳои ҳодисаҳои ҳаётӣ ва ашёҳо, аз қабили: асбобҳои муҳандисӣ, низомҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ, равандҳои гуногун – химиявӣ, физикӣ, иҷтимоӣ, биологӣ, ва объектҳои тарҳрезишаванда» [109].

Зери модели ба маънои умум эътирофшуда падида (субъект, раванд, вазъият ва ғайра)-е, ки барои омӯзиш ба таври сунъӣ офарида шуда, ба падидаи дигар (мавзуъ, раванд, вазъият ва ғайра) шабоҳат дошта, омӯзиши он мушкил ё тамоман имконнопазир аст, фаҳмида мешавад. Назарияпардозони соҳаи моделсозӣ таъкид мекунанд, ки «...моделҳо дар ҳама ҳолатҳо ҳамчун монандҳои объектҳои тадқиқотӣ амал мекунанд, яъне онҳо ба охирин монанданд, аммо ба онҳо якхела нестанд» [108].

Аз рӯи хусусияти моделҳо моделсозии рамзӣ (иттилоотӣ) ва мавзуӣ ҷудо карда мешавад. Дар моделсозии рамзӣ ҳамчун моделҳо тарҳҳо, нақшаҳо, формулаҳо ва ғайра хизмат мекунанд. Дар диссертатсияи мазкур мо ба намуди дигари моделсозӣ – ба мавзуъ асосёфта муроҷиат мекунем, ки дар раванди он тадқиқот аз рӯи моделе анҷом дода мешавад, ки хусусиятҳои муайяни динамикӣ ё функсионалии барои объекти аслӣ пешниҳодшударо бозтавлид мекунад.

Масъалаи истифодаи моделҳо дар тадқиқоти педагогӣ хеле хуб омӯхта шудааст Нишон дода шудааст, ки «...моделҳо дар таҳқиқоти педагогӣ вазифаҳои тасвирӣ, шунавонӣ, тафсирӣ ва пешгӯии гносеологиро иҷро мекунанд. Бо истифода аз онҳо, тасвир намудани самтҳои мушаххаси дониш, маҳоратҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои ҳар як шахси дохилшаванда дар низоми таълим имконпазир аст, ҳамзамон муайян кардан лозим аст, ки онҳо аз нигоҳи дастовардҳои мавриди назар бояд чӣ гуна бошанд. Ин ба мо дониш медиҳад, ки чӣ бояд ташаккул дода шавад. Муқоисаи он чизе, ки низом ташаккул медиҳад, бо он чизе, ки бояд ташаккул дода шавад, имкон медиҳад низоми педагогии мавҷуда бо ягон роҳ баҳодиҳӣ карда шуда, роҳҳои такмили он бошуурона ҷустуҷӯ карда шавад»[84; 90; 91].

Бояд қайд кард, ки мушкилии раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, дар навбати аввал, бо фарқияти тавсифоти ибтидоии донишҷӯён муайян карда мешавад. Бо дарки амиқи ҷанбаҳои фардии ин тавсифот, ки дар заминаи онҳо низоми ворид намудани донишҷӯи курси якум ба раванди таълими олии омӯзгорӣ сохта мешавад, имкон фароҳам меояд, ки раванди мутобиқшавӣ аз нигоҳи психикӣ ба шакли бароҳат ва осон табдил дода шавад.

Модели аз ҷониби мо пешниҳодшаванда (Расми 1) раванди таълими фанҳои педагогиро дар курси якум дар бар мегирад. Раванди мазкур ҳамчун раванди бетанаффус, тафриқавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда,

ки хусусиятҳои омодасозии донишҷӯро дар муассисаи таҳсилот ва сифатҳои шахсиятии ӯро ба инобат мегирад, тавсиф меёбад [84; 90]. Раванди таълими фанҳои педагогӣ ба азхудкунии низоми донишҳои касбӣ, ташаккул ва рушди фарҳанги методӣ, маҳорату малакаҳои асосии умумипедагогӣ, сифатҳои муҳимтарини касбӣ ва шахсиятӣ, аз қабили: «...таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ, устувории эҳсосотӣ, рефлексия ва ғайра, инчунин ташаккули тамоюлҳои касбии арзишӣ, кредои шахсии педагогӣ нигаронида шудааст» [122].

Модели тарҳрезишудаи таълими фанҳои педагогӣ ба мантиқи раванди таҳсилотӣ ва сохтори ҷузъии мутобиқшавӣ дар натиҷаи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум асос ёфтааст. Модели таълими фанҳои педагогӣ дар курси якум, ки ба мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таҳсилоти олии опедагогӣ мусоидат карда, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таълимии онҳо нигаронида шудааст, ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ, усулҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои арзёбиро дар бар мегирад.

Ҷузъи мақсадии модел ислоҳи мақсади умумии таълими фанҳои педагогиро ифода мекунад. Ҷузъи мазкур инкишофи самти педагогии шахсияти донишҷӯ, ташаккули тайёрии ӯ ба кор дар муассисаҳои таълимӣ-тарбияви намудҳои гуногун аз тариқи муайян кардан, тавсиф ва шарҳ додани далелҳо, падидаҳо ва равандҳои педагогӣ дар ҳаёти воқеиро дар назар дорад. Ҷузъи мақсадӣ ба мустақилона пурра намудани донишҳои педагогӣ, азхудкунии асосҳои фарҳангшиносӣ ва илмии конспесияҳо, ва назарияҳои муҳимтарини педагогӣ, инчунин ташаккул ва рушди маҳорату малакаҳои ибтидоии кори тадқиқотӣ ва рефлексияи касбиро [123] нигаронида шудааст. Дар раванди азхудкунии фанҳои педагогика, яке аз ҳадафҳои асосӣ ташкили фазои мусоиди мутобиқшавӣ мебошад, ки ба донишҷӯёни курси якум имкон медиҳад ба муҳити таълимии донишгоҳи омӯзгорӣ зудтар ва осонтар ворид шаванд. Ин мутобиқшавӣ ҳамчун як омили муҳим дар баланд бардоштани сатҳи

дониши онҳо хизмат мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, омодагии ҳамаи иштирокчиёни фаъоли раванди таълимӣ ба фаъолият дар шароити инноватсионии донишгоҳи омӯзгорӣ зарур аст. Дар таҳқиқоти мо, мақсади мутобиқшавӣ ҳамчун як раванди динамикӣ арзёбӣ мешавад, зеро он зери таъсири тағйирот ва шароити мухталиф қарор дорад ва метавонад ислоҳотро талаб кунад. [35, с. 65-69].

Мавриди зикр аст, ки дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [94], «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [95] ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [93] вазифаи махсус ба монанди ташкили раванди мутобиқсозии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъкид карда нашудааст. Бо вуҷуди ин, дар барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (равия) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон то дараҷае ғанӣ мебошад, ки аз донишҷӯён иштироки фаъолро дар раванди таҳсилот аз рӯзи аввали таълим талаб мекунад.

Аз ин рӯ, дар бораи зарурати ташаккули *муҳити таҳсилотӣ барои кафедраи педагогика* ҳарф задан мумкин аст. Фарогирии донишҷӯёни курси якум дар муҳити таҳсилотӣ бояд аз рӯзҳои аввали қарор гирифтани онҳо дар муассисаи таҳсилоти олӣ амалӣ карда шуда, дар айни замон бояд фаро гирифтани захираҳои на танҳо фаъолияти аудиторӣ ва мустақилона, балки илмию тадқиқотӣ низ амалӣ карда шавад..

Таҳлилу баррасии тадқиқоти педагогию психологии дар солҳои охир баанҷомрасида имкон медиҳанд, ки муҳити таҳсилотӣ аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ шавад. Ҳамин тавр, В.А. Ясвин зери муҳит: «...низоми таъсирот ва шароити ташаккул ва рушди шахсият аз рӯи намунаи додашуда, инчунин имкониятҳо барои инкишофи худи он, ки дар иҳотаи иҷтимоӣ ва фазоию предметӣ мавҷуданд»-ро мефаҳмад [188].

С.Д. Деряба чунин мешуморад, ки «...муҳити таҳсилотӣ аз маҷмуи тамоми имкониятҳо барои таълим, ташаккул ва рушди шахсият, зимнан имкониятҳои ҳам мусбат, ҳам манфӣ иборат мебошад» [53, с. 34].

Ба сифати воҳидҳои сохтории муҳити таҳсилотӣ Г.А. Ковалев муҳити физикӣ, омилҳои инсонӣ ва барномаи таълимиро баррасӣ мекунад. Ҳамин тавр, ба муҳити физикӣ ӯ меъмории бино, тарроҳӣ, андоза ва сохтори фазоии аудиторияҳо, имконият ва паҳноии ҳаракатҳои фазоии донишҷӯён, осон будани табдили фазоии онҳо дар ҳолати зарурӣ ва ғайраро нисбат додааст. Дар қатори омилҳои вобаста ба инсон, муаллиф сершумории донишҷӯён ва таъсири он ба рафтори ҷамъиятӣ, тақсимоти вазифаҳо ва мартабаҳо, фаъолияти таълимии донишҷӯён ва вижагиҳои фардии онҳо, ҳамчунин ҷинс, синну сол ва мансубияти миллии донишҷӯён ва устодонро баррасӣ мекунад. Ӯ тағйироти эҳтимолиро дар фазои шахсӣ ва байнишахсӣ, ки ба шароити муассисаи таълимии мушаххас вобастаанд, низ ба инобат мегирад. Ниҳоят, ба «барномаи таълимӣ» ӯ омилҳое, аз қабили: «...услуби таълим ва хусусияти назорати таҳсили донишҷӯён, сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти донишҷӯён, мазмуни барномаҳои таҳсилотӣ, аз ҷумла тағйирпазирии онҳо, муҳофизакор ё анъанавӣ будани онҳо, шаклҳои ҳамкорӣ ё рақобатпазирии таълим ва ғайраро дохил кардааст» [77]. Бояд қайд кард, ки мафҳуми муҳити таҳсилотӣ ҳам ба муассисаи таҳсилот дар маҷмуъ, яъне «муҳити таҳсилотии донишгоҳ», ҳам ба воҳидҳои алоҳидаи сохтории он аз ҷумла, яъне «муҳити таҳсилотии факултет», «муҳити таҳсилотии кафедра» ва ғайра дахл дорад.

Дар доираи мавзуи тадқиқоти худ Г.Ю. Беляев зери муҳити таҳсилотӣ низоми дорои таркиби мураккаберо мефаҳмад, ки: «...ба сифати ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ вуҷуд дошта, маҷмуи муносибатҳои субъектҳои раванди таҳсилотиро дар заминаи мутобиқшавии онҳо ба воқеияти гирду атроф инкишоф медиҳад» [24]. Зери муҳити таҳсилотии кафедраи педагогика дар муассисаи таҳсилоти олӣ маҷмуъ ва амали

муштараки ҷузъҳое, аз қабили: фаъолияти таълимӣ-тарбиявии аудиторӣ ва беруназаудитории донишҷӯён, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва фарҳангӣ-маърифатии донишҷӯён, ки ҳамчун як ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ арзи вуҷуд дорад, фаҳмида мешавад. Бояд қайд кард, ки муҳити таҳсилотии кафедраи педагогика барои бартараф кардани мушкилоти ташкилӣ-педагогӣ, арзишӣ-ҳавасмандкунӣ, маърифатӣ ва рефлексивии донишҷӯён мусоидат менамояд. Чунон ки пештар ишора шуда буд, ҳар қадар донишҷӯёни курси якум мушкилоти дар боло зикршударо ҳаллу фасл намоянд, ҳамон андоза мутобиқшавии онҳо ба раванди таълимии донишгоҳи омӯзгорӣ беҳтар мегардад. Ин вазъият, дар навбати худ, барои баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён мусоидат мекунад.

Кушода додани мазмуни *модули «Муқаддима ба фаъолияти педагогӣ»-и фанни «Педагогика»* дар доираи амсилаи тарҳрезишуда ва таълими он ба донишҷӯёни курси якум ду марҳиларо дар бар мегирад:

- марҳилаи аввал кори аудитории донишҷӯёни курси якумро бо роҳбарии омӯзгор дар семинарҳо ва машғулиятҳои озмоишгоҳӣ-амалӣ дар бар мегирад. Дар ин раванд, ҳадафи муҳим ин ташаккул додани маҳоратҳои амалии таълимӣ, рушди мустақилияти донишҷӯён дар соҳаи таҳсил ва фаъол гардонидани нерӯи эҷодии онҳо дар курси якум мебошад. Бо ин роҳ, заминаи мусоид барои ҳалли мушкилоти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯёни курси аввал муҳайё мегардад.

- марҳилаи дуюм кори мустақилонаи донишҷӯ ба шумор меравад. Дар ҷараёни марҳилаи мазкур робитаи назарияи педагогӣ ва амалияи педагогӣ ба мушоҳида расида, дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва ояндаи педагогӣ худшиносии педагогӣ ва тайёрӣ ба худтатбиқкунӣ ташаккул меёбанд. Дар ин росто, блоки супоришҳои кори мустақилонаи донишҷӯёни курси якум ба ташаккул ва рушди маҳорату малакаҳои кор дар низоми шаклҳои донишгоҳии ташкили кори аудиторӣ, банақшагирии буҷети вақти донишҷӯён барои тайёрӣ ба машғулиятҳои таълимӣ нигаронида шудааст.

Ҳамчун идомаи мантиқии машғулиятҳо дар мавзуи «Муқаддима ба фаъолияти педагогӣ» машғулиятҳои интихобии махсус тарҳрезишудаи *«Роҳи инфиродӣ ба касби педагогӣ»* ба ҳисоб мераванд. Машғулиятҳои мазкур аз маҷмуи донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ иборат буда, мақсади маҷмуи мазкур аз роҳнамоӣ намудани донишҷӯён дар хусусиятҳои фаъолияти касбии педагогӣ ва ошкор намудани ҷиҳатҳои инсондӯстӣ ва шахсиятии он иборат мебошад. Дар самти мазкур, диққати хоса ба ташаккули фаҳмиш оид ба чигунагии моҳият ва рисолати тозаи омӯзгор дар ҷомеаи имрӯза, ҳамчунин мусоидат ба пешрафти фаъолияти таълимии донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ равона карда мешавад. Ғояи пешбар оид ба моҳияти инсондӯстонаи кори педагог дар асоси тарҳрезӣ ва интихоби мазмуни факултативи «Роҳи инфиродӣ ба касби омӯзгорӣ» қарор дода шуда, кушода додани мазмуни фанни факултатив ва омӯзиши он ду сатҳро дар бар мегирад:

1) *сатҳи назариявӣ*. Сатҳи мазкур имкон медиҳад бо ҷанбаҳои назариявии курс шинос шуда, онҳо дарк карда шуда, боварӣ ба зарурати бозбинии назарҳои анъанавии педагогӣ ба даст оварда шавад. Инчунин дар ин сатҳ ташаккули арзишҳо, назарҳо ва мавқеи шахсиятии донишҷӯ ҳамчун омӯзгори оянда сурат мегирад;

2) *сатҳи амалӣ*. Сатҳи мазкур ба ташаккул ва рушди маҳорату малакаҳо дар фаъолияти таълимӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни машғулиятҳои факултативӣ, фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯ имкониятҳои муҳимро барои ташаккул ва рушди малакаву маҳоратҳои гуногун, аз ҷумла тарҳрезӣ, пешбинӣ, муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳо, интихоби усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои худмутолиа, худтакмилдиҳӣ, назорати шахсӣ ва таҳлилу арзёбии натиҷаҳои таҳсилоти худро фароҳам меорад. Ҳамин тавр, ба донишҷӯёни курси якум кор дар машғулиятҳои факултативӣ имкон медиҳад мушкилоти ҳам арзишӣ-ҳавасмандӣ, ҳам ташкилӣ-педагогӣ ва рефлексивиро низ бартараф кунанд.

Дониш ва маҳорату малакаҳое, ки донишҷӯён дар раванди таҳсилоти модули «Муқаддима ба фаъолияти педагогӣ»-и фанни «Педагогика» ва факултативи «Роҳи инфиродӣ ба касби педагогӣ» дар курси якум азхуд мекунанд, барои таълими бомуваффақияти онҳо дар фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ зарурӣ ба шумор мераванд.

Модели тарҳрезишудаи таълими фанҳои педагогӣ ҳадаф дорад, ки донишҷӯёнро ба фазои таълимии кафедраи педагогика ворид созад. Ин раванд тавассути тағйири навъи ҳамкории байни субъектҳои таълимӣ аз ҳамкории яктарафа ба муколамавӣ, аз ҷумла тавассути ҳамгироии муколамаҳои воқеӣ ва маҷозӣ дар раванди таълим амалӣ мегардад. Чунин дигаргунӣ имкон медиҳад, ки нақши омӯзгор аз фаъолияти иттилоотӣ-хабардиҳӣ ва назоратӣ ба самти машваратӣ ва ташкилӣ-ҳавасмандкунанда дар фаъолияти гуногуни аудиторӣ, беруназсинфӣ ва илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёни курси якум табдил ёбад.

Аз маҷмӯи умумии унсурҳои ҳар як ҷузъи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум барои татбиқи минбаъдаи фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар раванди таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ, унсурҳои асосӣ ё доминантҳо расман интихоб ва муайян карда шуданд, ки бо ҷанбаҳои ташкили раванди таълими фанҳои педагогӣ робита доранд ва ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии донишҷӯи аввалин курс мувофиқат мекунанд. Ҳамин тавр, бо дарназардошти он ки мо дар бораи ташаккули ҳавасмандии касбии омӯзгорӣ ва таҳсилотӣ, ташаккули маъноҳои арзишии маърифат, азхудкунии донишҳо, қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои татбиқи фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ҳарф мезанем, бояд қайд кард, ки ҳамаи ин ҳамчун асос хизмат хоҳад кард, то ки нишондиҳандаҳои таълимии донишҷӯён дар тамоми давраи таҳсилашон дар муассисаи таҳсилоти олӣ беҳтар гарданд [56].

Мазмуни ҳар як ҷузъи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таҳсилоти олии омӯзгориро дар поён дида мебароем.

Ҷузъи истифодаи усулҳо. Дар доираи таҳқиқоти эмпирикӣ интихоби усулҳои мувофиқи тадқиқотӣ яке аз шартҳои асосии ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод ва илмӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти хусусияти мураккаби раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногун зарур шуморида шуд. Ин усулҳо ба ҳамдигар такя намуда, имкон медиҳанд, ки падидаи таҳқиқшаванда аз ҷанбаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирад ва натиҷаҳо бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ таҳлил карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқот, пеш аз ҳама, усули мушоҳида истифода гардид, ки имконият фароҳам овард рафтор, фаъолият ва муносибати донишҷӯён дар муҳити воқеии таълимӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ин усул барои муайян намудани сатҳи иштироки донишҷӯён дар дарсҳо, тарзи ҳамкории онҳо бо омӯзгор ва ҳамсинфон, инчунин дараҷаи мутобиқшавии онҳо ба талаботи муҳити таълимӣ аҳамияти махсус дошт. Ҳамзамон, усулҳои пурсиш ва мусоҳиба барои дарёфти маълумоти субъективӣ, аз ҷумла муносибати донишҷӯён ба раванди таълим, сатҳи ҳавасмандӣ ва мушкилоти эҳсоскардаи онҳо истифода шуданд.

Илова бар ин, усулҳои ташхисӣ ва санҷишӣ барои муайян намудани сатҳи дониш, малака ва қобилиятҳои мутобиқшавии донишҷӯён татбиқ гардиданд. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла корҳои хаттӣ, санҷишҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои таълимӣ, имконият дод, ки пешрафти таълимии донишҷӯён ба таври воқеӣ арзёбӣ карда шавад. Ин усулҳо дар маҷмӯъ барои муайян намудани тағйироти баамаломада дар натиҷаи татбиқи модели методии пешниҳодшуда заминаи боэътимод фароҳам оварданд.

Истифодаи маҷмӯии усулҳои зикршуда ба таҳқиқот хусусияти фарогир ва системавӣ бахшида, имконият дод, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум на танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ, балки дар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили амалӣ баррасӣ гардад. Дар натиҷа, хулосаҳои бадастомада дорои асоснокии илмӣ буда,

метавонанд барои такмили минбаъдаи раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода шаванд.

Ҷузъи воситаҳои модел (муҳити таълимии мусоид,марказм дастгирии психологӣ-педагогӣ, технологияҳои иттилоотӣ). Дар сохтори модели методии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум, воситаҳои таълимӣ ва дастгирӣ ҳамчун унсури муҳими таъминкунандаи самаранокии он баромад мекунанд. Ин воситаҳо на танҳо шароити зарурии амалисозии моделро фароҳам меоранд, балки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ ва мутобиқшавии бомуваффақияти ӯ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ мусоидат менамоянд. Дар ин замина, муҳити таълимии мусоид, дастгирии равонӣ-педагогӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъҳои асосии модели пешниҳодшуда муайян карда шудаанд.

Муҳити таълимии мусоид ҳамчун фазои муташаккил ва ҳавасмандкунандае арзёбӣ мегардад, ки дар он донишҷӯ худро ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим эҳсос менамояд. Ин муҳит бояд ба ташаккули муносибатҳои ҳамкорӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ ва дастгирии равонӣ асос ёфта, имконият фароҳам оварад, ки донишҷӯён озодона фикрҳои худро баён намоянд ва дар фаъолияти таълимӣ фаъолона иштирок кунанд. Ҳамчунин, чунин муҳит бояд ба рушди мустақилият, ташаббускорӣ ва масъулияти шахсии донишҷӯён мусоидат намояд, ки ин омилҳо барои мутобиқшавии босамар аҳамияти махсус доранд.

Яке аз воситаҳои муҳими татбиқи модел таъсиси маркази дастгирии психологӣ-педагогӣ ба ҳисоб меравад. Ин марказ ҳамчун сохтори мусоидаткунанда ба донишҷӯён дар раванди мутобиқшавӣ хизмат намуда, ба онҳо дар бартараф намудани мушкилоти равонӣ, иҷтимоӣ ва таълимӣ кӯмак мерасонад. Тавассути машваратдиҳӣ, тренингҳо ва чорабиниҳои равоншиносӣ, донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки қобилиятҳои коммуникативӣ, худидоракунӣ ва худбаҳодиҳии худро

инкишоф диҳанд. Дар натиҷа, сатҳи изтироб коҳиш ёфта, мутобиқшавии онҳо ба муҳити нави таълимӣ осон мегардад.

Дар баробари ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи муосири таълимӣ нақши муҳим мебозад. Технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки раванди таълим гуногуншакл ва интерактивӣ гардонида шавад, ки ин ба баланд гардидани шавқу рағбати донишҷӯён мусоидат мекунад. Истифодаи платформаҳои таълимии электронӣ, захираҳои рақамӣ ва воситаҳои иртиботӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимии худро ба таври мустақилона ва самаранок ба роҳ монанд, инчунин бо омӯзгорон ва ҳамсинфон робитаи доимӣ нигоҳ доранд.

Дар маҷмуъ, ҳамгироии муҳити таълимии мусоид, дастгирии равонӣ-педагогӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаҳои асосии модели методӣ заминаи боэътимод барои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум фароҳам меорад. Ин воситаҳо ба таври ҳамдигарпуркунанда амал намуда, на танҳо раванди мутобиқшавиро осон мегардонанд, балки барои рушди шахсӣ ва касбии донишҷӯён низ шароити мусоид фароҳам месозанд.

Ҷузъи натиҷаҳо. Дар сохтори модели методии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум, ҷузъи натиҷавӣ ҳамчун нишондиҳандаи ниҳоии самаранокии фаъолияти педагогӣ баромад менамояд. Натиҷаҳои модел на танҳо тағйироти зоҳирӣ дар фаъолияти таълимии донишҷӯёнро инъикос мекунанд, балки сатҳи амиқтари ташаккули шахсият, қобилияти мутобиқшавӣ ва омодагии онҳоро ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, муайян намудани натиҷаҳои модел бояд дар заминаи муносибати системавӣ ва фарогир сурат гирад.

Яке аз натиҷаҳои асосии татбиқи модел ба даст овардани мутобиқшавии устувори иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён мебошад. Ин ҳолат дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯён на танҳо ба талабот ва шароити муҳити таълимӣ одат мекунанд, балки онҳоро дар фаъолияти

худ фаъолона қабул ва татбиқ менамоянд. Дар чунин шароит донишҷӯ метавонад рафтори худро мутобиқ созад, фаъолияти таълимии худро ба низом дарорад ва робитаҳои самараноки иҷтимоиро барқарор намояд, ки ин барои муваффақияти ӯ дар муҳити донишгоҳӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Натиҷаи дигари муҳими модел баланд гардидани сатҳи фаъолиятнокии таълимии донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Дар раванди татбиқи модел донишҷӯён бештар ба фаъолияти мустақилона, иштироки фаъол дар дарсҳо, иҷрои вазифаҳои эҷодӣ ва ҳамкорӣ бо омӯзгорон ҷалб мегарданд. Ин раванд ба ташаккули муносибати масъулона ба таҳсил, баланд гардидани ҳавасмандӣ ва рушди малакаҳои худидоракунӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа, фаъолияти таълимӣ хусусияти фаъол, ҳадафманд ва самаранок пайдо мекунад.

Ҳамзамон, модели пешниҳодшуда ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Инкишофи шахсият дар ин замина ҳамчун раванди ташаккули сифатҳои маърифатӣ, иродавӣ, коммуникативӣ ва ахлоқӣ баррасӣ мегардад. Донишҷӯён қобилияти худбаҳодиҳӣ, худтанзимкунӣ ва худтакмилдиҳиро инкишоф дода, барои қабули қарорҳои мустақилона ва фаъолияти касбии оянда омодагӣ пайдо мекунанд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои модели методии пешниҳодшуда дар ҳамгироии се самти асосӣ - мутобиқшавии устувор, фаъолияти баланди таълимӣ ва рушди шахсият - зоҳир мегарданд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи мақсадноки модели педагогӣ метавонад на танҳо ба беҳтар гардидани раванди таълим, балки ба ташаккули шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат намояд.

Ҷадвали 1. Меъёрҳо (критерияҳо) ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар озмоиши педагогӣ

Р/т	Критерияҳо	Нишондиҳандаҳо	Сатҳи паст	Сатҳи миёна	Сатҳи баланд
1.	Мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ	Ҳамкории донишҷӯён бо ҳамкурсон	Донишҷӯ ба гурӯҳ ворид намешавад.	Ҳамкорӣ баъзан сурат мегирад.	Ҳамкории фаъол ва мунтазам бо гурӯҳ
		Фароҳам овардани фазои мусоид барои табодули маълумот	Танҳо иштирок дар чорабиниҳо	Иштирок бо каме фаъолият	Иштироки фаъол ва ташабускор
		Муқобилият ба тағйироти педагогӣ	Тағйиротҳоро қабул намекунад.	Тағйиротҳоро бо душворӣ қабул мекунад.	Ба тағйирот зуд мутобиқ мешавад.
		Қобилияти идора кардани муносибатҳои иҷтимоӣ	Қобилияти маҳдуд	Қобилият дар ҳолатҳои оддӣ	Қобилиятҳои устувор ва фаъол
2.	Баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии таълимӣ	Қобилияти иҷрои вазифаҳои додашуда (дарсӣ)	Натиҷаи паст	Натиҷаи миёна	Натиҷаи баланд ва устувор
		Иштирок дар корҳои амалӣ ва гурӯҳӣ	Иштироки ғайрифаъол (пассив)	Иштирок баъзан	Иштироки фаъол ва мунтазам
		Фароҳам овардани лоиҳа ва корҳои мустақилона	Лоиҳаҳо кам ва суст	Лоиҳаҳо бо кӯмак	Лоиҳаҳо мустақил ва босифат
		Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсил	Истифодаи маҳдуд	Истифодаи миёна	Истифодаи устувор ва дақиқ
3.	Рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ	Муайян кардани тарафҳои қавӣ ва заифи дониш	Қобилияти маҳдуд	Қобилияти миёна	Қобилияти устувор ва дақиқ
		Қобилияти таҳлилу баҳодиҳӣ	Таҳлили суст	Таҳлили миёна	Таҳлил ва хулосаҳои муфассал
		Идоракунии хислат ва рафтор	Назорат камтар	Назорат миёна	Назорат устувор ва фаъол
		Ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва инкишофи шахсият	Ҳавасмандии кам	Ҳавасмандии миёна	Ҳавасмандии баланд ва устувор
4.	Арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ	Қабул ва истифодаи дастгирии психологӣ-педагогӣ	Кам қабул мекунад	Қисман қабул мекунад	Пурра қабул мекунад ва истифода мебарад
		Иштирок дар машваратҳо ва корҳои дастгирӣ	Кам	Миёна	Фаъол ва мунтазам
		Тақвияти ҳисси масъулият дар раванди мутобиқшавӣ	Кам	Миёна	Баланд ва устувор
		Истифодаи усулҳои муқаррарӣ ва технологияҳои дастгирӣ	Гоҳ - гоҳ	Миёна	Самаранок ва мунтазам

Дар баробари пешниҳоди меъёрҳо (критерияҳо) ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курсҳои якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар озмоиши педагогӣ марҳилаҳои татбиқи таҳқиқоти эмпирикӣ низ мавқеи калидиро мебозанд.

Марҳилаҳои татбиқи таҳқиқоти эмпирикӣ. Таҳқиқоти эмпирикӣ барои арзёбии самаранокии модели педагогии мутобиқсозӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни курси якум дар чанд марҳила амалӣ карда шуд. Ҳар марҳила раванд ва усулҳои худро дошта, ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод ва воқеӣ мусоидат менамояд.

Ҷадвали 2. Марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ барои арзёбии смараноки модели педагогии мутобиқсозӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни курси якум

Марҳила	Мақсад ва фаъолият	Методҳо ва воситаҳо	Натиҷаҳои интизорӣ
Омодагӣ ва таҳлили ибтидоӣ	Таҳлили сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён; муайян кардани мушкилоти ибтидоӣ.	Анкета , мусоҳиба, мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ	Таъини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои мутобиқшавӣ; омода намудани воситаҳои санҷишӣ
Татбиқи модели педагогӣ	Ҷорӣ намудани модели методии мутобиқшавӣ; шиносоӣ бо муҳити нави таълимӣ	Дарсҳо, корҳои гурӯҳӣ, лоиҳакашӣ, технологияҳои иттилоотӣ, дастгирии равонӣ-педагогӣ	Натиҷаҳои аввалияи мутобиқшавӣ ва иштироки фаъол дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ
Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот	Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои арзёбии сатҳи мутобиқшавӣ	Мушоҳидаи фаъолияти донишҷӯён, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ, муқоиса байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ	Муайян шудани сатҳи мутобиқшавӣ, фаъолиятнокӣ ва малакаҳои шахсият
Арзёбӣ ва хулосаҳо	Арзёбии самаранокии модели педагогӣ; таҳияи тавсияҳо	Муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо	аъсири мусбати модел ба мутобиқшавии устувор, баландшавии фаъолияти таълимӣ, рушди шахсият; пешниҳоди тавсияҳо

Марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ ба таври аналитикӣ дар чунин тарз баён карда мешавад:

Марҳилаи 1: Омодагӣ ва таҳлили ибтидоӣ. Дар марҳилаи ибтидоӣ омӯзиш ва ҷамъоварии маълумот оид ба сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ ва тарбиявӣ амалӣ шуд. Ин марҳила ба таҳлили

хусусиятҳои гурӯҳ ва муайян кардани мушкилоти ибтидоии мутобиқшавӣ равона карда шуд. Ҳамзамон, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии мутобиқшавӣ муайян гардида, воситаҳои санҷишӣ (анкета, мушоҳида, мусоҳиба) омода карда шуданд.

Марҳилаи 2: Татбиқи модели педагогӣ. Дар марҳилаи дуюм модели методии мутобиқсозӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ татбиқ гардид. Донишҷӯён ба муҳити нави таълимӣ ворид шуда, бо воситаҳои дидактикӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва дастгирии равонӣ-педагогӣ шинос шуданд. Дар ин марҳила равандҳои мутобиқшавӣ дар шаклҳои гуногуни фаъолият — дарсҳои аудиторӣ, корҳои гурӯҳӣ, лоиҳакашӣ ва фаъолиятҳои беруназудиторӣ — мушоҳида карда шуданд.

Марҳилаи 3: Ҷамъоварӣ, таҳлили маълумот, арзёбӣ ва хулосаҳо. Дар марҳилаи ҷамъбастӣ натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯёни курси якум ба таври системавӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил карда шуданд. Маълумоти бадастомада аз гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар асоси методҳои муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, имконият фароҳам овард, ки сатҳи мутобиқшавӣ, фаъолиятнокии таълимӣ ва дараҷаи рушди шахсият ба таври воқеӣ арзёбӣ гардад. Ин раванд барои муайян намудани тағйироти баамаломада дар натиҷаи татбиқи модели педагогӣ аҳамияти муҳим дошт.

Дар идомаи ҳамин марҳила, натиҷаҳои таҳлилшуда бо меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои пешакӣ муайянгардида муқоиса карда шуданд. Чунин муқоиса имконият дод, ки сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯён (паст, миёна, баланд) ба таври дақиқ муайян гардида, самаранокии усулҳо, воситаҳо ва шароити таълимӣ-тарбиявии истифодашуда арзёбӣ шавад. Ҳамзамон, фарқияти байни нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҳамчун омили муҳим барои тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқ хизмат намуд.

Дар маҷмӯъ, марҳилаи ҷамъбастӣ ба муайян намудани самаранокии модели педагогии пешниҳодшуда ва дараҷаи таъсири он ба

раванди мутобиқшавии донишҷӯён равона гардид. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки татбиқи мақсадноки усулҳо ва шароити педагогӣ ба беҳтар гардидани фаъолияти таълимӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва рушди шахсият мусоидат менамояд, ки ин барои баровардани хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Хулосаҳо нишон доданд, ки татбиқи модел ба мутобиқшавии устувори донишҷӯён, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсият мусоидат мекунад. Ин марҳила инчунин ба пешниҳоди тавсияҳо барои такмил додани равандҳои мутобиқшавӣ ва истифодаи мунтазами модел дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ нигаронида шудааст.

Дар доираи баррасии масъала, асосҳои ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти эмпирикӣ ҳамчун марҳилаи муҳими санҷиши амалии ғояҳои пешниҳодшуда равшан карда шуданд. Муайян гардид, ки ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ба ошкор намудани сатҳи воқеии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, санҷиши самаранокии модели пешниҳодшуда ва муайян намудани таъсири омилҳои педагогӣ равона шудаанд. Ин раванд имкон дод, ки масъала аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ ба таври ҳамгиро таҳлил гардад.

Пайдарпайии марҳилаҳои таҳқиқот нишон дод, ки гузариш аз ташхиси ибтидоӣ ба татбиқи таҷрибавӣ ва сипас ба таҳлилу арзёбӣ, барои дарёфти натиҷаҳои боэътимод замина фароҳам меорад. Ҳар як марҳила бо истифода аз усулҳои мувофиқ ва воситаҳои мушаххас амалӣ гардида, имконият дод, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯён дар шароити воқеӣ ба таври муфассал омӯхта шавад. Ин ҳолат ба баланд гардидани саҳеҳият ва арзишнокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат намуд.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии мутобиқшавӣ муайян ва асоснок карда шуданд, ки онҳо ҷанбаҳои муҳими фаъолияти донишҷӯёнро дар бар мегиранд. Бо истифода аз ин

нишондиҳандаҳо сатҳҳои гуногуни мутобиқшавӣ фарқ карда шуда, имконият ба вуҷуд омад, ки тағйироти баамаломада дар раванди омӯзиш ба таври дақиқ муайян ва таҳлил карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки татбиқи низомноки таҳқиқоти эмпирикӣ ва истифодаи меъёрҳои илмӣ асосёфта барои арзёбии равандҳои педагогӣ аҳамияти муҳим дорад. Ин тамоюл имконият фароҳам овард, ки хулосаҳои боэътимод ба даст оварда шуда, самаранокии роҳҳои пешниҳодшуда дар мутобиқсозии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ тасдиқ гардад.

3.2 Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ

Арзёбии системавии татбиқи самараноки модели мутобиқсозии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар озмоиши педагогӣ ҳамчун марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот баромад намуда, барои муайян намудани дараҷаи расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои пешбинишуда аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар ин зина натиҷаҳои воқеии фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён ба таври муфассал таҳлил гардида, самаранокии равандҳои педагогии татбиқшуда дар асоси далелҳои мушаххас ва нишондиҳандаҳои илмӣ арзёбӣ карда мешаванд. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки на танҳо натиҷаҳои ниҳоӣ, балки равандҳои дохилии мутобиқшавӣ ва ташаккули фаъолияти донишҷӯён низ амиқ дарк карда шаванд.

Дар раванди озмоиши педагогӣ татбиқи модели пешниҳодшуда дар муҳити воқеии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ имконият фароҳам овард, ки таъсири он ба раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба таври пайгирона ва низомнок омӯхта шавад. Маълумоти бадастомада нишон дод, ки истифодаи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои махсуси педагогӣ

ба осон гардидани воридшавии донишҷӯён ба муҳити нави таълимӣ, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди қобилиятҳои шахсӣ мусоидат намудааст. Ин тағйиротҳо ҳам дар сатҳи муносибати донишҷӯён ба таҳсил ва ҳам дар самаранокии фаъолияти онҳо равшан мушоҳида гардиданд.

Арзёбии системавӣ бо такя ба коркарди мукаммали маълумоти ҷамъоваришуда амалӣ гардида, марҳилаҳои гурӯҳбандӣ, муқоиса ва таҳлили нишондиҳандаҳоро дар бар гирифт. Натиҷаҳо аз рӯи сатҳҳои гуногуни мутобиқшавӣ (паст, миёна ва баланд) тасниф карда шуда, имконият доданд, ки динамикаи рушди донишҷӯён дар раванди таҳсил муайян карда шавад. Дар ин замина, ҳам тағйироти миқдорӣ ва ҳам сифатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба таҳлили ҳамаҷонибаи раванд мусоидат намуданд.

Муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ нишон дод, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки дар асоси модели пешниҳодшуда таҳсил намуданд, сатҳи баландтари мутобиқшавӣ ва фаъолиятнокии таълимиро нишон доданд. Онҳо дар фаъолияти гурӯҳӣ фаъолтар иштирок намуда, қобилияти беҳтари ҳамкорӣ, худназоратӣ ва татбиқи донишҳоро дар ҳолатҳои гуногун нишон доданд. Ин фарқият далели он мебошад, ки фароҳам овардани шароити мувофиқи педагогӣ ва истифодаи усулҳои мақсаднок ба баланд бардоштани самаранокии мутобиқшавӣ таъсири мусбат мерасонад.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки татбиқи модели методӣ ба ташаккули муносибати мусбат нисбат ба фаъолияти таълимӣ ва рушди шахсият мусоидат менамояд. Донишҷӯён дар раванди таҳсил бештар фаъол гардида, ба худтакмилдиҳӣ, худбаҳодиҳӣ ва истифодаи мустақилонаи донишҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд. Ин ҳолат ба рушди устувори қобилиятҳои маърифатӣ ва иҷтимоии онҳо заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои бадастомада собит менамоянд, ки арзёбии системавии татбиқи модели пешниҳодшуда имконият медиҳад самаранокии он ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ тасдиқ гардад. Модели мазкур ба беҳтар гардидани раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, баланд гардидани фаъолияти таълимӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат намуда, метавонад ҳамчун заминаи боэътимод барои такмили минбаъдаи фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ хизмат намояд.

Ҳадафҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- муайян намудани самаранокии модели методии таълими фанҳои педагогӣ ҳамчун воситаи асосии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ;
- ошкор намудани таъсири маҷмӯи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълимӣ ба ташаккули мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ ва фаъолиятнокии таълимии донишҷӯён;
- арзёбӣ намудани сатҳ ва динамикаи рушди ҳавасмандӣ, фаъолиятнокии маърифатӣ ва муносибати донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ дар шароити татбиқи модели пешниҳодшуда;
- муайян кардани хусусиятҳои рушди қобилиятҳои шахсӣ, аз ҷумла худбаҳодиҳӣ, худназоратӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ дар раванди татбиқи модели методӣ;
- асоснок намудани нақши шароити педагогии фароҳамовардашуда дар таъмин намудани мутобиқшавии самараноки донишҷӯёни курси якум ба муҳити нави таълимӣ-тарбиявӣ.

Марҳилаҳои озмоиши педагогӣ. Озмоиши педагогӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав марҳила ба

марҳила гузаронида шуда, се зинаи асосиро дарбар мегирад: марҳилаи муайянкунанда, марҳилаи ташаккулдиҳанда ва марҳилаи назоратӣ.

Марҳилаи якум, марҳилаи муайянкунанда (солҳои 2019-2020).

Мақсади марҳилаи якум: муайян намудани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ пеш аз татбиқи модели пешниҳодшуда.

Вазифаҳои марҳилаи якум:

- таҳлили вазъи воқеии мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ;
- ошкор ва муайян кардани мушкилоти асосии таълимӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ дар давраи ибтидоии таҳсил;
- тақсимбандии донишҷӯён вобаста ба сатҳҳои гуногуни мутобиқшавӣ. (паст, миёна, баланд).

Мундариҷа ва усулҳо:

- гузаронидани пурсиш ва санҷишҳо оид ба муносибати донишҷӯён ба муҳити таълимӣ;
- иҷрои супоришҳои таълимӣ барои муайян кардани сатҳи фаъолиятнокӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ;
- мушоҳидаи фаъолияти донишҷӯён дар дарс ва берун аз он;
- суҳбат бо омӯзгорон ва кураторҳо ҷиҳати муайян намудани мушкилоти мутобиқшавӣ.

Натиҷаи интизоршаванда:

- муайян шудани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум;
- асоснок кардани зарурати татбиқи модели педагогии мутобиқсозӣ ва истифодаи усулҳою технологияҳои муосири таълимӣ.
- муайян гардидани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум;

- асоснок намудани зарурати татбиқи модели педагогии мутобиқсозӣ ва истифодаи усулу технологияҳои муосири таълимӣ.

Татбиқи амалии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар асоси барномаи семинар тренинги тартибдодашуда (Замимаи 1) дар давоми корҳои озмоиши педагогӣ дар солҳои 2021-2024 дар пойгоҳи таҷрибавӣ, дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амалӣ карда шуданд. Дар таҷриба 410 донишҷӯ (210 нафар донишҷӯ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 200 нафар донишҷӯ дар гурӯҳҳои назоратӣ) ва 40 нафар омӯзгорон ва кураторони гурӯҳҳои интихобшуда аз муассисаҳои таҳсилоти олии болозикр иштирок намуданд.

Ҷадвали 3. Муайян намудани сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ

Масъалаҳо	Сатҳ	Гурӯҳи назоратӣ		Гурӯҳи озмоишӣ	
		Донишҷӯ	%	Донишҷӯ	%
1	Паст	10	40,0	11	42,3
	Миёна	11	44,0	10	38,5
	Баланд	4	16,0	5	19,2
2	Паст	9	36,0	10	38,5
	Миёна	10	40,0	10	38,5
	Баланд	6	24,0	6	23,0
3	Паст	11	45,8	11	42,3
	Миёна	10	41,7	9	34,6
	Баланд	3	12,5	6	23,1
4	Паст	12	50,0	12	44,4
	Миёна	10	41,7	12	44,4
	Баланд	2	8,3	3	11,2
5	Паст	12	44,4	12	46,2
	Миёна	11	40,8	10	38,4
	Баланд	4	14,8	4	15,4
6	Паст	13	52,0	13	48,1
	Миёна	10	40,0	12	44,0
	Баланд	2	8,0	2	8,0
7	Паст	12	48,0	10	37,0
	Миёна	10	40,0	12	44,5
	Баланд	3	12,0	5	18,5
8	Паст	8	32,0	9	36,0
	Миёна	15	60,0	10	40,0
	Баланд	2	8,0	6	24,0

Бо мақсади муайян намудани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, миёни омӯзгорон ва кураторҳо бо истифода аз саволномаи пешакӣ таҳияшуда анкета-пурсишнома гузаронида шуд (Замимаи 2). Ин тадқиқот ба ошкор намудани хусусиятҳои раванди мутобиқшавӣ, мушкилоти мавҷуда ва муносибати омӯзгорон ба ин раванд равона гардида буд.

Таҳлили натиҷаҳои анкета-пурсишномаҳо, ки дар он 40 нафар омӯзгорон ва кураторон иштирок намуданд, имкон дод, ки назари онҳо оид ба сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва мушкилоти марбут ба он муайян карда шавад. Дар асоси маълумоти бадастомада, омӯзгорон аз рӯи хусусияти муносибат ва таҷрибаи кори худ ба се гурӯҳи шартӣ ҷудо гардиданд.

Гурӯҳи якум омӯзгоронеро дар бар мегирад, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёнро ҳамчун як ҷузъи табиии фаъолияти таълимӣ қабул намуда, дар амалисозии он мушкилоти ҷиддӣ эҳсос намекунанд (27,5% ё 11 нафар аз шумораи умумӣ). Ба андешаи онҳо, донишҷӯён бо дастгирии мувофиқ метавонанд ба муҳити таълимӣ нисбатан зуд мутобиқ шаванд.

Гурӯҳи дуюм аз омӯзгороне иборат аст, ки дар раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум бо як қатор мушкилоти назаррас рӯ ба рӯ мешаванд (50,0% ё 20 нафар). Ин мушкилот асосан ба сатҳи нокифояи омодагии таълимӣ, паст будани ҳавасмандӣ ва душвориҳои мутобиқшавӣ ба талаботи нави таълимӣ алоқаманд мебошанд.

Гурӯҳи сеюм омӯзгоронеро дар бар мегирад, ки мушкилоти асосиро ба фарқиятҳои инфиродии донишҷӯён, сатҳи гуногуни омодагӣ ва қобилияти мутобиқшавии онҳо нисбат медиҳанд (22,5% ё 9 нафар). Ба назари онҳо, раванди мутобиқшавӣ хусусияти инфиродӣ дошта, ба омилҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ вобастагии зиёд дорад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ масъалаи муҳими педагогӣ буда, талаб мекунад, ки барои ҳалли он методҳо ва шароити махсуси педагогӣ фароҳам оварда шаванд.

Диаграммаи 1. Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо дар байни омӯзгорон ва кураторон оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ - тарбиявӣ

Дар раванди озмоиши педагогӣ омӯзгорон омилҳоеро номбар карданд, ки онҳо метавонанд ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ таъсири мусбат расонад:

1) *Фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ-психологӣ,* ки дар он донишҷӯён худро озод, боварнок ва ҳимояшуда эҳсос намуда, ба фаъолияти таълимӣ фаъолона ҷалб мегарданд - 20% (8 нафар) иштирокчиён қайд намуданд;

2) *дастгирии мунтазами иҷтимоӣ ва педагогӣ аз ҷониби омӯзгорон ва кураторҳо*, ки ба осон гардидани воридшавии донишҷӯён ба муҳити нави таълимӣ ва бартараф намудани мушкилоти ибтидоӣ мусоидат менамояд – 27,5% (11 нафар) пурсидашудагон ақидаи худро баён карданд;

3) *ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ бо истифодаи усулҳо ва технологияҳои фаъоли таълим,* ки ҳавасмандии донишҷӯёнро баланд бардошта, иштироки фаъолонаи онҳоро таъмин мекунад – 30,0% (12 нафар) иштирокчиён қайд намуданд;

4) *ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва сатҳи омодагии донишҷӯён,* ки имконият медиҳад раванди мутобиқшавӣ ба таври

фардикунонидашуда ва самаранок ба роҳ монда шавад – 22,5% (9 нафар) пурсидашудагон ақидаи худро баён намуданд.

Диаграммаи 2. Мушкилоти методии донишҷӯёни курси якум оид ба мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ

Марҳилаи дуюм, марҳилаи озмоиши ташаккулдиҳанда (солҳои 2020-2023)

Мақсади марҳилаи дуюм: муайян намудани дараҷаи таъсир ва самаранокии модели педагогии пешниҳодшуда ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ мебошад. Дар ин марҳила таваҷҷуҳ ба рушди фаъолиятнокӣ, иштироки фаъол, ҳамкории гурӯҳӣ ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст. Ҳадаф аз он иборат аст, ки арзёбӣ намояд, то чӣ андоза татбиқи модели методӣ ба беҳтар гардидани мутобиқшавии устувор ва фаъолнокии таълимӣ мусоидат кардааст.

Вазифаҳои марҳилаи дуюм:

- татбиқи маҷмӯи машғулиятҳои махсус, ки ба фаъолсозии донишҷӯён ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд;

- ташкили фаъолияти мустақил ва ҳамкоронаи донишҷӯён барои рушди қобилияти мутобиқшавӣ ва масъулиятшиносӣ;

- муайян кардани таъсири усулҳо ва воситаҳои педагогӣ ба сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ва иштирок дар равандҳои таҳсилӣ;

- ба даст овардани маълумоти муқоисавӣ байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷиҳати таҳлил ва самаранокии модели пешниҳодшуда.

Истифодаи методҳо дар марҳилаи дуюм: дар ин марҳила аз усулҳои гуногуни педагогӣ ва шаклҳои фаъол истифода карда шуд, ки ба рушди мутобиқшавӣ мусоидат менамоянд:

- машғулиятҳои амалӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ;

- кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ барои такмили малакаҳои ҳамкорӣ ва мустақилияти донишҷӯён;

- ҳалли масъалаҳои гуногун аз рӯи сатҳ ва дараҷаи мураккабӣ барои рушди қобилияти таҳлилу баррасӣ;

- муҳокимаи натиҷаҳо, худназорат ва баррасии омилҳои мусоид ва монеъ барои мутобиқшавӣ.

Шароити педагогӣ: шароити муассиса ва таҳлили омилҳои педагогӣ дар марҳилаи дуюм асосан ба омодагии омӯзгорон, мутобиқати супоришҳо ба сатҳи донишҷӯён ва ҳамгироии усулҳои анъанавӣ ва интерактивӣ вобаста буд. Ҳадаф таҳия ва таъмин намудани муҳити мусоид, дастгирии педагогӣ ва истифодаи технологияҳо мебошад, ки ин ба баланд бардоштани иштирок ва шавқу рағбати донишҷӯён мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои интизоршаванда ва хулоса: арзёбии системавӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи модели методӣ ба мутобиқшавии устувори донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва фаъолиятнокии онҳо таъсири мусбат расонидааст. Донишҷӯён қобилияти ҳамкорӣ, масъулиятшиносӣ ва иштирок дар равандҳои таълимиро нишон додаанд.

Хулоса он аст, ки марҳилаи дуюм исбот намуд, ки модели пешниҳодшуда самаранок ва асоснок буда, барои рушду инкишофи шахсият ва мутобиқшавии иҷтимоӣ-тарбиявии донишҷӯён заминаи устувор фароҳам меорад.

Марҳилаи сеюм, марҳилаи назоратӣ (солҳои 2024-2025)

Мақсади марҳилаи сеюм:

Мақсади асосии марҳилаи сеюм арзёбии системавии самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва муайян намудани тағйирот дар сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ, фаъолиятнокии таълимӣ ва рушди шахсии онҳо мебошад. Дар ин марҳила диққати асосӣ ба муайян намудани натиҷаҳои ниҳоии татбиқи модел ва муқоисаи онҳо бо нишондиҳандаҳои ибтидоӣ равона карда мешавад.

Вазифаҳои марҳилаи сеюм:

- гузаронидани ташхиси ҷамъбастии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум;

- муқоисаи натиҷаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ барои муайян намудани динамикаи тағйирот;

- таҳлили фарқиятҳои байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ;

- муайян намудани самаранокии методҳо, шаклҳо ва шароити педагогии татбиқшуда;

- ҷамъбаст ва тафсири натиҷаҳои бадастомада дар заминаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муайяншуда.

Истифодаи методҳо дар марҳилаи сеюм:

- истифодаи тестҳо, саволномаҳо ва вазифаҳои ҷамъбастӣ бо мақсади санҷиш ва муайян кардани дараҷаи мутобиқшавии донишҷӯён;

- омӯзиш ва баҳодиҳии дастовардҳои таълимии донишҷӯён (аз ҷумла корҳои хаттӣ, сатҳи иштироки онҳо дар дарсҳо ва фаъол будан дар машғулиятҳои таълимӣ).истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо барои муқоиса ва нишон додани динамикаи натиҷаҳо;

- коркарди оморӣ ва таҳлили сифатии маълумот барои муайян намудани самаранокии модели татбиқшуда.

Шароитҳои педагогӣ:

- таъмини мутобиқати воситаҳои ташхисӣ ба ҳадаф ва мазмуни таҳқиқот;

- риояи принсипҳои объективият, муқоисапазирӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо;

- фароҳам овардани шароити баробар барои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ;

- омодагии омӯзгорон ба арзёбӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот;

- истифодаи воситаҳои муосири таҳлил ва коркарди маълумот.

Натиҷаҳои интизоршаванда:

- тасдиқи самаранокии модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум;

- беҳтар гардидани сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ ва фаъолиятнокии таълимии донишҷӯён;

- афзоиши ҳиссаи донишҷӯёни дорои сатҳи баланди мутобиқшавӣ;

- асоснок гардидани хулосаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои таҷрибавӣ.

Хулоса: марҳилаи сеюм ҳамчун зинаи ҷамъбастии озмоиши педагогӣ имконият фароҳам меорад, ки натиҷаҳои бадастомада ба таври мукаммал таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд. Татбиқи пайдарпайи тадбирҳои таҳқиқотӣ ва истифодаи усулҳои боэътимоди ташхисӣ ба таъмини объективият ва асоснокии натиҷаҳо мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ, арзёбии системавии татбиқи модели пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки он ҳамчун воситаи самараноки педагогӣ метавонад ба мутобиқшавии устувори донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада заминаи боэътимод барои тасдиқи фарзияи таҳқиқот ва таҳияи тавсияҳои амалии минбаъда фароҳам меоранд.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар байни донишҷуёни курси якум анкета пурсишнома гузаронида шуд. (Замимаи 3). Дар пурсишнома ҳамагӣ 410 нафар донишҷӯён, аз ҷумла, 210 нафар донишҷӯ аз Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 100 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) ва 200 нафар донишҷӯён аз Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 90 нафар гурӯҳҳои назоратӣ), иштирок доштанд.

Натиҷаҳои бадастомада аз пурсиши ибтидоӣ (пеш аз оғози озмоиши педагогӣ) дар ҷадвали 7 инъикос гардида, ҳамчун заминаи асосӣ барои арзёбии сатҳи ибтидоии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ва таҳлили минбаъдаи самаранокии модели татбиқшуда хизмат менамоянд.

Ҷадвали 4. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯи сатҳҳои мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи муайянкунанда (то озмоиш).

Гурӯҳҳо	Шумора	Сатҳи паст		Сатҳи миёна		Сатҳи баланд	
		шумора	%	шумора	%	шумора	%
Гурӯҳҳои озмоишӣ	220	88	40,0	92	41,8	40	18,2
Гурӯҳҳои назоратӣ	190	80	42,1	79	41,6	31	16,3
Ҳамагӣ	410	168	41,0	171	41,7	71	17,3

Маълумоти дар ҷадвали 4. Зикргардида, нишон медиҳад, ки дар ибтидои озмоиши педагогӣ сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар ҳарду гурӯҳҳо (озмоишӣ ва назоратӣ) тақрибан якхела буда, аксарияти донишҷӯён дар сатҳи паст ва миёна қарор доранд.



Диаграммаи 3. Тақсимоти сатҳҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар марҳилаи муайянкунанда (ташхисӣ)

Маълумоти диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот аксарияти донишҷӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёнаи мутобиқшавӣ қарор доранд. Ҳиссаи донишҷӯёни дорои сатҳи баланд нисбатан кам буда, ин ҳолат зарурати татбиқи модели педагогии мутобиқсозиро дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ асоснок менамояд.

Тибқи ҷадвали ВВ. меъёрҳо (критерияҳо) ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дар озмоиши педагогӣ арзёбӣ карда мешавад.

1. ***Мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ – тарбиявӣ:***

- *дараҷаи воридшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ ва таълимии муассиса* – тавсиф мекунад, ки то чӣ андоза донишҷӯён тавонистаанд бо қоидаҳо, талабот ва муҳити нави таълимӣ ошно шуда, худро ҳамчун узви фаъол ва комили ҷомеаи донишгоҳ эҳсос намоянд;

- *сатҳи ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ* – ин нишондиҳанда фарогири қобилияти донишҷӯён дар барқарор намудани робитаҳои самаранок бо ҳамкурсҳо, омӯзгорон ва кураторҳо буда, дараҷаи иштирок дар фаъолияти гурӯҳӣ ва ҳамкориро инъикос менамояд;

- *дараҷаи мутобиқшавӣ ба талаботи таълимӣ ва интизомӣ* – нишон медиҳад, ки донишҷӯён то чӣ андоза ба низоми таълим, реҷаи дарсӣ, талаботи академӣ ва қоидаҳои муассиса мутобиқ гардидаанд;

- *сатҳи устувории мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ* – ифодагари қобилияти донишҷӯён дар нигоҳ доштани ҳолати мутобиқшавии мусбат, бартараф намудани мушкилот ва идомаи фаъолияти самараноки таълимӣ дар муҳити нав мебошад.

Хулоса. Маҷмӯи ин нишондиҳандаҳо имконият фароҳам меорад, ки дараҷаи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ба таври низомнок ва ҳамаҷониба баҳогузорӣ

гардад. Онҳо паҳлуҳои муҳими раванди мутобиқшавиро, аз ҷумла қабули муҳити нав, фаъолияти таълимӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, риояи талаботи академӣ ва устувории рафтори мутобиқшударо дар бар мегиранд.

Истифодаи чунин низоми нишондиҳандаҳо дар озмоиши педагогӣ имконият медиҳад, ки на танҳо сатҳи ибтидоӣ ва ниҳоии мутобиқшавӣ муайян карда шавад, балки динамикаи рушди он дар шароити татбиқи модели пешниҳодшуда низ ошкор гардад. Дар маҷмӯъ, ин нишондиҳандаҳо ҳамчун асоси боэътимоди таҳлил ва арзёбии самаранокии модели мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум хизмат намуда, барои баровардани хулосаҳои илмӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ замина фароҳам меоранд.

Аз рӯйи критерияи якум дар озмоиши педагогӣ 410 нафар донишҷӯи курси якум иштирок намуданд, ки аз онҳо 210 нафар ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 100 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) ва 200 нафар ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 90 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) мансуб буданд.

Арзёбии дараҷаи ташаккули критерияи мазкур бо такя ба се сатҳи асосӣ - паст, миёна ва баланд анҷом дода шуда, он имкон дод, ки ҳолати воқеии мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ муайян ва таҳлил карда шавад. Натиҷаҳои бадастомада дар шакли ҷадвал пешниҳод гардида, ҳамчун асос барои муқоиса ва арзёбии самаранокии модели татбиқшуда хизмат менамоянд.

Ҷадвали 5. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)

Муассисаи таълимӣ	Гурӯҳ	Шумораи донишҷӯён	Сатҳи паст шумора (%)	Сатҳи миёна шумора (%)	Сатҳи баланд шумора (%)
ДДОТ ба номи С. Айнӣ	озмоишӣ	110	44 (40,0%)	46 (41,8%)	20 (18,2%)
	назоратӣ	100	40 (40,0%)	42 (42,0%)	18 (18,0%)
ДДБ ба номи Н. Хусрав	озмоишӣ	110	46 (41,8%)	47 (42,7%)	17 (15,5%)
	назоратӣ	90	36 (40,0%)	38 (42,2%)	16 (17,7%)
Ҳамагӣ		410	166 (40,5%)	173 (42,2%)	71 (17,3%)

Аз ҷадвали 5 аён аст, ки аксари донишҷӯён пеш аз озмоиши педагогӣ дар сатҳҳои паст ва миёнаи мутобиқшавӣ қарор доранд, ки 81,8%-ро ташкил медиҳанд. Танҳо 18,2% донишҷӯён сатҳи баланд доранд, ки ин нишон медиҳад зарурати татбиқи модели педагогии мутобиқсозӣ барои беҳтар намудани мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ ва фаъолиятнокии таълимӣ вуҷуд дорад. Ҷадвал ҳамчун асоси муқоиса ва арзёбии самаранокии модели пешниҳодшуда хизмат мекунад.



Диаграммаи 4. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)

Баъд аз гузаронидани семинар-тренингҳо, дарсҳои иловагӣ, дарсҳои кураторӣ, иштирок дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва машғулиятҳои дигар пас аз озмоиши педагогӣ тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ шакли зеринро гирифта, дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 6. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пас аз озмоиш)

Сатҳи дониш	Синфҳо	ДДОТ ба номи С. Айнӣ	ДДБ ба номи Н. Хусрав	Шумора қимати миёнаи (%)
		шумора (%)	шумора (%)	
Баланд	озмоишӣ	46 (41,8%)	38 (34,5%)	84 (38,2%)
	назоратӣ	20 (20,0%)	18 (20,0%)	38 (20,0%)
Миёна	озмоишӣ	42 (38,2%)	50 (45,5%)	92 (41,8%)
	назоратӣ	42 (42,0%)	38 (42,2%)	80 (42,1%)
Паст	озмоишӣ	22 (20,0%)	22 (20,0%)	44 (20,0%)
	назоратӣ	38 (38,0%)	34 (37,8%)	72 (37,9%)

Пас аз озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ сатҳи баланд ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба 41,8% расидааст, ки нишон медиҳад татбиқи модели системавӣ ба беҳтар шудани мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯён таъсири мусбат доштааст.

Гурӯҳҳои назоратӣ сатҳи паст ва миёнаи мутобиқшавӣ тақрибан бетағйир мондаанд, ки фарқияти натиҷаҳо самаранокии татбиқи модели пешниҳодшударо таъкид мекунад.

Дар гурӯҳҳои озмоишӣ, пас аз татбиқи модели системавии мутобиқсозӣ сатҳи баланд аз 18,2% то 41,8% афзоиш ёфтааст ва сатҳи паст аз 44,0% то 22,0% коҳиш ёфтааст.

Дар гурӯҳҳои назоратӣ, тағйирот нисбатан кам буда, сатҳи баланд ҳамагӣ 2,0% афзоиш ёфтааст.

Ҷадвал нишон медиҳад, ки татбиқи модели методӣ ба беҳтаршавии мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии донишҷӯёни курси якум, яъне барои критерияи якум таъсири назаррас доштааст.



Диаграммаи 5. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пас аз озмоиш)

Дар раванди таҳқиқоти таҷрибавӣ-педагогӣ, бо мақсади муайян намудани самаранокии усули таълимии пешниҳодгардида, таҳлили оморӣ бо истифода аз меъёри χ^2 (хи-квадрат Пирсон) анҷом дода шуд.

$$\chi^2 = \frac{(84-45,1)^2}{45,1} + \frac{(38-17,6)^2}{17,6} + \frac{(92-49,4)^2}{49,4} + \frac{(80-37,1)^2}{37,1} + \frac{(44-23,6)^2}{23,6} + \frac{(72-33,4)^2}{33,4} =$$

$$= 33,6 + 23,6 + 36,7 + 49,6 + 17,6 + 44,6 = 205,7,$$

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисоб}}=205,7 > \chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки байни гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ аз рӯи сатҳҳои ташаккули дониш, малака ва қобилиятҳои таълимгирандагон фарқияти аз ҷиҳати оморӣ боэътимод вуҷуд дорад ($\chi^2_{ҳисоб}$ = 205,7; df = 2; p < 0,05).

Муқоисаи қимати эмпирикии χ^2 бо қимати критикӣ ($\chi^2_{критикӣ}$ = 5,99) нишон медиҳад, ки $\chi^2_{ҳисоб}$ ба таври назаррас аз $\chi^2_{крит.}$ зиёд мебошад, ки ин имконияти рад намудани гипотезаи сифриро фароҳам оварда, мавҷудияти таъсири воқеии омилҳои педагогиро тасдиқ менамояд. Ин натиҷа далолат бар он мекунад, ки тағйиротҳои ба қайдгирифташуда дар нишондиҳандаҳои таълимӣ на тасодуфӣ, балки натиҷаи татбиқи мақсадноки усули таълимии озмоишшуда мебошанд.

Вақте ки қимати ҳисобии χ^2 (хи-квадрат) аз қимати критикӣ калонтар мешавад, ин маънои онро дорад, ки байни тағйирёбандаҳо робитаи назаррас вуҷуд дорад. Барои чен кардани қувваи ин робита, аз коэффициенти Cramér's V истифода мебаранд.

$$V = \sqrt{\frac{\chi^2}{n \times (k-1)}}$$

Дар ин ҷо: χ^2 - қимати ҳисобшуда;

n - ҳаҷми умумии интихоб (шумораи мушоҳидаҳо);

k – қимати минималии миқдори сатҳҳо (қаторҳо ё сутунҳо) дар ҷадвал.

Бо мақсади арзёбии дараҷаи таъсири амалӣ, нишондиҳандаи андозаи таъсир - Cramér's V - ҳисоб карда шуд. Қимати бадастомада (V = 0,71) мутобиқи меъёрҳои илмӣ ба сатҳи таъсири хеле калон мансуб буда, аз самаранокии баланди усули таълимии татбиқшуда шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-педагогӣ собит менамоянд, ки истифодаи усули пешниҳодшуда ба баланд гардидани сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ, рушди малака ва қобилиятҳои таълимгирандагон мусоидат менамояд. Ин ҳолат аҳамияти назариявӣ ва

амалии таҳқиқотро тақвият бахшида, имконияти васеъ истифода бурдани натиҷаҳои онро дар амалияи муассисаҳои таълимӣ фароҳам меорад.

2. Баланд бардоштани сатҳи фаъолитнокии таълимӣ.

Барои меъёри мазкур се сатҳи арзёбии фаъолиятнокии таълимӣ: баланд, миёна ва паст муайян карда шуданд.

Сатҳи пасти фаъолиятнокии таълимӣ. Дар ин сатҳ донишҷӯ иштироки маҳдуд дар раванди таълим нишон медиҳад. Фаъолият асосан ба қабул ва азёдкунии иттилоот маҳдуд мешавад. Иштирок дар муҳокимаҳо, иҷрои мустақилонаи вазифаҳо ва нишон додани ташаббус кам ба назар мерасад. Омӯзиш хусусияти пассивӣ дошта, аз омӯзгор вобастагии зиёд аст. Дар ин сатҳ таъсири мутақобила дида намешавад, раванди таълим аз рӯйи методи ғайрифаъол (пассив) сурат мегирад.

Сатҳи миёнаи фаъолиятнокии таълимӣ. Дар ин зина донишҷӯ дар раванди таълим нисбатан фаъол иштирок мекунад. Ӯ метавонад супоришҳоро мустақилона иҷро намояд, дар муҳокимаҳо иштирок варзад ва баъзан ташаббус нишон диҳад. Бо вуҷуди ин, фаъолияти маърифатӣ ҳанӯз пурра устувор нест ва дар ҳолатҳои муайян ниёз ба роҳнамоии омӯзгор боқӣ мемонад, яъне дар ин ҳолат раванди таълим аз рӯйи методи фаъоли таълим сурат мегирад.

Сатҳи баланд (баландшуда)-и фаъолиятнокии таълимӣ. Ин сатҳ бо иштироки фаъол ва огоҳонаи донишҷӯ дар тамоми марҳилаҳои раванди таълим тавсиф мешавад. Шахс қобилияти таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ дорад, мустақилона дониш меомӯзад ва ташаббус нишон медиҳад. Иштирок дар баҳсҳо, пешниҳоди андешаҳои нав ва истифодаи дониш дар вазъиятҳои гуногун, фаъолияти хуби донишҷӯён дар кори гурӯҳӣ нишонаи асосии ин сатҳ мебошад, яъне дар ҳолати зикргардида раванди таълим аз рӯйи методи интерактивии таълим сурат мегирад.

Аз рӯйи критерияи дуюм дар озмоиши педагогӣ 320 нафар донишҷӯи курси якум иштирок намуданд, ки аз онҳо 170 нафар ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (90 нафар

гурӯҳҳои озмоишӣ ва 80 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) ва 150 нафар ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (80 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 70 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) мансуб буданд.

Ҷадвали 7. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯи сатҳҳои фаъолиятнокии таълимӣ (то озмоиш)

Гурӯҳ	Шумораи умумӣ	Сатҳи паст	%	Сатҳи миёна	%	Сатҳи баланд	%
Озмоишӣ	170	70	41,2%	72	42,3	28	16,5
Назоратӣ	150	65	43,3%	63	42,0	22	14,7
Ҳамагӣ	320	135	42,2%	135	42,2	50	15,6

Аз ҷадвали ооо маълум мешавад, ки фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавӣ то озмоиши педагогӣ қисми зиёди донишҷӯён дар сатҳи паст қарор доранд. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои назоратӣ қариб якхела мебошанд. Дар сат баланд бошад қисми бениҳоят ками донишҷӯёнро дарбар мегирад, ки мувофиқан 16,5% ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва 14,7% ба гурӯҳҳои назоратӣ рост меояд.



Диаграммаи 6. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи сатҳи фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)

Баъд аз гузаронидани семинар тренинг дар давраи озмоиши педагогӣ муносибати ҳамешагии мусбати эҳсосотӣ нисбат ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ; нишонаҳои фаъолнокӣ ва омодагии шахсӣ зимни иштирок дар дарсҳо, инчунин дар иҷрои корҳои мустақилона ва илмӣ-тадқиқотӣ; ҳузури шавқу ҳаваси устувор ба донишҳое, ки ба хусусиятҳои ҳирфаию педагогии фаъолияти

оянда ишора мекунанд, инчунин гузаронидани дарсҳои иловагӣ, корҳои мустақилона, фаъолият дар корҳои гурӯҳӣ шавқу ҳаваси донишҷӯён дар сатҳи зарурӣ тағйир ёфта, тақсимбандии онҳо дар сатҳои гуногуни мутобиқшавӣ низ ба мусбат иваз гардид.

Натиҷаи фаъолиятҳои болозикр буд, ки тақсимоти донишҷӯёни курсҳои якум баъд аз озмоиши педагогӣ дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

Ҷадвали 8. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯи сатҳҳои фаъолиятнокии таълимӣ (баъд аз озмоиш озмоиш)

Гурӯҳ	Шумораи умумӣ	Сатҳи паст	%	Сатҳи миёна	%	Сатҳи баланд	%
Озмоишӣ	170	25	14,7	75	44,1	70	41,2
Назоратӣ	150	50	33,3	65	43,4	35	23,3
Ҳамагӣ	320	75	23,4	140	43,8	105	32,8

Тавре ки аз ҷадвалҳои ооо ва 555 бармеояд, то оғози озмоиш тақсимоти донишҷӯён дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қариб яксон буд. Аммо баъди анҷоми озмоиш дар гурӯҳҳои озмоишӣ коҳиши назарраси сатҳи паст (аз 41,2% то 14,7%) ва афзоиши сатҳи баланд (аз 16,5% то 41,2%) мушоҳида гардид. Дар гурӯҳҳои назоратӣ бошад, тағйирот камтар ба назар мерасад.

Натиҷаҳои ҳосилшуда дар диаграммаи 7 оварда шудааст.

Диаграммаи 7. Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи сатҳи фаъолиятнокии таълимӣ дар давраи мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ (пеш аз озмоиш)

Пас аз ёфтани қиматҳои назариявӣ (интизоршаванда) *E,* натиҷаҳоро дар ҷадвали зерин пешниҳод мекунем.

Ҷадвали 9. Қиматҳои назариявӣ (интизоршаванда) - и *E* барои сатҳи фаъолнокии таълими донишҷӯёни курси якум дар давраи мутобиқшавӣ баъд аз озмоиш.

Давра	Сатҳи паст	Сатҳи миёна	Сатҳи баланд
То озмоиш	37,18	38,25	14,88
Баъд аз озмоиш	13,3	39,8	37,2

Дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ-педагогӣ, бо мақсади муайян намудани сатҳи фаъолнокии таълими донишҷӯёни курсҳои якум, таҳлили оморӣ бо истифода аз меъёри χ^2 (хи-квадрат Пирсон) анҷом дода шуд.

$$\chi^2 = \frac{(70-37,18)^2}{37,18} + \frac{(72-38,25)^2}{38,25} + \frac{(28-14,88)^2}{14,88} + \frac{(25-13,31)^2}{13,31} + \frac{(75-39,81)^2}{39,81} + \frac{(70-37,24)^2}{37,24} =$$

$$= 28,97 + 29,78 + 11,64 + 10,27 + 31,11 + 28,82 = 140,59 .$$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (*df=2*), тибқи ҷадвалҳои додашуда $\alpha = 0,05$ буда, $\chi^2_{\text{критикӣ}}$=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисоб}}$=140,59> $\chi^2_{\text{критикӣ}}$=5,99

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки байни гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ аз рӯи сатҳҳои ташаккули дониш, малака ва қобилиятҳои таълимгирандагон фарқияти аз ҷиҳати оморӣ боэътимод вуҷуд дорад ($\chi^2_{\text{ҳисоб}}$ = 140,59; df = 2; p < 0,05).

Муқоисаи қимати эмпирикии χ^2 бо қимати критикӣ ($\chi^2_{\text{критикӣ}}$ = 5,99) нишон медиҳад, ки $\chi^2_{\text{ҳисоб}}$ ба таври назаррас аз $\chi^2_{\text{крит.}}$ зиёд мебошад, ки ин имконияти рад намудани гипотезаи сифриро фароҳам оварда, мавҷудияти таъсири воқеии омилҳои педагогиро тасдиқ менамояд. Ин натиҷа далолат бар он мекунад, ки тағйиротҳои ба қайдгирифташуда дар нишондиҳандаҳои таълимӣ на тасодуфӣ, балки натиҷаи татбиқи мақсадноки усули таълимии озмоишшуда мебошанд.

3. Рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ.

Рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ дар се сатҳ: паст, миёна ва баланд арзёбӣ карда мешавад.

Сатҳи паст. Ин сатҳ бо номустақилии шахсият ва суст будани малакаҳои худбаҳодиҳӣ тавсиф мешавад. Донишҷӯ қобилияти

воқеъбинона арзёбӣ намудани имкониятҳо ва натиҷаҳои фаъолияти худро надорад. Ӯ бештар ба фикри дигарон такя мекунад, дар қабули қарорҳо ноустувор аст ва ташаббускорӣ кам ба назар мерасад. Инчунин, худтанзимкунӣ ва худназоратӣ дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошта аз рӯйи **нишондиҳандаҳои** зерин арзёбӣ карда мешаванд:

- душворӣ дар муайян кардани қобилиятҳои шахсӣ;
- вобастагӣ аз арзёбии беруна;
- набудани худтанзимкунӣ;
- паст будани эътимод ба худ.

Сатҳи миёна. Дар ин сатҳ унсурҳои алоҳидаи рушди шахсият ва худбаҳодиҳӣ ташаккул ёфтаанд. Донишҷӯ қисман метавонад фаъолияти худро таҳлил намояд ва дар асоси он хулоса барорад. Ӯ баъзан ташаббус нишон медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки камбудиҳои худро ислоҳ намояд, аммо ин раванд ҳанӯз устувор нест. Сатҳи мазкур аз рӯйи низондиҳандаҳои зерин арзёбӣ карда мешавад:

- худбаҳодиҳии нисбатан воқеъбинона;
- қобилияти қисман худназоратӣ;
- иштирок дар худтаҳлил;
- ташаббуси ноустувор.

Сатҳи баланд. Ин сатҳ бо ташаккули пурраи сифатҳои шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ тавсиф мешавад. Донишҷӯ қобилияти арзёбии воқеъбинонаи фаъолияти худро дорад, метавонад камбудиҳоро мустақилона муайян ва бартараф намояд. Ӯ дорои худназоратӣ, худтанзимкунӣ ва эътимоди баланд ба худ мебошад. Фаъолияти ӯ бо мақсаднокӣ ва масъулиятнокӣ фарқ фарқ намуда, аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:

- худбаҳодиҳии дақиқ ва асоснок;
- худназоратӣ ва худтанзимкунӣ;
- қобилияти худтаҳлил ва худислоҳӣ;
- сатҳи баланди эътимод ба худ;
- ташаббускорӣ ва мустақилият.

Хулоса, тақсимоти мазкур имкон медиҳад, ки рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ ба таври системавӣ ва марҳилавӣ арзёбӣ карда шавад. Сатҳбандии пешниҳодшуда барои гузаронидани ташхиси педагогӣ, муқоисаи натиҷаҳои то ва баъд аз озмоиш, инчунин муайян намудани самаранокии таъсири методикаи таълимӣ мусоидат менамояд.

Тақсимоти донишҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ пеш аз озмоиши педагогӣ ва баъд аз он барои гурӯҳҳои озмоишӣ (170 нафар) ва назоратӣ (150 нафар) дар ҷадвалҳои оварда шудааст.

Ҷадвали 10. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ

Давра	Сатҳи паст		Сатҳи миёна		Сатҳи баланд		Ҳамагӣ
	шумора	%	шумора	%	шумора	%	
То озмоиш	60	35,3	80	47,1	30	17,6	170
Баъд аз озмоиш	20	11,8	60	35,3	90	52,9	170
Ҳамагӣ	80	23,5	140	41,2	120	35,3	340

Диаграммаи 8. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ то ва баъд аз озмоиш

Аз ҷадвали 10 ва диаграммаи 8 дида мешавад, ки барои критерияи мазкур то озмоиши педагогӣ қисми зиёди донишҷӯёни курсҳои якуми гурӯҳи озмоишӣ дар сатҳи паст ва миёна қарор доранд. Дар сатҳи баланд шумораи ками донишҷӯён қарор доранд. Баъд аз озмоиши педагогӣ шумораи донишҷӯёни дар сатҳи паст қарордшта аз 60 нафар ба 20 нафар коҳиш ёфта, мувофиқан аз 35,3% ба 11,8% кам шудааст. Дар сатҳи миёна тағйирот назаррас набуда, донишҷӯёни сатҳи баланд аз 30 нафар ба 90

нафар расиданд, яъне аз 17,6% ба 52,9% зиёд гардиданд. Натиҷаҳои болозикр нишон медиҳад, ки барои рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ татбиқи методҳои интерактивии таълим натиҷаи худро дод.

Ҷадвали 11. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ

Давра	Сатҳи паст		Сатҳи миёна		Сатҳи баланд		Ҳамагӣ
	шумора	%	шумора	%	шумора	%	
То озмоиш	50	33,3	60	40,0	40	26,7	150
Баъд аз озмоиш	45	30,0	55	36,7	50	33,3	150
Ҳамагӣ	95	31,7	115	38,3	90	30,0	300

Диаграммаи 9. Тақсимоти донишҷӯёни курси якуми гурӯҳи назоратӣ дар давраи мутобиқшавӣ аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ то ва баъд аз озмоиш

Аз ҷадвали 11 ва диаграммаи 9 дида мешавад, ки барои критерияи мазкури озмоиши педагогӣ қисми зиёди донишҷӯёни курсҳои якуми гурӯҳҳои

назоратӣ дар сатҳи миёна қарор дошта, тағйирёбии назаррас дида намешавад.

Барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қиматҳои интизории E – ро (то озмоиш ва баъд аз озмоиш) ҳисоб намуда, натиҷаи онро барои ҳисоб намудани қимати $\chi^2 = \sum \frac{(O-E)^2}{E}$ истифода мебарем. Натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷадвалҳои зерин оаварда шудааст.

Ҷадвали 12. Қиматҳои χ^2 барои гурӯҳи назоратӣ то ва баъд аз озмоиши педагогӣ барои тақсимоти донишиҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ

Сатҳ (давра)	*O*	*E*	*(O-E)2/E*
Паст (то озмоиш)	50	47,5	$(2,5)^2/47,5 \approx 0,13$
Миёна (то озмоиш)	60	57,5	$(2,5)^2/57,5 \approx 0,11$
Баланд (то озмоиш)	40	45	$(-5)^2/45 \approx 0,56$
Паст (баъд аз озмоиш)	45	47,5	$(-2,5)^2/47,5 \approx 0,13$
Миёна (баъд аз озмоиш)	55	57,5	$(-2,5)^2/57,5 \approx 0,11$
Баланд (баъд аз озмоиш)	50	45	$(5)^2/45 \approx 0,56$

Аз ҷадвали болозикр қимати χ^2-ро ҳосил мекунем.

$$\chi^2 \approx 0,13+0,11+0,56+0,13+0,11+0,56=1,60$$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (*df=2*), тибқи ҷадвалҳои додашуда $\alpha=0,05$ буда, $\chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$ аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисоб}} \approx 1,60 < \chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$

$\chi^2 \approx 1,6<5,99$ - фарқият аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок нест

Ҷадвали 13. Қиматҳои χ^2 барои гурӯҳи озмоишӣ то ва баъд аз озмоиши педагогӣ барои тақсимоти донишиҷӯёни курси якум аз рӯйи критерияи рушди шахсият ва малакаҳои худбаҳодиҳӣ

Сатҳ (давра)	*O*	*E*	$(O-E)^2/E$
Паст (то озмоиш)	60	40	$20^2/40=10$
Миёна (то озмоиш)	80	70	$10^2/70=1,43$
Баланд (то озмоиш)	30	60	$(-30)^2/60=15$
Паст (баъд аз озмоиш)	20	40	$(-20)^2/40=10$
Миёна (баъд аз озмоиш)	60	70	$(-10)^2/70=1,43$
Баланд (баъд аз озмоиш)	90	60	$30^2/60=15$

$$\chi^2 = 10+1,43+15+10+1,43+15$$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (*df=2*), тибқи ҷадвалҳои додашуда $\alpha=0,05$ буда, $\chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$ аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисоб}$ =52,86>=5,99 – фарқият аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок аст.

Ҳиссаи донишҷӯён бо сатҳи баланд ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки нишондиҳандаи самаранокии таҷрибаи педагогӣ мебошад.

4. Арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ

Дар таҳқиқоти мазкур критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ бо дарназардошти хусусиятҳои давраи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум таҳия ва татбиқ карда шудааст. Давраи мазкур марҳилаи муҳимми гузариш аз муҳити мактабӣ ба муҳити таҳсилоти олӣ ба ҳисоб рафта, бо тағйироти ҷиддӣ дар тарзи омӯзиш, талаботи таълимӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ мебошад. Аз ин лиҳоз, арзёбӣ ва дастгирии донишҷӯён бояд на танҳо натиҷаҳои таълимӣ, балки ҳолати равонӣ, сатҳи мутобиқшавӣ ва рушди шахсии онҳоро низ фаро гирад.

Арзёбӣ дар ин марҳила хусусияти ташхисӣ ва рушддиҳанда дошта, ба муайян намудани сатҳи омодагии донишҷӯён ба таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ равона карда шудааст. Барои ин аз методҳои гуногун, аз қабили мушоҳида, суҳбат, пурсишномаҳо, тестҳои ташхисӣ ва таҳлили фаъолияти таълимии донишҷӯён истифода бурда шуд. Ин методҳо имконият фароҳам оварданд, ки дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ, қобилияти мустақилона кор кардан, сатҳи тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ муайян карда шавад.

Дар баробари ин, диққати махсус ба нишондиҳандаҳои психологӣ, аз ҷумла сатҳи изтироб, худбоварӣ, ҳавасмандӣ ба таҳсил ва қобилияти мутобиқшавӣ дода шуд. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки қисми муайяни донишҷӯён дар марҳилаи аввал бо мушкилоти мутобиқшавӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин метавонад ба пастшавии фаъолияти таълимии онҳо таъсир расонад. Аз ин рӯ, зарурати ташкили низоми дастгирии психологӣ-педагогӣ ба миён меояд.

Дастгирии психологӣ-педагогӣ дар озмоиши педагогӣ ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои мақсаднок амалӣ карда шуд. Пеш аз ҳама, ба

донишҷӯён дар шиносоӣ бо талаботи низоми таҳсилоти олӣ, тарзи ташкили фаъолияти мустақилона ва идоракунии вақти шахсӣ кӯмак расонида шуд. Инчунин, машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ баргузор гардида, ба донишҷӯён имконият дода шуд, ки мушкилоти худро озодона баён намоянд ва роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо кунанд.

Дар раванди таълим, омӯзгорон нақши муҳими дастгирикунанда дошта, кӯшиш намуданд, ки муҳити мусоиди психологӣ фароҳам оваранд. Истифодаи методҳои фаъоли таълим, аз ҷумла масъалаҳои инкишофдиҳанда, кори гурӯҳӣ ва муҳокимаҳои дастаҷамъӣ ба баланд гардидани фаъолнокии донишҷӯён ва коҳиш ёфтани изтироб мусоидат намуд. Ҳамзамон, ба донишҷӯёне, ки дар азхудкунии мавод мушкилӣ доштанд, ёрии иловагӣ расонида шуд.

Барои баланд бардоштани самаранокии мутобиқшавӣ, ҳамчунин чорабиниҳои равона ба рушди малакаҳои коммуникативӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ ташкил карда шуданд. Ин тадбирҳо ба ташаккули муҳити дӯстона ва дастгиркунанда дар гурӯҳ мусоидат намуда, эҳсоси тааллуқ ба ҷомеаи донишгоҳиро дар донишҷӯён тақвият бахшиданд.

Дар натиҷаи татбиқи ин критерия (меъёр) муайян гардид, ки арзёбии мунтазам ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар давраи мутобиқшавӣ ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои таълимӣ, коҳиш ёфтани сатҳи изтироб ва баланд шудани ҳавасмандии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тариқ, ин критерия ҳамчун унсури муҳимми озмоиши педагогӣ баромад намуда, барои таъмини мутобиқшавии самараноки донишҷӯёни курси якум аҳамияти назаррас дорад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои давраи мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таҳсилоти олӣ, низоми арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар таҳқиқот дар се сатҳ инфиродӣ, гурӯҳӣ ва институтсионалӣ (муассисавӣ) пешниҳод мегардад. Ин тақсимот имкон медиҳад, ки раванди мутобиқшавӣ ба таври ҳамаҷониба фаро гирифта

шуда, ниёзҳо ва мушкилоти донишҷӯён дар сатҳҳои гуногун самаранок ҳал карда шаванд.

Сатҳи инфиродӣ. Дар ин сатҳ диққати асосӣ ба хусусиятҳои шахсии ҳар як донишҷӯ равона карда мешавад. Арзёбӣ тавассути усулҳои ташхисӣ, аз қабили пурсишномаҳо, тестҳои психологӣ, суҳбатҳои инфиродӣ ва мушоҳида амалӣ гардида, сатҳи омодагии донишҷӯ ба таҳсил, дараҷаи худбоварӣ, ҳавасмандӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ва ҳолати равонии ӯ муайян карда мешавад.

Дастгирии психологӣ-педагогӣ дар ин сатҳ дар шакли машваратҳои инфиродӣ, тавсияҳои методӣ оид ба ташкили фаъолияти мустақилона, идоракунии вақт ва бартараф намудани душвориҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Барои донишҷӯёне, ки бо мушкилоти мутобиқшавӣ рӯ ба рӯ мешаванд, барномаҳои инфиродии дастгирӣ таҳия карда мешаванд. Ин тамоюл ба рушди қобилиятҳои шахсӣ ва баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии ҳар як донишҷӯ мусоидат мекунад.

Сатҳи гурӯҳӣ. Дар сатҳи гурӯҳӣ арзёбӣ ба муайян намудани вазъи умумии мутобиқшавии донишҷӯён дар доираи гурӯҳи академӣ равона карда мешавад. Барои ин усулҳои мушоҳидаи фаъолияти гурӯҳӣ, муҳокимаҳои дастаҷамъӣ, пурсишҳои гурӯҳӣ ва таҳлили муносибатҳои байниҳамдигарии донишҷӯён истифода бурда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи ҳамкорӣ, фазои психологӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар гурӯҳ муайян карда шаванд.

Дастгирӣ дар ин сатҳ тавассути ташкили машғулиятҳои гурӯҳӣ, тренингҳои психологӣ, бозиҳои омӯзишӣ ва усулҳои фаъоли таълим (кори гурӯҳӣ, муҳокима, ҳалли масъалаҳои якҷоя) амалӣ мегардад. Ин чорабиниҳо ба ташаккули муҳити мусоиди психологӣ, рушди малакаҳои коммуникативӣ ва баланд бардоштани ҳисси ҳамбастагӣ дар байни донишҷӯён мусоидат менамоянд. Дар натиҷа, донишҷӯён худро ҳамчун як қисми коллектив эҳсос намуда, раванди мутобиқшавии онҳо осонтар мегардад.

Сатҳи институтсионалӣ (муассисавӣ). Дар ин сатҳ арзёбӣ ва дастгирӣ дар доираи сиёсати умумии муассисаи таҳсилоти олӣ амалӣ карда мешавад. Арзёбӣ тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои умумии таълимӣ (дараҷаи азхудкунӣ, давомот, натиҷаҳои имтиҳонҳо), пурсишҳои оммавӣ ва мониторинги раванди мутобиқшавии донишҷӯён анҷом дода мешавад.

Дастгирии психологӣ-педагогӣ дар ин сатҳ фарогири чорабиниҳои ташкилӣ ва методӣ мебошад. Аз ҷумла, баргузории ҳафтаҳои мутобиқшавӣ, семинар-тренингҳои шиносоӣ, фаъолияти марказҳои машваратӣ, ҷалби равоншиносон ва мураббиён, таҳияи дастурҳои методӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон. Инчунин, муҳайё намудани шароити мусоиди таълимӣ, аз ҷумла муҳити дӯстона, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ба мутобиқшавии муваффақонаи донишҷӯён мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, татбиқи низоми сезинагии арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ имкон медиҳад, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таҳсилоти олӣ ба таври муназзам, мақсаднок ва самаранок идора карда шавад. Ин тамоюл ба баланд гардидани сифати таълим, рушди шахсияти донишҷӯ ва мутобиқшавии устувори онҳо ба шароити нави таълимӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Озмоиши педагогӣ аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар се сатҳ (паст, миёна, миёна ва баланд) гузаронида аз ДДОТ ба номи С. Айни (210 нафар, аз ҷумла: 110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 10 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) аз ДДБ ба номи Н. Хусрав (200 нафар, аз ҷумла: 110 нафар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 90 нафар гурӯҳҳои назоратӣ) иштирок намуданд.

Дар зер ҷадвалҳои таҳлилӣ барои пешниҳоди тақсимоти донишҷӯён аз рӯйи се сатҳ (паст, миёна, баланд) бо дарназардошти критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш ва баъд аз озмоиш барои ҳар ду муассиса ба таври алоҳида оварда шудааст.

Ҷадвали 14. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш

Сатҳ	Гурӯҳи озмоишӣ		Гурӯҳи назоратӣ		Ҳамагӣ	
	шумора	%	шумора	%	шумора	%
Паст	48	43,6	44	44,0	92	43,8
Миёна	42	38,2	38	38,0	80	38,1
Баланд	20	18,2	18	18,0	38	18,1
Ҳамагӣ	110	100	100	100,0	210	100,0

Аз ҷадвали 14 бармеояд, ки тақсимоти донишҷӯён аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш ба чунин натиҷа оварда мерасонад. Қисми зиёди донишӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёна қарор доранд, сатҳи баланд бошад, ҳамагӣ 20 нафар донишҷӯро ташкил дода, ба 18,2% баробар аст. Тақсимоти донишҷӯён тибқи критерияи 4. Ҳам дар гурӯҳҳои назоратӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои озмоишӣ тақрибан баробар мебошанд.

Диаграммаи 10. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш

Аз ҷадвали болозикр қимати χ^2-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2=0,01$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{критикӣ}=5,99$ аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисобӣ}=0,01 < \chi^2_{критикӣ}=5,99$

$\chi^2_{ҳисоби}=0,01<5,99$ - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз чиҳати оморӣ аҳамиятнок нест ($p>0,05$)

Натиҷаҳои арзёбӣ барои критерияи болозикр барои донишҷӯёни курси якум баъд аз озмоиши педагогӣ дар ҷадвал ва диаграммаи зерин оварда шудаанд.

Ҷадвали 15. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш

Сатҳ	Гурӯҳи озмоишӣ		Гурӯҳи назоратӣ		Ҳамагӣ	
	шумора	%	шумора	%	шумора	%
Паст	22	20,0	36	36,0	58	27,6
Миёна	50	45,5	40	40,0	90	42,9
Баланд	38	34,5	24	24,0	62	29,5
Ҳамагӣ	110	100	100	100,0	210	100,0

Аз ҷадвали 888. бармеояд, ки баъд аз озмоиш дар гурӯҳи озмоиши сатҳи паст аз 42 нафар ба 22 нафар, яъне 20 нафар кам шуда, мувофиқан аз 43,6% ба 20,0% коҳиш ёфтааст. Сатҳи баланд бошад дар гурӯҳи озмоишӣ аз 20 нафар ба 38 нафар расида, мувофиқан аз 18,2% ба 34,5% афзудааст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад тағйирёбӣ дар сатҳҳои гуногун он қадар назаррас нест.



Диаграммаи 11. Тақсимоти донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш

Аз ҷадвали болозикр қимати χ^2-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2=8,21$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{критикӣ}=5,99$ аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{ҳисобӣ}=8,21>\chi^2_{критикӣ}=5,99$

$\chi^2_{ҳисоби}=8.21>5,99$ - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок мебошанд ($p<0,05$).

Ин нишон медиҳад, ки тағйироти бамаломада дар гурӯҳҳои озмоишӣ натиҷаи таъсири дастгирии психологӣ-педагогӣ мебошад.

Натиҷаи тақсимоти донишҷӯёни курси якуми ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар ҷадвалҳо ва диаграммаи зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 16. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш

Сатҳ	Гурӯҳи озмоишӣ		Гурӯҳи назоратӣ		Ҳамагӣ	
	шумора	%	шумора	%	шумора	%
Паст	50	45,5	41	45,6	91	45,5
Миёна	40	36,4	32	35,6	72	36,0
Баланд	20	18,1	17	18,8	37	18,5
Ҳамагӣ	110	100	90	100	200	100,0

Аз ҷадвали 16 бармеояд, ки тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ дар байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пеш аз озмоиш дар чунин сатҳ қарор дорад. Қисми зиёди донишҷӯёни курси якум дар сатҳҳои паст ва миёна қарор доранд, Дар сатҳи баланд бошад, ҳамагӣ 20 нафар донишҷӯ қарор дорад, ки мувофиқан ба 18,1% баробар аст.

Диаграммаи 12. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ пеш аз озмоиш

Аз ҷадвали 16 қимати χ^2-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне $\chi^2=0,02$

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, χ^2критикӣ=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисобӣ}}=0,02 < \chi^2_{\text{критикӣ}}=5,99$

$\chi^2_{\text{ҳисоби}}$ =0,02<5,99 - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок нест (p>0,05).

Гурӯҳҳо пеш аз озмоиш аз ҷиҳати оморӣ баробар мебошанд.

Ҷадвали 17. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш

Сатҳ	Гурӯҳи озмоишӣ		Гурӯҳи назоратӣ		Ҳамагӣ	
	шумора	%	шумора	%	шумора	%
Паст	24	21,8	34	37,8	58	29,0
Миёна	52	47,3	33	36,7	85	42,5
Баланд	34	30,9	23	25,5	57	28,5
Ҳамагӣ	110	100	90	100	200	100,0

Аз ҷадвали 17. бармеояд, ки баъд аз озмоиш дар гурӯҳи озмоиши сатҳи паст аз 50 нафар ба 24 нафар расида, 26 нафар кам шуда, мувофиқан аз 45,5% ба 20,0% коҳиш ёфтааст. Сатҳи баланд бошад дар гурӯҳи озмоишӣ аз 20 нафар ба 34 нафар расида, мувофиқан аз 18,2% ба 30,9% афзудааст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад тағйирёбӣ дар сатҳҳои гуногун он қадар назаррас нест.

Диаграммаи 13. Тақсимоти донишҷӯёни ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи сатҳи ташаккули нишондиҳандаҳои критерияи арзёбӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ баъд аз озмоиш

Аз ҷадвали 8888 қимати χ^2-ро пеш аз озмоиш ҳисоб намуда, ҳосил мекунем, яъне χ^2=6,47

Қимати критикӣ барои дараҷаи озодӣ (df=2), тибқи ҷадвалҳои додашуда буда, $\chi^2_{\text{критикӣ}}$=5,99 аст.

Ҳамин тавр, $\chi^2_{\text{ҳисобӣ}}$=6,4> $\chi^2_{\text{критикӣ}}$=5,99

$\chi^2_{\text{ҳисоби}}$=6,47>5,99 - фарқият байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок мебошад (p<0,05).

Натиҷаҳои муқоисавии бадастомада нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ пас аз татбиқи дастгирии психологӣ-педагогӣ афзоиши назарраси сатҳи баланд ва коҳиши сатҳи паст ба мушоҳида мерасад. Дар ҳоле ки дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот нисбатан камтар ва асосан дар доираи тағйироти табиӣ ба назар мерасад.

Таҳили оморӣ нишон дод, ки:

- пеш аз озмоиш дар ҳарду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фарқиятҳои оморӣ вуҷуд надоранд (p>0,05), тақрибан дар як сатҳ қарор доштани гурӯҳҳоро тасдиқ мекунад.

- баъд аз озмоиш фарқиятҳо аҳамиятнок гардиданд (p<0,05), ки таъсири мусбати модели дастгирии психологӣ-педагогӣ ва самаранокии методҳои татбиқшуда ва дурустии модели пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот ва дурустии фарзияи илмиро тақвият медиҳад.

Хулосаи боби сеюм

Дар таҳқиқоти эмпирикӣ муайян гардид, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ дорои хусусияти мураккаби системавӣ буда, ба таъсири маҷмӯи омилҳои педагогӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ вобастагии зич дорад, ки ин зарурати татбиқи тамоюли комплексиро тақозо менамояд.

Мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот дар асоси принсипҳои илмияти таҳқиқоти педагогӣ муайян гардида, имкон доданд, ки сатҳи ибтидоӣ, раванди ташаккул ва динамикаи тағйирёбии мутобиқшавии донишҷӯён ба таври пайгирона арзёбӣ карда шавад.

Муайян намудани сатҳҳо (паст, миёна ва баланд), меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ бо такя ба хусусиятҳои шахсиятии

донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ, ангезаи маърифатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ-равонӣ асоснок гардида, заминаи методологӣ барои арзёбии натиҷаҳо фароҳам оварда.

Натиҷаҳои марҳилаи ташхисӣ нишон доданд, ки дар оғози таҳсил қисми зиёди донишҷӯён ба сатҳҳои паст ва миёнаи мутобиқшавӣ мансуб буда, ин ҳолат зарурати таҳия ва татбиқи чораҳои мақсадноки педагогиро барои беҳтарсозии раванди мутобиқшавӣ таъкид менамояд.

Татбиқи модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум, ки ба ҳамгироии унсурҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва дастгирии психологӣ-педагогӣ асос ёфтааст, ба рушди устувори нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ мусоидат намуд.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш нишон дод, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ пас аз татбиқи модел афзоиши назарраси сатҳи баланд ва коҳиши ҳиссаи сатҳи паст ба мушоҳида расида, дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот асосан хусусияти камаҳамият доштанд.

Арзёбии оморӣ бо истифода аз критерияи χ^2 Пирсон эътимоднокии фарқиятҳои бадастомадаро тасдиқ намуда, аҳамиятнокии омории натиҷаҳои озмоиширо нишон дод, ки ин самаранокии модели пешниҳодшударо аз ҷиҳати илмӣ асоснок менамояд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи низомнок ва илмии модели методии таълими фанҳои педагогӣ метавонад раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ба таври назаррас беҳтар намуда, барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва рушди шахсияти касбии онҳо заминаи мусоид фароҳам оварад.

Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиш ва асоснок намудани хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ равона гардида, нишон дод, ки мутобиқшавӣ ҳамчун раванди мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули шахсияти ояндаи омӯзгор нақши калидӣ мебозад. Дар

ҷараёни таҳқиқот асосҳои назариявии масъала таҳлил гардида, мазмун ва моҳияти мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» дар заминаи равишҳои муосири илмӣ мушаххас карда шуданд. Муайян гардид, ки давраи ибтидоии таҳсил барои донишҷӯён марҳилаи ҳассос буда, ба омилҳои гуногуни равонӣ, иҷтимоӣ ва дидактикӣ вобастагии зич дорад.

Дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум таҳия ва пешниҳод карда шуд, ки он унсурҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва дастгирии иҷтимоӣ-психологиро дар бар мегирад. Татбиқи ин модел дар раванди таҳқиқоти эмпирикӣ нишон дод, ки фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва ташкили дастгирии мақсаднок ба беҳтар гардидани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва таҳлили оморӣ, аз ҷумла бо истифода аз критерияи χ^2, афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои сатҳи баланд ва коҳиши сатҳи пасти мутобиқшавиро дар гурӯҳҳои озмоишӣ тасдиқ намуданд. Ин ҳолат самаранокии модели пешниҳодшударо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок намуда, имконияти истифодаи онро дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таҳсил ва рушди шахсияти касбии донишҷӯён нишон медиҳад.

ХУЛОСА

Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси ба раванди таълим ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсияти онҳо имкон дод **хулосаҳои** зерин бароварда шаванд:

1. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълим дар донишгоҳҳо бо омодагии фаъолонаи онҳо барои қабул кардани тарзи нави зиндагӣ, хусусиятҳои хоси раванди таълими донишгоҳӣ, густариши доираи муошират бо шахсони нав ва инчунин татбиқи эҷодии имкониятҳои худ дар соҳаҳои илмӣ, ҷамъиятӣ, варзишӣ ва фароғатӣ алоқаманд мебошад.

2. Муайян гардид, ки шакл ва усулҳои муҳиму самараноки мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳит ва шароити таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз маҳоратҳое чун ташкили фаъолияти таълимӣ ва илмӣ, таҳия ва риояи низоми муносиби кор ва истироҳат, ташаккул ва густариши робитаҳои иҷтимоӣ, арзёбии шахсии ширкаткунандагони раванди таълим, худтанзимкунӣ ва арзёбии худ мутобиқи мақоми донишҷӯӣ иборат мебошанд.

3. Мушаххас шуд, ки шартҳои асосии мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ дар донишгоҳҳо иборатанд аз: фароҳам овардани муҳити рушди шахсияти донишҷӯён дар раванди ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак дар соҳаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, маишӣ ва коммуникативӣ; ташкили фаъолияти махсус, ки ба ташаккули иқтидори эҷодӣ ва худреализатсияи донишҷӯёни курси якум тавассути иштирок дар озмунҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва чорабиниҳои варзишӣ ва фароғатӣ нигаронида шудааст.

4. Раванди ташаккули мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якуми таълим ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ: ташхиси сатҳи ибтидоии мутобиқшавӣ, ташаккул ва инкишофи сифатҳои мутобиқшавӣ бо дарназардошти механизмҳои созгор шудан ва

мувофиқат кардани донишҷӯёни курси якум ба шароити таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ татбиқи фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, дидактикӣ, фароғатии фаъолияти ҳаётиро дар бар мегирад, ки аз ҷониби роҳбарияи муассисаи таҳсилот, ҳайати устодону омӯзгорон, фаъолони донишҷӯ анҷом дода мешавад.

5. Ҳамчун нишондиҳандаҳои мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни курси якуми таълим ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ: иштирок дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҷамъиятӣ, маҳорату малакаҳои коммуникативӣ ва бунёд намудани муносиабтҳои мусбати байнишахсиятӣ дар муҳити нави иҷтимоӣ, ташаккулёбии маҳорату малакаҳои худташкилкунӣ, худинкишофдиҳӣ, худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ амал мекунанд.

